# Ш О И Р И
# Д А Р Д Ҳ О

Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-4-5
К-45

Муҳаррир *Гурез Сафар*

К-45 **Коллектив. Шоири дардҳо** *(мақола, ёддошт ва шеърҳо)*. – Душанбе, «Адиб», 2011, 108 саҳ.

Дар ин маҷмӯа меҳрномаҳои ҳамқаламону дӯстон ба муносибати ҷашни 60-солагии шоир, узви иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон Акбар Абдулло гирд омадаанд, ки хислатҳои инсониву қаламкашии ӯро бозгӯ мекунанд.

ISBN 978-99947-2-004-0

© Акбар Абдулло, 2011

*Абдулҳамид САМАД*

## ПАЙРАВИ ПАДАР, ВАЛЕ ШОИР

Бо Акбар Абдулло моҳи апрели соли 1988 зимни сафари нахустини эҷодӣ ба сарзамини афсонавию мӯъҷизаҳо – Бадахшон шиносу ҳамсӯҳбат шудем. Мо, ба қавле, адибони ҷавони он даврон, Камол Насрулло ва банда аз рӯйи меҳру ҳавас бо роҳхати Иттифоқи нависандагон ба сайри Бадахшони овозадор ва ошноӣ бо мардуми ҳунарманди ин диёри домани гардун рафта будем. Он замон маҳфили адибони ҷавони вилояти кӯҳистони Бадахшон таҳти роҳбарии дӯсти шоирамон Ширин Бунёд хеле ривоҷу равнақ дошт. Вай ҷавонони эҷодкор, онҳоеро, ки дар сина оташ ва шарораи ишқи сухану суханварӣ доштанд, аз водиву дараҳои Помир гирд оварда, тавассути маҳфилу муҳокимаҳои ошкоро ба онҳо дарки маънӣ, роҳи омӯзишу ҷустуҷӯ ва эҷод меомӯзонд. Адибони намоёне чун Ато Мирхоҷа, Раъно Мубориз, Наҷмиддини Шоҳинбод дастпарвари ҳамон маҳфиланд. Вале Акбар Абдулло, ки аз фаъолони ин мактаби адабӣ буд, бо чанд сифаташ маро дар ҳайрат гузошт. Аввал ин ки ӯ омӯзгор ё корманди соҳаи фарҳанг не, милиса буд. Милисаи қаторӣ ҳам не, сардори шӯъбаи тафтишоти управлениями корҳои дохилии вилояти Бадахшон. Дуввум ин ки ӯ дар оилаи корманди масъули ҳифзи ҳуқуқ, дар милисахона таваллуд шудааст. Падараш шахси соҳибэҳтиром, сардори шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Восеъ буданд. Ва аз рӯи шунидам бо шоирони халқ Сайдалӣ Вализодаву Хол Ислом дӯстиву ҳамнишиниҳо доштанд. Акбари ҷавон, ҷусту чолок, хушзавқ, маъракаоро ва дидадаро пешаи падарро интихоб карда… Сеюм ин ки Акбар дар маҳфилҳо басо боҷуръатона ва хуб шеър мехонд. Ва чун базмаке барпо мешуд, вай созҳои бадахширо навохта, албатта ба овозхонии ҳунарпешаҳо шарик мешуд. Ва боз мушоҳидаи дигаре диққати маро ҷалб мекард. Вай ба ҳар муассиса, водӣ ё хонаҳои мардуми Бадахшон, ки ҳамроҳи мо мерафт, одамони солманд, омӯзгорону коргарони соҳаҳои дигар меши-

нохтандаш ва гарму самимӣ пешвозаш гирифта, мисли як фарзанд ё бародар бо ӯ сӯҳбат меоростанд.

Ёд дорам, ки ҳангоми аз ноҳияи Рӯшон ҷониби Ванҷ рафтан Алиакбар гуфт:

– Як апахонд дорам ин ҷо. Номаш Ҳалво. Ҳалво Баҳриддинова. Одамӣ одӣ, говдӯш аст. Сари қадам аҳволашро пурсем, шод мешавад.

– Э биродар, ғайри кӯҳу санг чизе ба чашм намерасад,– гуфтам ба ӯ. – Апахондат дар таги санг мезияд?

– Дар ферма, – бо ханда посух дод ӯ ва афзуд. – Бародарҳо, ганҷҳои Бадахшон дар дили кӯҳу сангҳо ҷо доранд. Апахонди ман ҳам ганҷи ноёфт аст. Зани одӣ, модари бузург, инсони наҷиб, говдуши пешқадам, дорандаи чанд ордену медал. Фарзандонаш донишҷӯи донишгоҳҳои пойтахт. Ҳозир зиёраташ бикунем, аз сӯҳбаташ шод мешавед.

Баъди як гардиш аз паси ангатзор дар домани кӯҳ биное намудор шуд. Бо ҳидояти Алиакбар шофир мошинро сӯи бино ҳай кард. Ва зане резапайкар, корҷома ба тан, мӯзаҳои соқбаланди пурлой дар по аз гӯсолахона баромада, бо лаби пуртабассум ва алфози пурнавозиш сӯйи мо омад.

– Э қабул сан, Алиакбар. Хуш омадед, ҷонам садқатон… Либосҳои чиркину безеби маро айб накунед…

– Бо дӯстони шоиру нависандаам Ванҷ меравем, – гуфт Алиакбар ва афзуд. – Ҳеҷ дилам нашуд, ки шуморо надида бигзарем.

– Э садқаи додарам, – бо садои саршори шодиву сурур гуфт апаи Ҳалво. – Нури дида, тоҷи сар. Ба кулбаи мо марҳамат!

– Ташаккур. Мақсад дидани дидору ҳолпурсии шумо буд,– гуфт Алиакбар. – Дӯстони мо дар як лаҳзаи кӯтоҳ ба шароити кору зиндагии чорводорон дар Бадахшон ошно шуданд. Дигар як фотиҳаи роҳи сафед диҳед, бас…

– Ин чи хел омадан? – изтироболуд мегӯяд апаи Ҳалво. – Як пиёла чой нахӯрда?

Ва ба неву нестони мо эътибор надода дар коғазпече чанд кулча ва мағзу тутмавиз тӯшаи роҳ медиҳад.

Дар Ванҷ низ хурду бузург Алиакбарро бо хушнудӣ

истиқбол мегирифтанд. Ва ман дар шигифт мемондам, ки онҳо аз корманди масъули милиса худро ба канор намекашанд, балки ба ӯ бо камоли эҳтиром муносибат мекунанд.

Сипас Алиакбарро ба шӯъбаи корҳои дохилии шаҳри Регар (ҳоло Турсунзода) ба ҳайси муовини сардор ба кор гузорониданд. Акнун ӯ ба муҳити адабии пойтахт пайваст.Ошноияш бо аҳли адабу ҳунар, шахсиятҳои барӯманди фарҳангӣ қавитар шуд. Вай аз ин нишасту сӯҳбатҳо барои ғанӣ гардонидани маънавияти худ ва ривоҷи эҷодиёташ файзҳо мебардошт. Навиштаҳояш низ дар саҳифаҳои маҷаллаву рӯзномаҳо дарҷ мегардиданд. Алиакбар ба устод Лоиқ писанд афтод ва ба эшон то ба охир чун шогирд содиқона хидмат ҳам кард. Ва маҷмӯаи нахустини ашъораш «Розҳои танҳоӣ» бо фотиҳаи устод Лоиқ рӯйи чопро дид. Устод бо дӯстдорӣ Акбарро Сарҳанг ном мегирифт ва навозишу гоҳе сарзаниш ҳам мекард. Ва дастгириву мадади ҷавонмардонаи Алиакбар дар рӯзҳои вазнину сиёҳи миллат андак-андак ба аҳли адабу фарҳанг расид. Ӯ буд, ки дар лаҳзаҳои сангин ҳолу аҳволи устодон Одина Ҳошим, Зафар Нозим, Хуршед Алидоду Давлатманди Хол, Сурайё Қосимоваю Афзалшоҳи Шодӣ ва бисёре аз аҳли адабро мепурсид.

Омад-омади баҳор Алиакбар пешниҳод кард, ки Кӯлоб биравем, ҳамроҳи устод Лоиқ. Ба ӯ гуфтам, ки замона нотинҷ асту роҳ хатарнок. Устод Лоиқро бурдан масъулият дорад.

– Масъулияташ бар дӯши ман,– гуфт Алиакбар. – Устод ҳам дар шаҳр дилтанг шудааст. Талу теппаҳои аз бодомзорони пуршукуфа гулпероҳан тамошобобанд. Дигар ин ки равему устод Ашӯр Сафар, Саидҷон Ҳакимзода, Ҳақназар Ғоиб, Абдуҷаббор Зардиевро ногаҳон хабар бигирем, аҷаб коре мешавад.

– Пешниҳоди олиҷаноб, – баъди матлабро шунидан гуфтанд устод Лоиқ ва шӯхиомез афзуданд. – Гардани шайтон шиканаду сухани Сарҳанг не. Росташ, ки кайҳо боз хумории сайри Кулобу сӯҳбату базми дӯстон шудаем. Меравем.

Табиат либоси нафиси сабзгун ба тан дошт. Дарахтони

бодом камари кӯҳ, сари сангу ҷариҳоро рангобаранг гулкорӣ карда. Ҳама ҷо барои мо, ки солу моҳҳо аз шаҳри пурмоҷаро набаромада ва аз «асорат»-и рӯйдоду ахбори нохуш дилгиру хастаҷон шуда будем, басо тамошобобу масаратбахш буд. Танҳо роҳ ба андозае холӣ буд, ки ба назар асрорангез метофт ва ба дилҳо андешаҳои мағшушро ҷо мекард. Алиакбар шояд ба хотири пӯшонидани ҳамин камбудӣ дам ба дам шоҳбайту рубоие мехонд ва ё садои ҷонгудози суруду мӯсиқии Давлатмандро баланд мекард.

– Э тоҷике, – чашм аз манзараҳо наканда, менолид устод Лоиқ, – ҳамеша дасту миёни худатро худат мешиканӣ. Кай дурандеш, якдилу яктан мешавӣ? Ин табиати биҳиштосо, адабиёти ҳазорсоларо пеши назар биёреду ҷангу ҷидолро.

Чун ба даштҳои Данғара расидем, як манзараи нотакрор ва афсонавӣ пеш омад. Осмони тунукабрро саф андар саф, қатор андар қатори кулангҳо пур мекард. Бо хоҳиши устод Лоиқ Алиакбар мошинро бари роҳ боздошт. Мо болои теппае сабзу шодоб баромадем. Фазо аз шуру ғавғои турнаҳо, ки ба ҳар дастур, лек сафро вайрон накарда, пайи ҳам, беохир рӯ ба шимол бол меафшонданд, пури пур буд. Ин манзара, ба ростӣ, моро ба ҳаяҷон оварда буд.

– Эҳе, – баногоҳ дастноташро болсон ба ду тараф ёзонда, аз мағзи ҷон наъра кашиданд устод Лоиқ, – Бе ман куҷо меравед, ошноҳои бачагиям?!

Бачагиям бо қатори турнаҳо якҷо гузашт. Сарҳанг, ташаккур. Агар моро аз шаҳр кашида намебаровардӣ, ин манзараро ҳаргиз намедидем.

Устод Лоиқ мисли кӯдак шодӣ мекарданд, чашм аз қатори турнаҳо наканда, аз ҳавои тозаву муаттар нафас мекашиданд…

Воқеан Акбари Абдулло дар солу рӯзҳои мушкилу сангин ҳам барои тинҷиву оромии мардум, расидан ба сулҳу ваҳдати ҷомеа талош меварзид, ҳам шеър менавишт, ҳам ҷавонмардона ба хидмати дӯстон мерасид.

***2.02.2011***

***ФАРЗОНА***

## ОВОЗИ МУФАРРЕҲ

Салому дуруд бародари қаламвару нургустар Акбар Абдулло!

Дар соядасти эҳдоии китоби ашъоратон «Ниёзи дил» навиштаед, ки «ба хоҳаракам Фарзона аз муаллифи ин сатрҳо, ки тӯҳмат ба номи шеъранд». Шумо бо тавозӯи сутуданӣ ба худ унвони шоирӣ надодаед. Шояд бархе шуморо бо рутбаҳои ҳарбиятон мешиносанд, бархи дигар бо мартабаи шоирӣ ва гурӯҳи севум бо мақоми олии Инсонӣ.

Дар воқеъ:

*Одам кам аст, одамаконанд ин ҳама,*
*Натвон гирифт рутбаи Одам ба орият.*
*Шоистатар зи рутбаи Одам мақом нест,*
*Арзандаӣ ба ин насаби ифтихорият.*

Доктор Алии Шариатӣ мегӯяд, ки «бузургтарин ҳадафи башар Инсон шудан аст, яъне Инсон-ин сунъи нимонимӣ, ки нимаш руҷӯъ мекунад ба мабдаи лоҳутӣ ва ними дигараш ба ибтидои носутӣ, дар ҷиҳоди абадӣ бо худ қарор дорад ва чӣ басе хушбахтоне ҳастанд, ки бо гудозишҳои мустадоми рӯҳу вероишҳои пайвастаи ботин раҳораҳ на залилтар, балки зулолтар, на олудатар, балки полудатар, на аз дарун костатар, балки дар ниҳону пайдо оростатар гардидаанд, афроде, ки сулуки ҷовидонашон пайваста ба олами ҷон будааст. Агар пурсанд, ки ин фалсафаи сода ба мақсуду манзури мо чӣ рабт дорад, посух медиҳам, ки бешак, ҳамин ангезаи равонии полоиш ва такмилро дар таронаҳои Шумо мебинам. Мухотаби Шумо ҳамеша Инсонест, ки дилаш тафарруҷгоҳи бузурги муҳаббат аст ва туфайли ҳастии азизи ӯ омадани баҳор, милоди шукуфаҳои наврӯзӣ, мубодилаи аладдавоми рӯзу шаб, ҳаёти мушаъшаъи хуршеду маҳтоб ва аслан ҳастии тамоми сайёра мантиқ дорад.

Кист он Инсон? Дар шеъри шоири зеҳнгарое мухотаб як инсони ормонии пиндориву рӯъёист, ки тамоми сифоти

беҳинро ба ӯ бастаанду ҳама тақсиру нуқсонро аз сиришташ ихтисор кардаанд. Аммо инсони маҳбуби Шумо фарди улвии малакутии самоӣ нест, балки Модар аст, Падар аст, Хоҳару Ҳамсар аст,Фарзанду Пайванд, Бародару Ёру Дӯст аст, ки бо муҳаббату рабоишу ҷозибаи бузурги заминии худ мафҳуми «Дӯст доштан»-ро тафсиру тасбит мекунад. Агар дар ду палаи тарозу он ду ишқро гузорем, яке сабуку дигар сангин нест, ҳарду ҳамҳаҷму якҷинсу якҷавҳаранд. Дар ҳар сурат касе, ки дар мавҳумот намепечад ва ба мушаххасот мегарояд, шояд бештар пирӯз мешавад, зеро ҳадафаш рӯшантару пайдотар аст. Шумо низ инсони шукргузоред, ки бо мавоиди саодат дил хуш намекунед, балки масаррату нишоти нақдро мебинеду мепазиреду арҷ мегузоред ва Корсози Ҷонофаринро алҳамд мегӯед, ки дар ҳалқаи муҳаббати ин муҳиббони бебадал Шуморо фурсату рухсати будан додааст. Кош, ин фурсату рухсати хуҷаста ба мӯҳлати дуру дарози тақвим тамдид шавад ва Шумо башоратҳои наҷиби дили худро солиёни тӯлонӣ ба унвони дилҳои дигари ҷӯёву пӯё ирсол намоед. Агар зиндагии Шумо ду қисмат дошта бошад, дар қисмати аввал ба далели афсари низомӣ буданатон шеър мавқеи аввалия надошт, аммо умедворем, ки назму низоми ҳарбӣ, инак, ба назму низоми зарбиву зарабонӣ иваз шудааст ва дар идомаи ин ҷодаи рӯҳонӣ шеър Шуморо радифи ҷовидон хоҳад шуд.

Рӯзгоре, дар разму пайкорҳои манҳуси Ватан, ки ҳама дар чор сӯ гумгашта буданд, устоди зиндаёд Лоиқ бо хавотириву нигаронӣ Шуморо, ки дар овардгоҳҳо будед, ёд мекарданд. Хушбахтона, баъди салоҳу рафоҳ ёрон дубора бо ҳам омаданд ва устод Лоиқ ба шодбоди дидори Шумо гуфта буданд:

*Шукри дидорат, бародар, зинда мебинам туро,*
*Рафтагон рафтанду ман оянда мебинам туро.*

Мо ҳам орзумандем, ки дар ин дунёи раванда Шумо ҳамеша мубашшири оянда бошед ва ҷовидона раҳ баред ба ибдоъ, ба ифтитоҳ, ба овозҳои сабзи муфарреҳ!

*Боймурод ШАРИФЗОДА*

## НАЗАРЕ БА АШЪОРИ АКБАР АБДУЛЛО

Шеър паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти инсонро тасвиру ифода карда, ба онҳо ҳукми одилонаи худро мебарорад. Шеър қудрате дорад, ки ба ниҳонхонаи дилу нияти инсон роҳ ҷуста, онро вонамояд ва бо меъёри садоқат ба ахлоқи инсонӣ бисанҷад, ки ин кор аз дасти ҳеҷ додгустаре намеояд. Ва он ҳукм ҳамеша ҳукми ҳаққонист

Дар қаламрави шеъри тоҷикӣ дар баробари шоирони касбӣ, ки бештар мактабҳои адабӣ дидаанду донишкадаҳои филологиро хатм кардаанд, боз ҳастанд шоироне, ки худрӯянд. Яъне, аз рӯи касби хеш ба адабиёту фарҳанг наздикӣ надоранд ва бо такя ба истеъдоди фитрии хеш ба эҷоди бадеӣ машғул мешаванд. Табиист, ки барои шоир ва ё нависанда шудан дар баробари донистани ҳаёт боз огоҳ будан аз улуми адабӣ муҳим аст. Назарияи ҳар як фанро донистан шарти асосист, зеро бидуни дарки масъалаҳои назарии адабӣ эҷод кардани асари комил ғайриимкон аст.

Шоире, ки мо ашъорашро мавриди таҳлили шогирдона қарор доданием, дар воқеъ аз зумраи он қаламкашонест, ки тамоми фаъолияти меҳнатиаш дар ҷодаи муҳофизати қонун сарф шудааст.

Акбар Абдулло (Абдуллоев Акбар Шарифович) 9-июни соли 1950 дар ҷамоати Даштиҷуми вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 1965 пас аз хатми синфи 8-и мактаби миёнаи рақами 1-и ноҳияи Восеъ ба техникуми индустралии педагогии шаҳри Душанбе дохил шуда, онро соли 1969 ба пуррагӣ хатм намудааст. Солҳои 1969-1971 дар сафҳои Армияи Шӯравӣ хизмати ватанро адо кардааст. Мавсуф аз соли 1972 то соли 1976 дар мактаби олии Вазорати корҳои дохилии дар шаҳри Тошканд будаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ таҳсил кардааст. Аз соли 1976 инҷониб дар шаҳру ноҳияҳои мухталифи ҷумҳурӣ дар вазифаҳои масъули роҳбарикунандаи умури дохила кор карда омада истодааст. Рутбаи полковнки милитсаро соҳиб аст.

Дар баробари иҷрои вазифаи хизматӣ Акбар Абдулло ба гуфтани шеъру тарона ва публитсистика низ шуғл меварзад. Маҷмӯаҳои шоир бо номҳои «Розҳои танҳоӣ» (Душанбе, «Адиб»,1991), «Фарёди дур» (Иттиҳоди адибони вилояти Хуҷанд,1993), «Фарёди ёри дур» (Душанбе «Вароруд»,1993), «Кошонаи сӯхта» (Душанбе, «Шарқи Озод», 1997) «Созҳо аз розҳо» (Душанбе, «Шарқи озод», 2001), «Ниёзи дил» (Душанбе: «Адиб», 2008) то ба имрӯз дастраси ҳаводорони шеър гаштааст.

Акбар Абдулло аз соли 1993 инҷониб узви Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон мебошад.

Ашъори Акбар Абдулло то ба имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони шеър мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ дар ин тадқиқоти шогирдонаи хеш мо тасмим гирифтаем, ки маҷмӯаи ба тозагӣ интишорёфтаи шоирро, ки «Созҳо аз розҳо» ном дорад, таҳлил намоем.

Таъин кардани хусусиятҳои мундариҷавӣ ва шаклии ашъори ин ва ё он шоир дар асл кори саҳл нест. Зеро барои пажӯҳиши ин масъала моро лозим меояд, ки аз қонуниятҳои дохилии шеър ба хубӣ огоҳ бошем ва каломи шоиронаю шеъри асилро аз ҳар гуна суханҳои оддию муқаррарӣ фарқ карда тавонем. Таърихи адабиёти ҳазорсолаи мо, ки бунёдаш бар шеър асос ёфтааст, дар тӯли мавҷудияти худ марҳилаҳои гуногунро тай карда, таҳаввулоти зиёдеро паси сар намудааст. Дар муддати ин таърихи дароз дар баробари густариши каломи бадеъ илми адабиётшиносӣ низ амал карда, паҳлӯҳои баёнӣ ва маънавии адабиётро ҳаматарафа мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Илми маонӣ ва илми баён ду қисмати асосии балоғати суханварӣ буда, ҳар кадоме масъалаҳои тадқиқии худро доро мебошанд. Дуруст аст, ки дар садаи бистум илми адабиётшиносии мо бо фарогир шудани масоили мундариҷавии бештаре асосан ба масъалаҳое сару кор гирифт, ки хоси мундариҷаи адабиёт мебошанд. Лекин дар баробари ин ҷиҳатҳои шаклии адабиёт ҳам аз ҷониби муҳаққиқон ба таври муфассалу илмӣ омӯхтаю тадқиқ шуданд.

Вақте ки мо мундариҷаи каломи бадеъ мегӯем, асосан

мавзӯъ, мазмун ва ғояи асари бадеиро пеши назар меорем. Агар аз мавқеи маъной мо хоҳем, ки шеърро таҳлилу таҳқиқ созем, гуфтаниҳо зиёд мешаванд, зеро мавзӯъ интиҳо надорад ва мазмуне нест, ки дар адабиёт ногуфта монда бошад. Вале таҳлили шаклии адабиёт масъулияти бештареро тақозо менамояд. Дар ин маврид адабиётшинос ва сухансанҷро лозим меояд, ки поэтикаи шеърро хуб донад ва дар баробари воқиф будан аз санъатҳои шеърию дигар лавозимоти фаннӣ ҳамчунин дарк карда тавонад, ки шеъри мавриди тадқиқаш аз нигоҳи баёнӣ то кадом андоза навоварӣ дорад.

Мазмуни санъату адабиёт воқеиятест, ки санъаткор аз рӯи ҷаҳонбинию таҷрибаи эҷодиаш дида идрок кардааст ва аз тарафи дигар мувофиқи хусусиятҳои жанрии санъати баргузидааш эҷодкорона акс намудааст.

Агар аз рӯи хулосаҳои дар боло ба даст омада ба шеърҳои Акбар Абдулло наздик шавем, метавон чунин мулоҳиза кард, ки тамоми шеърҳои ӯ дорои мазмун, мавзӯъ ва ғояи муайяне мебошанд. Мавзӯи ишқ, Ватан, Тоҷикистону манзараҳои он, шикоят аз замону ҳамқавмон, шодиву тараб, марсияву дареғ, таърих, забон, шахсиятҳои таърихӣ ва амсоли инҳо аз мавзуотеанд, ки дар ашъори Акбар Абдулло инъикос ёфтаанд. Мо то ҳадди имкон баъзе аз мавзӯъҳои густурдаи ин маҷмӯаро ҳоло таҳлил менамоем.

***А) Мавзӯи Ватан ва забон***

Ватан маконест, ки инсон дар он ҷо ба дунё меояд, камол меёбад ва фано мешавад. Дар ин макон инсон муҳите дорад, ки хама чиз барояш ошно аст. Модар, забон, Ватан мафҳумҳои тавъаманд. Вақте ки кас аз ин муҳит дур меравад, барояш марҳалаи ғурбат сар мешавад. Яъне ғарибӣ дар муқобили мафҳуми ватан меистад.

Дар шеъри форсии тоҷикӣ мафҳуми ватан густариши хосса дорад. Нест шоире, ки дар васфи ватану диёри худаш шеъре нагуфта бошад. Хусусан дар замони Шуравӣ шоирон бештар ба ин мавзӯъ дахолат кардаанд. Дар он замон мафҳумҳое аз қабили «Ватани бузург» ва «Ватани хурд»

пайдо шуда буд, ки аввалӣ тамоми сарзамини Шӯравиро мефаҳмонду дигараш Тоҷикистонро. Дар баробари ин зодгоҳ ҳам чун Ватани асосӣ дар шеър инъикос мешуд. Дар ин ҷода ҳамаи шоирони садаи бистуми адабиёти тоҷик шеърҳо доранд.

Дар ашъори Акбар Абдулло мафҳуми ватан бо ҳамаи маъниҳояш инъикос шудааст. Дар шеъри «Ман ба меҳри модарони рӯи дунё зиндаам» шоир дар бораи модару ватан чунин менависад:

*Нест болотар зи номи модару номи Ватан,*
*Ман ба ин ду номи неку номи воло зиндаам.*
*Ҳар нафас меболам аз шаъну шукӯҳат, эй Ватан,*
*Ин замон гӯӣ, ки ман бо ҷумла дунё зиндаам.*

Дар пораи иқтибосшудаи шеъри мазкур ватан, ки диёри шоир аст, бо тамоми дунё алоқамандӣ пайдо кардааст. Воқеан, барои инъикос кардани ватан шоиронро қудрати беандозае лозим мешавад, то ин ки онро ситоишу васф намоянд.

Ҳамон тавре ки адабиётшинос ва мунаққиди тоҷик Юсуф Акбаров менависад: «Охири солҳои панҷоҳ ва ибтидои солҳои шаст дар адабиёти мо мазмуни меҳри ватан боз ҳам фарохтару амиқтар шуда, ҷиҳату паҳлӯҳои тоза касб кард. Агар то ин вақт «ватан» мафҳуми умумию фарох касб карда, ғолибан ватани бузурги сотсиалистиро дар назар дошта бошад (ҳарчанд ки ватани бузург ва «ватани кӯчак» аз ҳам ҷудоӣ надоштанд) пас солҳои шаст ҳафтод мафҳумҳои «Ватани хурд»-и Ватани бузург ба сурати мушаххас ба миён омада, ҳар кадом мафҳумҳои конкретро дарбар карданд, ки аввали зодгоҳи ҷойҳои азизу солҳои кӯдакӣ ва дуюмӣ тамоми кишвари паҳновари советиро ифода намуд. Мавзӯи деҳот, кӯҳу кӯҳистон ва зодгоҳи ҳар адиб ва хусусан шоир дар адбиёти советӣ мавқеи асосӣ пайдо кард. Ҳар адиб умдатарин хосияту нишона ва тафовутҳои зодгоҳ, сарзамину диёри худ ва одамони асилу меҳнатқарини онро бо рангу бори миллӣ ба қалам меовард. Аз тасвири манзараи табиат

бисёр хосиятҳои умдаи миллии ҳар халқ аён мешавад. Масалан, барои адибони қазоқу қирғиз ва туркман паҳно ва биёбонҳои фароху бепоён, регзорҳо, рамаҳои гӯсфанд, гандумзору хиргоҳу авул ва корвонҳои шутур, барои адибони русу украину белорус заминҳои кишт, ҷангалзору баҳру дарёҳо, табиати зебои дилфиреб, занбӯруғ, зимистони қаҳратун ва роҳатафзо, бозиҳои рӯи ях ва ғайра, барои гурҷиҳо токзору буттаҳои чой, барои адибони Доғистону Тоҷикистон ва дигар кишварҳои кӯҳсор кӯҳҳои сар ба фалак, пайраҳаҳои борики кӯҳсору чашмаҳои хунуку шаффофи кӯҳӣ, пахтазор ва амсоли ин хос аст.»

Вале баъди ҳодисаҳои ба ҳама маълуми солҳои навадуми асри бистум, мавзӯи ватан дар шеъри шоирони муосири мо тобиши дигар гирифт. Акнун онҳое, ки аз ватан берун шуда буданд, дар шеърҳояшон мавзӯи ғурбатро инъикос мекарданд ва ватанро дигар хел маънидод менамуданд. Чунончи, дар маҷмӯаи Гулрухсор Сафиева чунин навишта шудааст: «Аслан Ватан чист? Ҳамон Ватане, ки рафтагон онро дар дилашон ба ғурбатсаро бурданд, қурбониён дар дилаш орамиданд, силоҳдорон синаашро чок-чок карданд? Ватан дар вуҷуди инсон аст, бо инсонии худ, бо нангу ори худ, бо орзуҳои худ, бо имони худ, бо бӯи хоки диёр, бо ишқи сафои рӯдбори худ, бо пайи захмҳои сангҳояш, бо неши хорҳои гулистонаш, бо ёди кӯдакии хеш, бо ҳароси марги пир ва орзуи насибаи орамидан дар ду ваҷаб хоки меросӣ. Ҳамин Ватанро гурезагони ваҳшатзада, чун охирин ганҷи ранҷу заҳмат бо худ бурданд, ҳамин Ватанро озодӣ, ободӣ, истиқлол, камол ва рушди онро шоирон сурудаанд, ҳамин Ватанро, ки аз қаҳри яздон ё ҷаҳли шайтон ба «маркази таҷрибаи аҳриманӣ» табдил ёфтааст, – чун ҷоми булӯрин дар кафи ларзони ишқу умеду орзуҳои худ, ҳар як ватандор бардошта мехоҳад «зи бишкастан барад то ношикастан»/

Аз нигоҳи тасвиру маҳорат ашъори Акбар Абдулло дар сари мавзӯи мазкур чандон навоварона нест. Ӯ кӯшиш мекунад, ки меҳру муҳаббати беандозаашро нисбати Ватану кишвараш бо ифодаҳои соддаву самимӣ ифода созад. Чунончи:

*Тоҷикистон, васфи ту бо ҳарфи нав сар мекунам,*
*Васфи ту бо рангу бӯи тозаву тар мекунам.*
*Шодмона зистам дар ту мани кӯҳдоманӣ,*
*Ҳамнишинӣ гӯиё бо моҳу ахтар мекунам.*
*Аз ҳама болоиҳои кӯҳсори сангзод*
*Фахрҳо чун тифли кӯҳ дар баҳру дар бар мекунам.*
*Фахри миллат гаштаанд имрӯз фарзандони ту,*
*Номашон бо ифтихори нав ба дафтар мекунам.*
*Сабзу хуррам дар миёни кӯҳҳои сарбаланд,*
*Ман туро тасвир чун боғи муаттар мекунам.*

Дар ин сатрҳо як олам фикру андеша ва муҳаббати беандоза нисбат ба як пора хоки ватан басо самимию дилчасп ифода шудааст. Вуҷуди шоир аз ҳар санги кӯҳу ҳар қатра об таркиб ёфтааст. Бинобар ҳамин ӯ ҳар санги кӯҳ, хонаву дар, ҳар пораи замин ва ҳар қатра оби зодгоҳ ва ҷумҳуриашро аз дилу ҷон дӯст медорад ва бе онҳо мавҷудияти худашро тасаввур карда наметавонад.

Дар шеъри «Хатлони ман» шоир ба таърихи зодгоҳаш назар афканда, аз роҳи эҳсосу таассуроти хеш мехоҳад садоқаташаро ба диёраш, ки қисмати талхеро дар тӯли таърих аз сар гузарондааст, баён намояд.

*Хатлони ман, Хатлони ман,*
*Эй мулки пурармони ман.*
*Аз бахти ноҷури ту рафт*
*То бар фалак афғони ман.*

Дар идомаи шеъри мазкур шоир мегӯяд, ки бо ватанаш ҳамқисмату ҳамҷодааст ва дар гаҳвораи поки Аҷам бо гавҳари пок тарбия ёфтааст. Ҳарчанд аз каҷравию нобасомониҳои фалак Ҳулбук зери хок мондааст ва садҳо розу умедҳо андар дили ғамнок шудааст, бо вуҷуди ин фарзандони бонангу номусаш ноумед нашуданд ва имрӯз ба касе қасд надоранд. Шоир фахр мекунад, ки маҳз дар миёни ҳамин кӯҳҳои осмонбӯсу табиати дилангез ва дар ҳамин

сарзамини шоирхез тавлид шуда, ба воя расидааст. Ҳар санги кӯҳ, ҳар пайроҳаи диёр ҳар садои руду чашмаҳои шӯхи кӯҳ ба шоир шинос аст. Садои дили шоир бо рӯдҳои диёраш ҳамоҳангу ҳамовоз гашта ба ҳам даромехтаю махлут шудаанд.

Дар баробари тасвири ватану сарзамини кишвар мавзӯе, ки пайваставу алоқаманд ба он аст, ин забони модарӣ аст. Дар бораи забони модарӣ ҳамчун арзиши бузурги инсонӣ ва миллӣ қариб ҳамаи шоирони мо сурудаҳои дилангез доранд. Ва дар адабиёти Шӯравии тоҷик чунин ба назар мерасад,ки замоне байни шоирон барои инъикос кардани ин мавзӯъ сабқате вуҷуд доштааст. Аз рӯи эътирофи бештари шеършиносон шеъри «Забони модарӣ»-и Бозор Собир аз беҳтарин сурудаҳо дар ин мавзӯъ ба шумор меравад.

Дар шеъри «Забони модарӣ»-и Акбар Абдулло дар маҷмӯъ тавсифҳои умумӣ дида мешаванд, вале баъзе мулоҳизаҳои шоир қобили таваҷҷӯҳанд.

*Лаҳни поки бебаҳои модарам,*
*Мекунам пайдо туро дар ҷони худ.*
*Эй мани лабташнаро оби ҳаёт,*
*Бишканам бо сози ту армони худ.*

*Эй забони панду шеъри Рӯдакӣ,*
*Эй забони Буалӣ, лафзи Шифо.*
*Эй давои дардҳои одамӣ,*
*Эй забони ваҳдати аҳли сафо.*

Тавре мушоҳида мешавад, дар мисраъҳои боло ягон андеша ва тасвири тозаи шоирона мавҷуд нест. Мазмуни мисраъҳои баъдии ин шеър чунин аст, ки шоир ба таърих ишора мекунад ва мегӯяд, ки дар тӯли солҳои зиёде аз дасти аҷнабиён миллати мо азият кашидааст, вале шамшери аҷал натавонистааст риштаи умри забонро биканад. Дар шеъри шоир таманниёту иддаояш қобили таваҷҷӯҳ мебошад.

*Гар касе хезад ба қасди куштанат,*
*Ман ба рағми душманат хезам ба по.*
*Ҳамчу Фирдавсӣ туро эҳё кунам,*
*Бӯалӣ гардам, туро созам даво.*

*Эй ту лаҳни модарӣ, худ омадӣ*
*Бар ниҳоди ман зи шири модарам.*
*Зинда медорам туро дар шеъри худ,*
*Аз ту орам сеҳр бар шеъри тарам.*

Воқеан, забон на танҳо воситаи муошират, балки барои шоир воситаест, ки ӯ метавонад тавассути он номи худро дар олами шеър зинда созад, ба шарте, ки аз тамоми паҳлуҳои забон огоҳ бошад. Ва шахсе, ки маърифати суханварию забондонӣ надорад ва сабки эҷодаш комил нест, бояд пайваста аз бузургон, аз халқ омӯзад, забону сабкашро ғанӣ гардонад ва сайқал бидиҳад.

Дар адабиёт ҳеҷ мавзӯе нест, ки ба истиснои муоҳияти маънавию ахлоқии он ҳал карда шавад. Агар мавзӯи асар ба монанди дарахти сершоху бар бошад, моҳияти маънавию ахлоқии он шабеҳи решаҳоест, ки дар зери замин баробари дарозию бисёрии шохаҳо давидааст ва ба замми он боиси ҳастӣ ва сабзиши онҳо мебошад. Амиқ рафтани решаҳо сабаби баланд шудани шохаҳост. Ҳамин тавр дар адабиёт ҳам адибе, ки дар ҷустуҷӯ ва тадқиқи масъалаҳои маънавию ахлоқӣ ҳар қадар амиқ меравад, оҳанги замонӣ ва иҷтимоии эҷодиёташ ҳамон қадар баландтар мешавад. Оҳанги замонӣ ва иҷтимоӣ пайдо карани асар бо чигунагии ҳалли масъалаҳои маънавию ахлоқӣ сахт вобаста аст. Маънавиёти ахлоқ бо вуҷуди аз сарчашмаҳои ҷовидонии ҳастии инсон об хӯрданашон чизҳои бо замон пайваста ва иҷтимоианд, бинобар ин мафҳумҳое, ки мо имрӯз ба кор мебарем, ба монанди ахлоқи замон ва ахлоқи иҷтимоӣ мафҳумҳои комилан реалӣ ҳастанд. Меъёри ягонаи баҳои мо ба фаъолияти инсони имрӯза принсипҳои устувори маънавиёту ахлоқи умумибашарӣ мебошад. Таърих, забон ва маданият арзишҳоеанд, ки халқ дар давоми асрҳо ба вуҷуд оварда,

онҳоро ҳифз мекунад, гиромӣ медорад ва чигунагии муносибати ҳар насл ба онҳо аз дараҷаи камолоти маънавию ахлоқии он шаҳодат медиҳад. Муносибати дилсӯзона ба ин гуна арзишҳои инсонӣ аломати инкишоф ва камолоти ҷамъият аст. Вақте ки шоир дар бораи тассуроти шахсӣ аз ишқу ошиқӣ ва монанди онҳо сухан мегӯяд, санъати баланд зарур мешудааст, вақте ки ӯ аз мавзӯе сухан мегӯяд, ки он барои тамоми халқ ва ҷомеа муҳим аст, аз маҳорат ва шеърияти олӣ қатъи назар кардан мумкин будааст.

***Б) Тарҷумони ишқ***

Қисмати аъзами маҷмӯаи шеърии мавриди таҳлили моро мавзӯи ишқ фаро гирифтааст. Ишқ яке аз мавзӯъҳои азалии адабиёти форсу тоҷик ба шумор меравад. Шоирони классики мо дар тараннуми ин масъала доди суханварӣ додаанд. Вобаста ба ҷаҳонбинӣ ва равияи ахлоқӣ ашъори ишқии шоирони гузаштаро ба ишқи илоҳӣ ва ишқи заминӣ тасниф кардаанд. Ишқи илоҳӣ хоси ашъори шоирони сӯфимашраб аст.

Дар адабиёти садаи бист дигар ишқи илоҳӣ дар шеъри шоирон дида намешавад. Шоирони навин бештар аз ишқи воқеӣ сухан дар миён овардаанд.

Дар шеъри Акбар Абдулло ишқ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Шоир хешро тарҷумони ишқ номидааст:

*Ман тарҷумони ишқам,*
*Дигар забон надонам.*
*Ҷуз «айн»-у «шин»-у «қоф»-аш*
*Ҳарфе дигар нахонам.*

*Дар гӯшаи маломат*
*Танҳою дилфигорам,*
*Бо оҳи дил фиғоне*
*Ман бесадо барорам.*

*Сар то ба пой ишқам*
*Сар то ба пой дардам.*

*Кӯҳи ғамам, валекин*
*Дар чашми шод гардам.*

Дар ин шеър шоир эҳсосу ҳолати равониашро чун шоирони сӯфимашраб ифода кардааст. Яъне, хонандаро ҷониби ишқи илоҳӣ ҳидоят карданӣ мешавад:

*Аз дарди ишқи ҷовид*
*Ёрон даво маҷӯед.*
*Ҷуз нури ҳақ шаби тор*
*Дар дил зиё маҷӯед.*

Худи шоир дар таронае, ки ба таври наср навишта шудааст, перомуни ишқ, моҳияти он ва ҳолату таассуроташ чунин изҳори ақида кардааст: «Ҳар он чизеро ки дар зиндагӣ дидаам, шунидаам, эҳсос кардаам, сурудеро, ки ситорагон дар шабҳои танҳоӣ бароям беалфоз гуфтаанд, шӯълаеро, ки вақти бомдодӣ бароям хуршеди оламгир тақдим кардааст, маъниеро, ки аз чаҳ-чаҳи булбулони зор пай бурдаам, он ҳусну латофатеро, ки дар баргу рӯи гулҳои баҳорӣ дидаам ва накҳати ҷонбахши онҳоро шамидаам, ҳар гоҳе бо шамъ ҳамсӯз шудаму бо мурғон ҳампарвоз, ин ҳама бевосита аз шириниҳои олами Ишқ буд».

Оре, ҳамаи лаззати умри одам дар ишқ ниҳон аст. Ҳамон ишқи поке, ки ба фарзанди инсон фақат як бор насиб мегардад ва хушбахтии ӯст.

*Суруди ишқи поки ман*
*Ҳавои ёр мекунад.*
*Дилам ба доғи пардаҳои ҳасраташ*
*Садои зор мекунад.*

Дар ғазале, ки хеле муассир аст, шоир ҳадафи зиндагӣ ва эҷодашро ба таври зайл баён намудааст:

*Мо ба ин дунё барои ишқбозӣ омадем,*
*Аз пайи Мавлои Рум аз роз розӣ омадем.*

*Чун расид овои най бар гӯши мо аз «Маснавӣ»,*
*Най ба лаб, шӯре ба дил, ошиқнавозӣ омадем.*
*Қиссаҳо бишнида мо аз ровиёни ҳар замон,*
*Аз барои насли фардо қиссасозӣ омадем.*

Ин сатрҳо муҳити зист ва дили пурумеди қаҳрамони лирикиро пеши назар меоварад, ки дар пиндораш ишқ ба манзараҳои муқаррарии атроф ба як нафас чун сеҳргаре ҷон ато кардааст. Шодию фараҳе ки ишқ ба дили ошиқ меоварад, дар назари ӯ тамоми оламро дигаргун кардааст ва шоир муваффақ шудааст ҳолати рӯҳии қаҳрамони лирикиашро мӯътамаду ботаровват баён намояд. Ашъори ишқии Акбар Абдулло гуворою дилангез буда, аз тахайюлоти бою рангини шоир дарак медиҳад. Ишқе, ки ӯ тараннум мекунад заминию самимист ва қаҳрамони лирикӣ чун инсони табиӣ ба саҳву хатоҳо ҳам роҳ медиҳад, ноумед мешавад, дар партави хотираҳояш он рӯзҳоро ёд меорад:

*Лолаҳои доғи ишқи номурод*
*Рӯ зад имшаб дар замини синаам.*
*Дар дили шаб мурғи ёдам пар кашид*
*Бар ҳавои олами деринаам*

*Хотирам саршор аз бедоди ӯ,*
*Сина моломоли ғамҳои гарон.*
*Дар гулӯям танг шуд роҳи нафас,*
*Чун кунам бо ғуссаҳои бекарон?!*

Ҳар гаҳ ки ёди рӯзҳои рафта ва лаҳзаҳои ҷонбахш вуҷуди шоирро фаро мегирад, беихтиёр ба сӯи маҷнунбеди сархам меравад у барояш шеър мегӯяд. Ҳамон маҷнунбеде, ки замоне дар паноҳаш бо маъшуқа нишемангоҳ дошту ягона шоҳиди ишқварзиашон буд:

*Сина пурғам,*
*Бо сари хам,*
*Эй парешонхотири озурдадил,*

*Оҳ, медонам, ки дорӣ дарди мушкил,*
*Дар сукутӣ,*
*Дар дилат оҳ аст,*
*Фарёд аст,*
*Ғам махӯр, эй беди ошиқ,*
*Ишқ андӯҳи худодод аст.*

Шоири лирик дар сурати қаҳрамони лирикӣ, идеали инсони худ, фаҳмиши худро аз инсон пешниҳод мекунад ва фақат аз ҳамон назар таваҷҷӯҳи хоссаи ӯ ба худ асоснок буда метавонад. Як ақида дар солҳои охир махсусан паҳн шудааст, ки аз рӯи он ҳар кас қобили таваҷҷӯҳ, ҳар кас инсони аҷоиб мебошад. Тарафдорони ин ақида таъкид мекунанд, ҳар инсон, ки аҷоиб аст, пас аз ҳар тағийрот, ҳар дигаргуние, ки дар авзои ӯ рух медиҳад, бояд дар шеър ифода шавад, чунки ин тасвири ҳамаҷонибаи инсонро фароҳам меоварад. Ин ҳолат дар симои қаҳрамони лирикӣ бештар аён мешавад. Дар ин ҷо аввалан бояд қайд кард, ки ба мо қаҳрамони лирикии шоири асил мароқангез аст ва қимат дорад, қаҳрамонҳои лирикии косибони шеърбоф бо вуҷуди инсон буданашон қимату арзише надоранд, чунки танҳо шоири асил дар қаҳрамони лирикӣ ҷаҳони худ ва ҳамзамонони худро ғунҷоиш дода метавонад. Баъдан, ҳар лаҳза дигар шудани инсонро, ки дар зиндагӣ воқеъ шуданаш мумкин аст, аломати тасвири ҳаматарафаи инсон донистан хатои маҳз аст. Дар ин ҳолатҳо сухан дар бораи ду чизи бо ҳам фаркнок меравад, дар бораи инсони воқеӣ ва образи бадеӣ. Инсони воқеӣ метавонад ҳар лаҳза дигар шавад, ақидаҳояш, орзую омолаш тағир ёбад, мухолифи ҳамдигар шавад, аммо аз инсон образи бадеӣ сохтан дар айни ҳол қаҳрамони лирикӣ сохтан, маънои онро дорад, ки вай ба як мантиқи муайян тобеъ мешавад, барои тарғиби мақсади аниқ хизмат мекунад, таҷассуми бадеии ғояҳои зарурӣ мешавад.

Хулоса, мавзӯи ишқ, яке аз мавзӯҳои марказии эҷодиёти Акбар Абдулло ба шумор рафта, аз мутолиаи ин қабил ашъор хонанда метавонад лаззати баланди маънавию

эстетикӣ бардорад. Ишқияҳои шоир ба хонанда вобаста ба ҳолати равониаш асар мекунад. Лозим ба ёдоварист, ки сурудаҳои Акбар Абдулло, хосса ашъори ишқӣ, дар ҳамаи қолабҳои баёнии интихобкардааш хуб ифода шудаанд. Аммо ба андешаи мо шоир дар сурудани пайкараҳои суннатии шеър бештар муваффақ шудааст. Дар ғазали зер, ки ҷолибу дилкаш аст, шоир мазмунро тавре баён мекунад, ки ҳар хонандаро муассир месозад:

*Биё ҷоно, ки ҳастам ошиқи дерина, медонӣ?*
*– Намедонӣ.*
*Чу оташ ишқи ту сӯзад маро дар сина, медонӣ?*
*– Намедонӣ.*
*Ба роҳи васл умре покбозу розгӯю ҷонфидо будам…*
*Маро ишқи ту хуш аз давлату ганҷина, медонӣ?*
*– Намедонӣ.*

Чунин тарзи баён, ки ба хонанда фораму гӯшнавоз аст, гувоҳи он аст, ки Акбар Абдулло дорои табъи баланди шоирӣ аст. Акбар Абдулло мафҳумҳои гуногунро қабл аз ҳама дар саҳнаи тахайюли хеш ҷавлон медиҳад ва дар заминаи маърифати амиқи ҳосилшуда онро сайқал дода, инъикос месозад. Дар ғазалиёти шоир мо пеш аз ҳама сайри табиии хаёли шоирро дармеёбем, ки ба воситаҳои гуногуни тасвир самимона ва муассир пешкаш мешаванд.

Навоварӣ дар адабиёт маънии инро намедиҳад, ки шоир бояд калимаву ҷумла ва ҳатто имлову иншо ва хату ҳуруфро таҷдид кунад, ки шеър дар зоти худ ба ҳеҷ кадоме аз ин чизҳо пойбанд нест. Шеър суханест монанди боқӣ суханон, ба имтиёзи ин ки аз забони киноя ва аз байни лабҳои маҷозу истиора берун мешавад. Пас навоварӣ иборат аст аз нав кардани тарзи киноя ва истиораю изҳор.

Услуби баён ва тарзи каломофаринии Акбар Абдулло гувоҳи он аст, ки шоир аз пойгоҳи баланди шеъру шоирӣ то андозае огоҳӣ дорад. Ӯ ба фанни шеър такя мекунад ба асолати воқеият ва ҳақиқати калом. Ӯ воқеияти мафҳумро дар тасвири лаҳзаҳо нигоҳ медорад.

Дар як назар чунин тарзи суханварӣ татабӯъро мемонад, ки зери таъсири илҳом аз куллиёти суханварони бузург иншо шудааст, аммо аз дигар тараф, вақте диққати комилтаре шавад, метавон дарёфт, ки шоир то кадом поя санъати суханварии классикиро хуб аз бар намудааст ва дар омаду шуди калом то кадом поя фанни шеърро медонад.

***В) Мақоми инсон дар ҷамъият***

Ҳаёти иҷтимоӣ, табиат, қадру қимат ва мақому мавқеи инсон дар ҷамъият аз замонҳои қадим мавриди мулоҳизоту мурокиботи гуногуни бадеӣ, сиёсӣ иҷтимоӣ, ахлоқӣ, публитсистӣ, фалсафӣ ва динии аҳли сухан қарор гирифтааст. Инсон кист, ӯ ба ҷамъият чӣ гуна муносибат дорад ва баракс, муносибати ҷамъият ба ӯ чӣ гуна аст, мақоми инсон дар ҷамъият, мақсади зиндагӣ, шахсият ва таърих, хушбахтӣ чисту бадбахтӣ чист барин муаммоҳо аз мушкилоти асосии адабиёти бадеии ҳамаи давру замонҳо ва халқу миллатҳо мебошанд.

Мавзӯъҳои иҷтимоии шеъри муосир моро ба чунин хулоса меорад, ки шоир дар ҷомеа зиндагӣ карда, наметавонад нисбат ба мардум ва муҳити хеш бепарво бошад. Ҳамаи воқеаҳое, ки дар зиндагӣ рӯй медиҳанд, пеш аз ҳама, ба дили шоир таъсири худро мегузоранд. Агар дар шеър мазмунҳои иҷтимоӣ набошад, он шеър чандон арзиши маънавӣ дошта наметавонад. Мавқеи ҳар суханварро аз рӯи мароми шоириаш метавон дар муносибат ба муҳит таъин намуд. Ин маъниро мо аз шеъри Акбар Абдулло чунин дарёфтем:

*Шеъри ман чист?*
*Шеъри ман андӯҳу дард аст,*
*Шеъри ман гарм асту сард аст,*
*Шеъри ман ҳарфи талоши зиндагонист,*
*Номаи сабзи ҷавонист.*
*Шеъри ман сӯзу фиғон аст*
*Ровии давру замон аст…*

Дарди шоир дарди инсон, дарди фоҷиаи аҳли башар, дарди аз даст рафтани арзишҳои волои маънавӣ, фатароти муҳити зист ва ахлоқу одоби ҷамъият, беэҳтиромӣ нисбат ба тамаддун ва расму русуми ниёгон, дарди сардиву дилмурдагии мардум аст. Шоир аз риёкорию дасисабозиҳои даҳр менолад, зиндагӣ барояш саҳнаеро мемонад, дар он ҳар тоифа барои ба даст овардани манфиатҳои хеш талош меварзад. Ин маъно дар шеъри «Мансабталош» чунин ифода ёфтааст:

*Мешиносам ман туро, эй марди мансабдор,*
*Гоҳу ногаҳ аз хиёбонҳои шаҳр*
*Бигзарӣ бо кару фар*
*Мошинсавор.*
*Дар гумонат бегуноҳӣ,*
*Лек медонам, ки бо қалби сиёҳӣ,*
*Ҳилагар рӯбоҳи дарбориву даргоҳӣ…*

Ин гуна афрод ба мулоҳизаи шоир макру найрангашон аз регу барфу борон ҳам вофиртар аст ва барои талоши мансабу ҷоҳу ҷалол ҳамаро мефиребанд. Хатто замину осмонро ҳам фиреб карданӣ мешаванд.

Умуман дар шеърҳои маҷмӯа фикрҳои бикр ва тасвирҳои шоирона, ки хонандаи соҳибзавқро ба ваҷд оварда, боиси камолоти маънавӣ ва рӯҳонии ӯ мегарданд, бисёранд. Қаҳрамони лирикӣ дили ҳассосу дардошное дорад ва аз нолаи ҷонгудози най «месӯзаду об мешавад, мешорад». Ӯ аз зоҳирбинӣ ҳазар дорад, зеро медонад, ки одам дигару одамият дигар аст ва ҳамвора кӯшиш дорад, ки моҳияти ҳама рӯйдодҳои зиндагиро бо фаросат дарёбад. Махсусан, эҳсосоти ватандорӣ ва ифтихори миллӣ, ки сари ҳар андешаи қаҳрамони лирикӣ ба назар мерасад, ҷанбаи иҷтимоӣ ва рӯҳи замонии тасвирро қувват мебахшад.

Сӯзиш ва афрузиши ботинӣ, ноороміи мудом, худтаҳлилкунии ахлоқӣ, зистан бо изиробу ташвишҳои замон, эҳсоси ғаму дарди дигарон, истиқрори мақоми худ дар давраи ҳозираи таърих, масъулият дар назди ақлу виҷдон,

шеъру калом, замину осмон, ҷавобгарӣ барои имрӯзу фардо, ҳамдастии фаъол ба ҳодисаҳои замон пафоси граждании ашъори Акбар Абдуллоро ташкил додаанд.

Дар шеъри «Шаҳри талотумҳо» шоир аз бесаросомониҳои рӯзгор шикоят дар миён овардааст.

*Дар ин шаҳри талотумҳо*
*Басе бо дард мебинам,*
*Дару дарвозабоне нест,*
*Ҳама зору ҳақиру бенаво гашта,*
*Дареғо, меҳрубоне нест.*
*Ҳама даъвогари тахтанд,*
*Ҳама савдогари бахтанд,*
*Дар ин шаҳри ғуборолудаи торик*
*Фурӯғи орзуҳо аз миён рафта,*
*Дареғо!*
*Умри одам ройгон рафта.*
*Фаромуш карда мардум рӯзи маҳшарро,*
*Худованду*
*Ҳадису*
*Ҳикмату*
*Зоти паямбарро,*
*Замину*
*Оташу*
*Обу*
*Ҳаворо низ бифрӯшанд,*
*Ҳавову Одаму ишқи Худоро низ бифрӯшанд...*

Ин як тарзи ифшои ҳакиқати талхест, ки ногузир дар ҳамаи давру замонҳо вуҷуд дошту дорад. Шоир ба худ савол медиҳад, ки ин чӣ гуна қонун аст, ки тамоми пасттинатон обрӯманду ҳамаи инсонҳои пок беқадру манзаллатанд. Ин рӯзгор бозореро мемонад, ки дар он ҳама савдогарони молу маноли умри инсонҳо гаштаанд, ғуломи нафси бедарвозаву аз виҷдони хеш маҳруманд.

Мақсади шоир дар зиндагӣ мубориза дар роҳи покии виҷдону софии ахлоқ, барои шарафу номус ва дар дили

сарддилон афрӯхтани гармӣ ва шӯру шарар аст. Нолаю шевани ӯ на фақат василаи пок сохтани инсону наҷот бахшидани рӯҳӣ вай аз таъзику фишор ва ранҷу дард, балки ба ин восита муқовимате нишон додан ва чораи халосӣ ҷустан аз ин бедодию фоҷиаҳост. Чунончи халқ мегӯяд: «То ғам нахӯрӣ, ба ғамгусоре нарасӣ».

Дар бораи нобасомониҳои рӯзгори тоҷик дар солҳои охир ҳамаи суханварони мо мулоҳизаҳояшонро тавассути осорашон баён карданд. Бемаънӣ будани мунокишаву муҷодалаҳоро ҳама зикр карданд. Дар ин мавзӯъ Акбар Абдулло низ шеърҳо дорад. Дар ғазали зер шоир миллати моро ба таҳаммулу тааммул даъват кардааст:

*Бар сари андеша бояд омад акнун, тоҷико!*
*Чунки бедодӣ бишуд з-андоза афзун, тоҷико!*
*Як дили беғам магар пайдост андар ин макон?*
*Синаҳо аз теғи ноҳақ гашта пурхун, тоҷико!*
*Оқилон овораву сарсон зи дасти ҷоҳилон,*
*То ба кай бологузар ин сифлаву дун, тоҷико!*

Дарду алами замон бояд дарду алами шоир бошад. Шоири асил модоме, ки фарзанди замони худ аст, шоири замони худ мебошад ва аз шеъри ӯ садои замон ва садои насл шунида мешавад. Ӯ наметавонад аз обу ҳавои аср нафас накашад ва аз боду бӯрон ва тӯфонҳояш канор ҷӯяд. Ӯ наметавонад аз ғиреви ҳастӣ ғофил бимонад ва аз мушкилоти тезутунди сиёсӣ ва ахлоқии давр дар канор бошад.

Ҳамин тавр, ашъори Акбар Абдулло аз нигоҳи мӯҳтаво оинаеро мемонад, ки дар худ камтар ё бештар авзоъ, рӯҳия, ташвиш, андӯҳ, дард, изтироб, шодӣ, умед, таназзулу тараққии ҷомеаро акс кардааст. Фурӯғи офтоб, партави моҳ, нурафшонии ситораҳо, бепоёнии осмон, ғурриши раъд, хандаи барқ, хишироси баргҳо, сабзҷомаи дарахтон, сукути кӯҳ, шӯриши дарё, гулбонги булбулон, хироми оҳувон, хуллас, олами ҷондору беҷон ҳамеша дар қалби шоир эҳсосоти мухталиф бармеангезад. Ӯро ба фикру хаёлот водор месозад ва ӯ ба ин минвол муносибаташро ба он

муайян мекунад. Ҳамаи ин чизҳо дар маҷмӯъ мазмуну мавзӯи ашъори шоирро ташкил додаанд.

Садоқати суханҳои қаҳрамони лирикӣ аз чигунагии маънавиёти ӯ шаҳодат медиҳад. Ӯ, ки дар лирика вазифаи тарбиядиҳиро ба ҷо меорад, худаш бояд тарбиядида бошад. Тарбият ба маънои васеаш – маънавӣ, ахлоқӣ ва ғайра. Асосаш, албатта, маънавию ахлоқист. Дар лирика олами инсон, ки олами қаҳрамони лирикии худи шоир ва ё омезиши ҳардуи онҳост, ҳамин гуна якранг ба тасвир омада, мураккабӣ, мухолифатҳои он аз назар афтода, чун олами сатҳӣ ва оддӣ вонамуд мешуд.

Ҳоло олами инсонро бо тамоми тазоҳуроти гуногунаш серпаҳлӯ тасвир кардан тамоили адабиёт мебошад, ки аз талаботи замон сар задааст. Бо такомули ҳамаҷонибаи ҷамъият қимати шахс дар он меафзояд, ҳаёти ботинӣ, таровишҳои қалбии ӯ аҳамияти бештар пайдо карда, ҳар инсон ба нисбати тараққии ҷамъият фардитар ва нотакрортар мешавад ва дар ҳаёти шахсии ӯ ташвишу тараддудҳои замон ҳар чӣ бештар акс менадозад. Бунёди лирика бошад дар эҳсосоти фардӣ ва таассуроти нотакрор аст. Аз ин ҷиҳат Акабар Абдулло аз роҳи асосии инкишофи шеъри муосир рафта, дар эҷодиёти худ аз олами фард, аз ҷиҳатҳои гуногун ва аёну ноаёни он, аз бархӯрдҳои он бо олами воқеъ сухан гуфтааст.

Зиндагӣ арсаи муборизаи ҷовидон аст, ки некӣ дар он бар бадӣ ғалаба мекунад, аммо барои ғолибият ӯро ҳамеша бедор ва тайёр будан ба ҳар гуна набард зарур аст. Замин бар нигоҳбонии нерӯи хайриятҳо эҳтиёҷ дорад. Бинобар ин фикри шоир ҳамеша бедор ва чунон, ки дар ҳолати бонги хатар аст, дар вазъияти худи ҳамон лаҳза ба ёрӣ расидан аст. Шоир дар набарди баду нек муборизи фаъоли некист, вале баъзан чунон ба назар мерасад, ки худи ҳамин мафҳумро барои шоир аз вақт як андоза бе асари замон арзи вуҷуд мекунад, ки ҳол он ки хусусияти замонии ин мубориза, моҳияти иҷтимоии он ҳар қадар равшан инъикос шавад, таъсир ва аҳамияти он ҳамон қадар тезутунд, амиқ ва бузургтар мешавад.

## Хусусиятҳои шаклӣ ва жанрии ашъори Акбар Абдулло

Тавре пештар ишора рафт, дар маҷмӯаҳои Акбар Абдулло ҳам шеъри нав ва ҳам жанрҳои суннатӣ, яъне ғазал, рубоӣ, дубайтӣ дида мешаванд.

Барои суханваре чун Акбар Абдулло мақсад аз таълифи шеър баён намудани эҳсосу андеша ва таассурот аст. Аз мутолиаи ашъори шоир чунин хулоса бармеояд, ки ӯ чандон ба тасвиру санъатофаринӣ майл надорад. Ҳамаи он ташбеҳу истиораҳое, ки шоир ба кор гирифтааст, обшуставу мустаъмаланд. Тавре медонем, шеъри нав шеърест, ки дар он на танҳо мавзӯъ ва қолаб, балки дар он тахайюли бадеии тозае ҷорӣ шуда, услуби тасвири воқеаҳо ба тарзи нав сурат гирифта бошад.

Дар шеърҳои арӯзи нави Акбар Абдулло ҳарчанд тасвирҳои тозаи шоирона ба назар нарасанд ҳам, инъикоси таассуроту тахайюл хеле самимӣ сурат гирифтаанд. Чунончи, дар шеъри «Эй духтари баҳор» шоир баҳорро ба духтаре монанд карда, дар заминаи тасвири он хотираҷӯӣ мекунад:

*Ман бо хаёли ту,*
*Масти ҷамоли ту,*
*Бас шоми тори ғамкадаро рӯз кардаам,*
*Рӯи замин нишаставу бар гӯши осмон*
*Бас нолаи ниҳонии ҷонсӯз кардаам.*

*Эй ахтари само,*
*То аз дурахши чашми ту дунё мунаввар аст,*
*Дар хирмани хаёли ман аз ишқ ахгар аст,*
*Аммо ба бахти нек*
*Ин ҷо умеди ишқи ман, оре, паровар аст.*

Ҳар чанд шоху барги умри ҷавонӣ ба бод рафта бошад ҳам, баҳори хотираи инсон такрор мешавад. Яъне, баҳори умр такрор намешавад, аммо баҳори орзу, баҳори хаёл, баҳори ишқ такрор мешавад. Аз истиораву тавсифоти шеър

чунин хулоса мешавад, ки шоир майл ба офаридани санъатҳои тозаи бадеӣ накардааст.

Вале дар баробари ин дар маҷмӯа шеърҳои наве низ ҳастанд, ки дар онҳо ҳарчанд навовариҳои шоирона набошанд ҳам, таассуроту андеша ба таври самимӣ ифода шудаанд. Чунин хусусият дар шеъри «Хумори бӯса» ба назар мерасад:

*Ба нози бӯса дар лабҳои сардам*
*Гули лабҳои гармат нақш баста.*
*Аҷаб он бӯсаҳои поки ширин*
*Хумори коми талхамро шикаста.*

*Ҳамеша дар дили шӯридаи ман*
*Шарори оташи ишқи ту сӯзон.*
*Миёни зулмати шабҳои торам*
*Чароғи ёди ту бошад фурӯзон.*

Акбар Абдулло шоири мазмунсарост. Яъне маншаъ ва манзураш аз шеър на ба қалам овардану нишон додани нигоштани ҳолату манзара ё лаҳзае, балки ибрози андеша ва хулосае, ки аз дидану дарки ашё ё воқеа ҳосил шудааст, зикри суханонест, ки ба ақлу идроки одамӣ,ба шуур, ба одобу ахлоқи ҷамъият асар мекунад. Тарзи дигар гӯем, ӯ ба ҷои нишон додану тасвир кардан гап мезанад. Вале нишон додан, ки ҳосилу зодаи тахайюли борику завқи баланд ва шууру ҳаяҷони комил аст, нисбат ба гуфтан сангинтару масъулиятноктар аст. Бо ин ҳама сифатҳо, ки зикрашон рафт, дар ашъори Акбар маъниофаринии хос, яъне кашфи маъниҳои тозаю борики иҷтимоиву ахлоқӣ, ки дар ниҳояти фасоҳату балоғат ва зебоиву малоҳат адо шуда бошад ва манзараю ҳолатнигории хос кам ба чашм мехӯрад.

### 1. Мавқеи ғазал

Ғазал ҳамчун жанри хосаи ҷинси ғиноӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад. Аз асрҳои сенздаҳ сар карда, ин намуди адабӣ воситаи асосии ифода

кардани маҳорат гардид. Дар қаламрави шеъри классикӣ бузургтарин шоироне ҳамчун Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ, Бедил, Калим, Соиб, Сайидо ва дигарон дар ҷодаи ғазалсароӣ доди сухан додаанд. Ин жанр дар адабиёти садаи бистум ҳам мавқеъ дошт ва то имрӯз бархе аз шоирон ба воситаи ин жанр қудрати табъи худро меозмоянд. Пас аз устод Лоҳутӣ, шояд ғалат набошад агар Лоиқро бузургтарин намояндаи пайравони ин навъи адабӣ биҳисобем.

Ба андешаи мо Акбар Абдулло низ дар сурудани ғазал табъи равон дорад. Ва нисбат ба дигар жанрҳое, ки дар маҷмӯааш ҷо дорад, жанри ғазал мақоми хосеро соҳиб аст.

Дар ғазалҳои шоир мазмун пухта ва матлаб хеле равону равшан таҷассум шудааст. Аз назари мавзӯъ ғазалҳои шоир паҳлӯҳои мухталифи ҳаётро фаро гирифтаанд. Мавзӯи ишқ, шикоят аз ҳамзамонон, панду ахлоқ, тарғиби худшиносӣ, ватандӯстӣ, забон ва амсоли инҳо аз мавзӯоте ба шумор меравaнд, ки мӯҳтавои ғазалҳои шоирро пур кардаанд.

Нерӯ ва ҳусни калому баён дар равониву покӣ, дар мӯҷазиву бузургӣ ва балоғату фасоҳат аст. Ва чун ҳар узв дар тани инсон вазифае дорад, ҳар лафз низ бояд дар тани забони шеър чунин вазифа дошта бошад. Агар ҳар сухан ва лафзу таркиб дар мисраву байт назар ба ниёзмандии мантиқиву маъноӣ ва ҷозибаи ниҳонии байни онҳо сурат нагирад, мақсаду андеша ва моҳияти ғоявию эҷодии муаллиф ба сурати комил зоҳир намешаваду ифода намеёбад ва табиист, ки он ба қалбу рӯҳи ҳонанда асар намекунад. Дар ғазалиёти Акбар Абдулло ин таносуб хеле хуб матраҳ гардидааст. Ӯ зиндагиро чун силсила дарк мекунад ва дар байни ҳодисоти зиндагӣ ва афроди он пайвастагии қавӣ мебинад. Ӯ ҷузъиёти олами парешонро чида-чида дар худ ҷамъ меоварад ва онро ба ҳамон тартибу низоме, ки мехоҳад, ба мо чун олами тозае пешкаш мекунад. Чунончи:

*Панҷаи коре надорем, ин ситоишҳо чаро?*
*Гул куҷо, хоре надорем, ин ситоишҳо чаро?*
*Арсаи кишту дарав чун баҳри мо мақбул нест,*
*Файзи анборе надорем, ин ситоишҳо чаро?*

*Гарчи ҳамчун булбули шайдо ғазал хонем, лек*
*Захмаву торе надорем, ин ситоишҳо чаро?*
*Гар ҳунарманде шавад пайдо миёни маҳфиле,*
*Чашми дидоре надорем, ин ситоишҳо чаро?*

Баёни ин андеша ва муҳокима бештар ба зиндагии воқеъ марбут буда, ба воситаи тасвири муҳимтарин ҷузъиёти ҳаёти вай, ки қобилияти умумишавӣ дорад, ба амал оварда мешавад. Яъне шоир, пеш аз ҳама, бо инсон сару кор дорад ва ин инсон бояд ҳаматарафа бо тамоми муносибату ҳастиаш мавриди таҳлили бадеӣ қарор бигирад. Тасвири инсон дар эҷодиёти шоир бо нишон додан ва тавсифи ҷиҳатҳои матлуби ҳастии инсонӣ ва бо маҳкум кардани тарафҳои номатлубу нописанди ҳастии ӯ сурат гирифтаанд. Табиист, ки дар ниҳоди инсон аз азал ду қувва – некиву бадӣ бо ҳам дар мубориза қарор мегиранд. Бадиро несту нобуд кардан имкон надорад, балки мубориза бурдан ба муқобили бадӣ асоси зиндагиро ташкил медиҳад. Шоир аз носозгориҳои зиндагӣ дар ташвиш аст. Ӯ ба миллат ва сарнавишти он ба чашми таҳқиқи шоирона менигарад, аз нохудшиносии миллат ғамгин аст, ки мегӯяд:

*Саргашта дар ин даври забун музтару лолем,*
*Аз нози самандар зи азал бе пару болем.*
*Як миллати хурдему нағунҷем ба дунё,*
*Бо хеш насозему талабгори камолем.*
*Аз нури вафоему ба дил нури сафо не,*
*Бе нуру сафо дар талаби ҳусну ҷамолем.*

Дар мисраъҳои поёнии ғазали иқтибосшуда шоир байтеро меорад, ки он як навъ тасвири шоиронаи хулосаи ноаҳлии миллати моро нишон медиҳад:

*Он савлати бехеши хитоб аз сари мо рафт,*
*Бо қомати бишкаста кунун мисли саволем.*

Акбар шоирест, ки аз усулҳои гуногуни ифодаи эҳсосот ва таассурот истифода мекунад. Ба ин ё он усул гуфтани шеър ба таъиноти он, яъне аз он, ки шоир ба кӣ муроҷиат карда шеър мегӯяд, сахт вобаста аст. Ин таъинот таркиб ва услуби шеърро муайян менамояд. Агар муҳит ва шароити зист солим бошад, табиист, ки суханвар аз мавқеи завқу шавқ сухан мегӯяд. Лекин вақте ки дар ҷомеа мунокишаву кашмокашиҳо вуҷуд дорад, ӯ наметавонад фараҳманд шавад ва сухан аз ишқу ёру бода ба миён орад:

*Розҳо дар сина дорам, маҳрами розам куҷост?*
*Лол мондам ин замон, табъи сухансозам куҷост?*
*Як замон мурғи дилам то осмон пар мекашид,*
*Мурғи парвозам худоё, мурғи парвозам куҷост?*
*Аз садои тиру тӯп андар дилам фарёдҳост,*
*Булбули боғи дилам, он нағмапардозам куҷост?*

Мавзӯи як бахши дигари газалиёти Акбар Абдуллоро марсияҳо ташкил медихад, ки дар сӯги устод Лоиқ, овозхони мумтоз Тоҷиддин Муҳиддин, бародараш Рустам Абдуллоев ва дигарон сурудааст. Дар ин тарзи ифода шоир бештар тазмини шеъри пешиниён кардааст. Яъне пайкараҳои баёнии шоирони машҳури классикиро ба кор гирифта, дареғнома навиштааст. Чунончи, дар марсияе, ки дар сӯгвории Лоиқ Шералӣ навиштааст, шоир ғазали машҳури Саъдии Шерозӣ, ки «Эй сорбон, оҳиста рон…» аст татаббӯъ кардааст:

*Эй сорбон, оҳиста рон, Лоиқ зи даврон меравад,*
*Бо сад ҳазорон захми дил, бо доғу армон меравад.*
*Фарёд аз ин рӯзи шум, мотам гирифта марзу бум,*
*Ӯ лек чун Мавлои Рум бо аҳду паймон меравад.*
*Гаҳ наъраи риндона дошт, гаҳ сӯҳбати мардона дошт,*
*Доманкашон аз маҳфилон он шоҳи мардон меравад.*
*Ӯ ҷонфидои ёр буд, бегона бо ағёр буд,*
*Аз ёру ағёраш ҷудо, аз худ пушаймон меравад.*

Бештари ғазалҳои шоир дар пайравии ғазалиёти Лоиқ суруда шудаанд. Масалан, дар пайравии ғазали Лоиқ, ки «Рав чархи гардунро бигӯ, Лоиқ видоят карду рафт» ном дорад, Акбар Абдулло ғазали «Рав он фиреборо бигӯ Акбар видоят карду рафт»-ро навиштааст. Бо каме тағироти мазмунӣ.

Хулоса, ғазалиёти Акбар Абдулло аз нигоҳи мазмуну маънӣ бою рангинанд ва чун қолабҳои зебои классикӣ барои ифода кардани афкору ғояҳои шоиронаи ӯ ҳама ҷиҳат мусоидат кардаанд.

## 2. Рубоӣ ва дубайтӣ

Рубоӣ ва дубайтӣ ҳамчун жанрҳои хурди ҷинси ғиноӣ дар адабиёти форсу тоҷик таърихи хеле қадима доранд. Ин жанрҳо ҳам хоси адабиёти хаттӣ ва ҳам хоси адабиёти шифоҳи мебошанд. Дар адабиёти садаи бистум низ шоирон барои баён намудани афкору ҷаҳонбинӣ ва ҳадафҳои эҷодии хеш аз ин жанрҳо баҳра бурдаанд.

Як хусусияти асосии ин жанрҳо дар он зоҳир мешавад, ки шоир бояд дар хаҷми чор мисраъ маъною мазмуни мушаххасеро инъикос созад. Аз ин нигох сурудани рубоӣ ва дубайтӣ аз суханвар масъулият ва маҳорати беандозаро тақозо мекунад.

Мазмуну мундариҷаи рубоиёту дубайтиҳои Акбар Абдулло гуногун буда, дар онҳо ишк, талқину тарғиби панду ахлоқ, ватан, худшиносӣ ва монанди инҳо тараннум шудаанд.

Рубоиҳои шоири мавриди таҳлили мо бештар дар ҳавои рубоиҳои халқӣ суруда шудаанд. Чунончи:

*Аз фанду фиреби нокасон беморам,*
*Аз чашми баду заҳри забон беморам.*
*Ин дил ба фиғон расида, доғам ба ҷигар,*
*Аз дурии ёри меҳрубон беморам.*

Рубоӣ ва дубайтиҳои шоир дар вақт ва ҳолатҳои гуногун гуфта шуда, ҳиссиёт, таассуроти мухталифу рангорангро ифода карда, ҳама дар якҷоягӣ ба монологи ботинии бардавоми шоир мубаддал гаштаанд. Аз онҳо табиат ва ботини инсон, инсоне, ки мақсади муайяни зиндагии то писандида дорад, дарк карда мешавад. Ӯ, яъне шоир, ба олам бо чашми ошиқ менигарад:

*Зи доғи сина парвое надорам,*
*Ки ғайри ишқ савдое надорам.*
*Худоё, ошиқонро сабр бахшо,*
*Дигар ҷуз ин таманное надорам.*

Меъёри шоир дар муҳаббат, одаму одамгарӣ ва хушбахтӣ ягона буда, кам тағйир меёбад. Вай дар ишқу муҳаббат ва ақидаҳои худ собитқадам аст. Барои ӯ хушбахтие зиёдтар аз хушбахтии халқ ва сарчашмаи сафедрӯзие, ки шодобтар аз ватан бошад, нест:

*Ватан, гаҳвораи нозам ту ҳастӣ,*
*Ватан, пардозу эъҷозам ту ҳастӣ.*
*Чаро нолам зи дарди бенавоӣ,*
*Навои пардаи созам ту ҳастӣ.*

Ӯ ба олам назари андешамандона дорад. Ватан ва миллат ҳамон вақт хушбахту саодатманд шуда метавонанд, ки агар аз панди зиндагӣ сабақ бардошта бошанд.

*Ватан муштоқи фарзанди баор аст,*
*Ватан аз мо накӯӣ чашмдор аст.*
*Ватан дар мактаби меҳру садоқат*
*Бароям беҳтарин омӯзгор аст.*

Шеърҳое, ки дорои андешаҳои фалсафӣ ва панду ҳикмат ҳастанд, бешубҳа, бо таҷрибаи зиндагии воқеӣ ва маънавии шоир пайванди мустаҳакам доранд. Дар ин гуна шеърҳои Акбар Абдулло шахсияти шоир, таҷрибаи зиндагии ӯ ба-

раъло намоён аст ва ин гуна сифат ашъори андешамандонаи ӯро аз мулоҳизарониҳои бетаъсиру бемавзӯъ шудан халос карда, ба онҳо заминаи воқеӣ ва табиӣ медиҳад.

### 3. Катибаҳо

Дар маҷмӯаи шоир ҳамчунин як қисмате бо номи «Катибаҳо» мавҷуд аст, ки онҳо дар шакли фард, яъне ду мисраъ иншо шудаанд. Ин катибаҳо як навъ маромномаи шоирии суханварро нишон медиҳанд, ки бештар дар рӯҳияи дилмондагиву гузашти умр ва бемеҳриву бевафоии даҳр суруда шудаанд:

*Ба зери хоки тар имрӯз хуфта бекасу танҳо,*
*Манам Акбар, ки будам як замон дилдодаи дунё.*

Аз рӯи мавзӯъ ҳамаи катибаҳои навиштаи шоир ба сӯи мақсади ниҳоӣ нигаронда шудаанд. Яъне шоир мехоҳад, ки пас аз гузашти умру фано ёфтан ин навиштаҳо хулосаи умрашро дар шакли байте болои гӯраш ифода карда бошад.

Хулоса, Акбар Абдуллоро дард водор кардааст, ки қалам ба даст гирад. Дарди шоир дарди инсон, дарди фоҷиаи аҳли башар, дарди аз даст рафтани арзишҳои волои маънавӣ, фароти муҳити зист ва ахлоқу одоби ҷамъият, беэҳтиромӣ нисбат ба тамаддун ва расму русуми ниёгон, дарди сардиву дилмурдагии мардум аст. Шоир аз риёкорию дасисабозиҳои даҳр менолад, зиндагӣ барояш саҳнаеро мемонад, дар он ҳар тоифа барои ба даст овардани манфиатҳои хеш талош меварзад.

Барои баён кардани афкору андешаи худ шоир ҳам аз қолабҳои баёнии шеъри классикӣ ва ҳам аз шеъри нав истифода кардааст, вале ба андешаи мо дар навиштани ғазал ӯ бештар маҳорат нишон додааст. Яъне дар ғазалиёти шоир умумигӯиву тафсилбаёнӣ камтар ба назар мерасад. Ҳарчанд тасвирҳои тозаи шоирона дар ғазалиёти шоир кам аст, аммо баёнаш соддаву самимӣ сурат гирифтааст. Дар ғазалҳои шоир мазмун пухта ва матлаб хеле равону равшан таҷассум

шудааст. Аз назари мавзӯъ ғазалҳои шоир паҳлӯҳои мухталифи ҳаётро фаро гирифтаанд. Мавзӯи ишқ, шикоят аз ҳамзамонон, панду ахлоқ, тарғиби худшиносӣ, ватандӯстӣ, забон ва амсоли инҳо аз мавзӯоте ба шумор меравaнд, ки мӯҳтавои ғазалҳои шоирро пур кардаанд.

Шеърҳое, ки дорои андешаҳои фалсафӣ ва панду ҳикмат ҳастанд, бешубҳа бо таҷрибаи зиндагии воқеӣ ва маънавии шоир пайванди мустахакам доранд. Дар ин гуна шеърҳои Акбар Абдулло шахсияти шоир, таҷрибаи зиндагии ӯ бараъло намоён аст ва ин гуна сифат ашъори андешамандонаи ӯро аз мулоҳизаронихои бетаъсиру бемавзӯъ халос карда, ба онҳо заминаи воқеӣ ва табиӣ медиҳад.

Зиндагӣ арсаи мубоpизаи ҷовидон аст, ки некӣ дар он бар бадӣ ғалаба мекунад, аммо барои ғолибият ӯро ҳамеша бедор ва тайёр будан ба ҳар гуна набард зарур аст. Замин бар нигоҳбонии нерӯи хайриятҳо эҳтиёҷ дорад. Бинобар ин фикри шоир ҳамеша бедор ва чунон ки дар ҳолати бониги хатар аст, дар вазъияти худи ҳамон лаҳза ба ёрӣ расидан аст. Шоир дар набарди баду нек муборизи фаъоли некист, вале баъзан чунон ба назар мерасад, ки худи ҳамин мафҳумро барои шоир аз вақт як андоза бе асари замон арзи вуҷуд мекунад, ки ҳол он ки хусусияти замонии ин мубориза, моҳияти иҷтимои он ҳар қадар равшан инъикос шавад, таъсир ва аҳамияти он ҳамон қадар тезутунд, амиқ ва бузургтар мешавад.

*СОРБОН*

## «ДИЛУМ, ДИЛУМ, ДИЛУМ-Э»

Алиакбарро ба туфайли Лоиқи дилкушод шинохтам. Ӯ чун мухлиси шоир ба ҳалқаи адабии мо омад, пиндорам чун эътиқодманд ва чун фарзанд меомад; шабу рӯз хабар мегирифт ва дар нишастҳо шеърҳои ҳифзкардаи шоирро мехонд ва гоҳи шеър хондани Лоиқ баробараш лаб меҷунбонд; яқин шеъро аз ёд медонист ва бо ишораи лаб ҳувайдо месохт, ки шеърро аз ёд кардааст. Вале рӯзе асрори ниҳонии эътиқодмандиаш фош шуд: се тан будем андар дафтари корӣ. Алиакбар «Узр, кор дорам» гуфта аз ҷайб коғази қатшударо бароварда, рӯи мизи кории Лоиқ гузошт ва боадабона андаке бо нӯги панҷа сӯи шоир лағжонд. Лоиқ табассум кард. Ӯ аз дар баромад. Ман нафаҳмидам муамморо. «Алиакбар ҷавони хуб аст. Машқи шеър дорад. Дар пеши ту намехонам. Одате дорӣ, ки...» коғазро пеш кашида фармуд, аммо нагуфт, ки чӣ одате дорам. Гӯё дарёфтам, ки одати ошкоргӯӣ дорам ва аз чунин одат суде набардоштаам. Тарки одат ҳам карда натавонам. Лоиқ то пайдо шудани Алиакбар дар муҳити оилааш Афзалшоҳро писарбузург медонист ва назди фарзандон таъкид мекард: «Ман ҳастам – нестам, бародари бузургатон Афзалшоҳ». Алиакбар чун дар сол бузург буд, низ фарзанди калонӣ ном гирифт ва Лоиқ онҳоро «Ҳасан – Ҳусейн» ном ниҳод. Аз ин рӯ, ки баробар аз ҳолу рӯзи падар бохабар мешуданд; хидмат мекарданд. Ҳеҷ давраву ҷамъомади шоир бе чунин фарзандшогирдони боҳунару давраоро ва дилсӯз намегузашт. Онҳо бо мурури замон на танҳо шеъргӯву суханвар гаштанд, балки ба мо «пирони кор» навбати сухан намедоданд. Чун Лоиқ сархуш мешуд, мефармуд: «ҷое, ки мо ҳастем, шумо суханварӣ накунед». Ва чунон шуд, ки ҷое, ки онҳо буданд, мо сухан гуфта наметавонистем. Ҳарду шеър мегуфтанд, суруд мехонданд, сухан мегуфтанд; мо гӯш медодем. «Бач-

чам, нагузарон!» баъзан таъкид мекард Лоиқ. Ҳасан – Ҳусейн давраоро шуданд.

Баъд онҳо баробар сурудан омӯхтанд. Гаштак пайдо шуд. Ба хонаи ҳамдигар ба навбат мегаштем. Дар зодрӯзи Алиакбар, ки он замон шоир шуда буд, ба хонааш ташриф овардем. Нахустин унвон ва вазифа ба туфайли ҷашни муборакі шоир Акбари Абдулло он рӯз насиби ман гашт. Инсони адофаҳм ва хушсухану хушмуомила, арбоби давлатӣ, шоир Абдулмаҷид Достиев косагули давра буд ва маро мартаба бахшида, навбати сухан дод: «Сухан ба президенти ҷӯгиён Сорбон!» Аҳли давра аз хушгӯии раиси давра завқ бурда, хандон каф кӯфтанд. Ин нахустин ва охирин мансабу вазифаи баланд ва «унвони олӣ»-и банда шуд дар тӯли зисту эҷодам, ки ба туфайли Алиакбар буд.

Пасон шеърҳои Акбари Абдулло дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп мешуд; китобҳо ба табъ мерасид. Шоир ба мансабу рутбаҳои баландаш нигоҳ накарда дар ҳар ҳолат худро шогирд ва фарзанди хабаргири шоъири бузурги замон Лоиқ Шералӣ медонист. Ҷашнҳои хурд ба ҷашнҳои бузург табдил мееўфтанд. Дар канори кӯли «Ҷавонон» андар зиёфатгоҳи «Соҳил», зери дарахтони сояафкани боғ дар зодрӯзи (59-солагии) шоири мумтоз Лоиқ Шералӣ гирд омада будем. 20 майи соли 2000 буд. Ман дуртар аз онҳо оши палав мепухтам. Он сӯ пири кор Холмурод Шарифзода бо Лоиқ чӣ сӯҳбат доштанд, ман намешунидам. Лекин садои бо завқ хандиданашонро шунида, гумон мекардам, ки латифаи намакин ё суханони хуш мегӯянд. Умедҷони Фазлиддин навор мебардошт. Яке Акбари Абдулло аз роҳи дур пайдо шуда, кафи дастон ба ҳам сойида фармуд: «Як кафгир парто, ки...» Аз зирбаки ош ба тақсимча андохтам. Аз дуриҳои дур то ин ҷо гушна мондааст, ки зирбакро бо нон дулунҷа зад ва лабонашро пок карда «Дер кардам, устод хафа нашавад» гуфта, андаке он сӯ зеҳн монд ва хондани Афзалшоҳро дида, низ ба хондан оғозид: «Дилум, дилум, дилум-э». Суруди дилписанди Алиакбар ва хушкардаи Лоиқ буд. Лоиқ омадани Алиакбарро дида, каф зада фарёд кашид ва сари забони ӯро гирифт: «Дилум, дилум, дилум-

э!» Афзалшо оҳангро гардонд ба «Дилум». Аз пири кор то хурдтарин каси ба табрики шоири беназир Лоиқ омада – писари Афзалшоҳ Султонмурод ба рақс даромаданд. Лоиқ зону шикаста, оринҷҳо ба ду паҳлӯ пахш карда, муштон бозӣ доронда, кačак-каčак арғушти мардона дошт. Алиакбар наздик омада оғӯш кушод ва Лоиқро бағал гирифта сахт бӯсид: «Падар, муборак бошад!» «Ташаккур, – посух дод устод ва пурсид: – наваш ҳаст?» Шогирд аз садо баровардан шарм дошта, бо ишораи сар фаҳмонд: «Ҳаст». (Сӯҳбати муфассал дар «Лоиқнома» тасвир шудааст, такрори онро раво намедонам.) Як шингил. Алиакбар: «Фон деҳ (навоз), Ҳусейнҷон! (Афзалшоҳ нохун кард). Як зарра хок будем, домони устодро гирифтем, халқ шинохт. Устод Лоиқ соябони сари мо бошанд!»

*3 майи 2010*

*Шарифмуроди ИСРОФИЛНИЁ*

## РОЗИ ДИЛИ ШОИРИ ДИЛДОДА

Охири солҳои ҳаштодум ва ибтидои соли навади қарни гузашта ба майдони адабиёт шоирону нависандагони зиёде ворид гардиданд ва навиштаҳои эшон дар рӯзномаву маҷаллот ва маҷмӯаҳои дастаҷамъию китобҳои алоҳида бо номҳои рангоранг пайи ҳам мунташир шуданд, ки ин падида бозгӯи майли бештари ҷавонон ба адабиёту фарҳанг буд. Ва он вобаста ба муҳити фарҳангии замона буд, ки занҷири идеологии ҳукумати абарқудрати Шуравӣ оҳиста – оҳиста суст мегардид ва заминае барои озодии сухан, арзишҳои миллӣ ва майдон барои муаррифии истеъдодҳо фароҳам меомад. Агар теъдоди шоирону носирони солҳои навади қарни гузашта ва ибдидои асри навро бо даврони шуравӣ дар муқоиса бубинем, суханварони даврони нав ба маротиб зиёданд.

Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки дар баробари суханварони касбӣ, яъне онҳое, ки фориғуттаҳсили донишкадаҳои филологӣ ҳастанду панҷ сол илми шеър хондаанд, шоирону носироне ба майдон омаданд, ки касбу пешаи дигар доранд, ҳарчанд ки навиштаҳояшон аз таҳсилдидаҳо камтар нест. Яке аз ин гуна шоироне, ки дар чаманистони адабиёти мо чун гули худрӯй сабзидааст, Акбар Абдулло мебошад. Ӯ низомӣ асту дар соҳаи ҳуқуқ ифои вазифа мекунад ва илми шеърро дар ягон донишкада таълим нагирифтааст. Илова бар ихтисоси асосиаш Худованд ба ӯ ҳунарҳои шоирию хунёгарӣ ва ровигиро арзонӣ дошта, гарчанде на даъвои ин дораду на он. Бояд зикр кард, ки чандҳунарӣ суннат аст ва он дар таърихи адабу фарҳанги мо бесобиқа набуд. Аксари шуарову удабои пешини мо соҳиби де – се ҳунар будаанд. Дар тамаддуни гузаштаи мо мусиқӣ бо шеър тавъам буда ва ҳар касе даъвии хунёгарӣ мекард, бояд аз ҳунари шоирӣ низ бархурдор мебуд ва баръакс. Хунёгароне монанди Борбаду Накисо, Саркашу Ромтин барои лаҳну оҳангҳояшон

худ шеър меофариданд. Аз ин рӯ, онҳо дар баробари мусиқидон будан шоир ҳам буданд ва дар сарчашмаҳо ба номи онҳо абёти пароканда сабт шудааст. Чунончи, Ибни Хурдодбеҳ шеъри зеринро, ки дар мадҳи Хусрави Парвиз аст, ба Борбат нисбат додаст:

*Хоқон моҳ моназ ва қайсар хуршиз,*
*Они ман хузой абр моназ комғорон.*
*Кхоҳаз моҳ пушаз,кхоҳаз хуршиз.*

(Хоқон монанди моҳу қайсар монанди хуршед аст,аммо худовандгори ман монанди абри комгор аст. Ҳар гоҳ бихоҳад моҳро мепӯшад ва ҳар гоҳ бихоҳад хуршедро) (Нақл аз Аҳмади Тафаззулӣ.Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом,саҳ.,312). Ин суннат баъд аз ислом низ идома ёфта ва устод Рӯдакӣ на танҳо аввалин касест, ки «шеъри форсиро мудавван сохт», ҳамчунин дар илми мусиқӣ маҳорати тамом дошта, «нахустин касе буд, ки дар мусиқӣ чизе тасниф кард». Ва ё Фаррухии Систонӣ низ бино ба қавли Низомии Арузӣ, соҳиби «Чаҳор мақола» «шеър хуш гуфтӣ,чанг тар задӣ». Бо як маънӣ Акбар Абдулло идомадиҳандаи ҳамин суннати волои ниёгон аст ва шоирӣ барои ӯ касби талош аст, на манбаи маош.

Акбар Абдуллоро ҳаводорони шеър хуб мешиносанд, чакидаҳои хомаи ӯ тавассути рӯзномаву маҷаллаҳо ва китобҳои алоҳида ба нашр расидаанд. Инак зери дасти ман ду маҷмӯаи ашъори ӯ қарор дорад, яке бо номи «Созҳо ва розҳо», ки соли 2001 ба нашр расида ва аз фаслҳои «Шеърҳо дар қолаби навин», «Шеърҳо», «Ғазалҳо», «Рубоиёт», «Дубайтиҳо», «Қитъаҳо», «Чакидаҳо» ва «Таронаҳо» иборат аст. Маҷмӯаи дуюм, ки «Ниёзи дил» унвон дорад, соли 2008 ба нашр расида, аз ғазалу рубоӣ, дубайтию қитъа ва таронаву катибаҳо иборат аст. Маҷмӯаи дуюм ашъори дар солҳои гуногун эҷоднамудаи муаллифро, ки бори дигар такмилу тасҳеҳ ёфтаанд, дарбар мегирад ва дар муқоиса бо ашъори пешини ӯ пешравии назаррасе дар кашфи маонии тоза, тасвирорӣ, салиқаи сухан ба назар мерасад.

Акбар дар ҳар ду шева: ҳам қолаби нав ва ҳам қолаби суннатӣ шеър мегӯяд, аммо қисмати умдаи ашъори ӯро арӯзи анъанавӣ ташкил медиҳад. Барои офаридани маонии бикр дар мавзӯи маъмулӣ ва бо диди тоза ба он нигаристан шоирро заҳмати зиёд мебояд. Дар шеъри Акбар ҳамин гуна муносибати эҷодкорона, назари нави шоирона ба воқеоти замонаву масоили рӯзгор дар қолаби мавзӯи суннатӣ ба чашм мехӯрад, ки натиҷаи ҷустуҷӯ ва истиқлоли ҳунари шоирии ӯро нишон медиҳад.

Шеър зодаи дард аст ва шоир он вақт шеъри олӣ мегӯяд, ки дарде дорад ва ё ба қавли Мавлавӣ «гумгаштае» дораду дар пайи ҷустуҷӯи он аст. Шоир дар «Шеъри ман чист?» ба ин нукта ишора дорад:

*Чист шеърам?*
*Шеъри ман андӯҳи дард аст,*
*Шеъри ман гарм асту сард аст,*
*Шеъри ман ҳарфи талоши зиндагонист,*
*Номаи сабзи ҷавонист…*

Ин дардро наметавон бо алфози маъмулию сухани орӣ аз назокату зебоӣ ва муассирӣ баён кард. Аз ин дидгоҳ Акбарро метавон шоири дардҳо номид, шеъри ӯ саропо дарду гудоз аст, гӯиё куллияи ғаму дарди миллати ҷафодидаи тоҷик бар дӯши ӯст. Андешаҳои дардолуд аз ҳар мисраи шеъри ӯ садо медиҳад ва ба қавле «хат ба хат печидаи ҳарфи дард» девони варо фаро гирифта. Ва ин бесабаб нест, баъд аз он воқеоти хунини солҳои навад шоири асили тоҷик ва алалхусус суханваре, ки шоҳиди заволи армонҳои миллию қатлу куштори миллат ва вайронии Ватани маҳбуб буд, танҳо аз дард сухан гуфтан метавонисту бас, то мабдаъ ва моҳияти фоҷеаи миллат равшан гардад:

*Чаман бар ашки боронҳо,*
*Ватан дар хуни худ хоб аст.*
*Даман аз гӯрҳо мамлуст,*
*Кафан дар даҳр наёб аст…*

Дарди шоир дарди инсони худогоҳ, дарди фоҷеаи миллат, дарди гум шудани арзишҳои волои маънавӣ, хории ақлу хирад, косташавии одобу ахлоқ, зиштии муҳити зист, бемаърифатию дилмурдагии мардум аст. «Шаҳри талотумҳо» далели боризест ба гуфтаҳои боло:

*Дар ин шаҳри талотумҳо*
*Басе бо дард мебинам,*
*Дару дарвозабоне нест,*
*Ҳама зору ҳақиру бенаво гашта,*
*Дарего, меҳрубоне нест…*
*Дар ин шаҳри ғуборолудаи торик*
*Фурӯғи орзуҳо аз миён рафта,*
*Дарего!*
*Умри одам ройгон рафта…*

Бале, ҳангоме ки одамизода имонро аз даст медиҳад, сифати инсонии худро гум мекунад ва тафовуте байни ӯву ҳайвони даранда намемонад, ин қабил инсон ба чизе намеандешад ва барои ӯ муқаддасоте вуҷуд надорад, барои андаке суди хеш ҳамаро ба фурӯш мегузорад:

*Фаромӯш карда мардум рӯзи маҳшарро,*
*Худованду*
*Ҳадису*
*Ҳикмату*
*Зоти паямбарро,*
*Замину*
*Оташу*
*Обу*
*Ҳаворо низ бифрӯшанд,*
*Ҳавову Одаму ишқи Худоро низ бифрӯшад…*

Дарду андӯҳ шоирро ба ситоиш шаб меоварад ва шаб барои ӯ гурезгоҳест аз ҳама ноҷӯриҳои замона. Дар тасвири Акбар шаб сифати зулмониашро аз даст дода, ҳамдаму

ҳамрози ӯ гаштааст. Сиёҳии шаб мӯи мушкин ва чашми ҷодуи дилбарро ба хотир меоварад ва бо он ҳама зулмониаш барои ӯ «модари ғамҳои ширин» асту «ҳамдами танҳои дерин» ва шоир бар қасди рӯзҳои ноумедӣ аз шаб бахти испед меҷӯяд:

*Биё, эй шаб,*
*Ту ҳастӣ модари ғамҳои ширинам.*
*Биё,*
*Дар зулмати ту ашк хоҳам рехт.*
*Туро чун шеър хоҳам хонд,*
*Ва танҳо бо ту хоҳам монд,*
*Ман он танҳои деринат,*
*Яке хоҳам шудан бо Моҳу Парвинат…*

Тасвир ва ситоиши шаб ба сифати гурезгоҳ аз ҳама пастию носозгории рӯзгори буқаламун дар чандин шеърҳои шоир ба назар мерасад, аз ҷумла шеърҳои «Шаби бехобӣ», «Побанди хаёл», «Шабҳо ба ёди ту»…

Мавзӯи дигаре, ки дар шеъри шоир доман густурда ва иртиботи қавӣ бо мавзӯи қаблӣ дорад, ғами танҳоист. Дар муҳите, ки бемаърифатӣ ҳукм меронаду рӯҳу равон ва шарафу номус қадри пишизе арзиш надорад, шоир худро ҳақиру танҳо мебинад. Ғаму дарди миллате, ки замоне фарҳанги воло доштаву акнун ҳамаро аз даст дода, дар ғами шикам аст, шоирро ба кунҷи инзиво мекашад. Мардуме, ки дар ин даврони забун музтару лол монда, савобро аз вубол фарқ намекунад, бо хеш намесозаду талабгори камол аст, дар дил сафое неву дар талаби ҷамол аст, шоирро ба дард меоварад:

*Саргашта дар ин даври забун музтару лолем,*
*Аз нози Самандар зи азал бе пару болем…*

Шоир ҷӯёни инсон аст, инсони дардошно, ки даст ба домонаш занад ва раҳ ба сарманзили мақсуд барад. Аммо чунин инсон дар ин «шаҳри талотумҳо» намеёбад ва чун

эҳсоси танҳоӣ мекунаду ҳама ноҷӯриҳои зиндагӣ ранҷураш месозад, мехоҳад лолае бошад дар домони кӯҳ фориғ аз ҳама доругирҳо ва ҳамчун «кӯдак» аз домони «модар» шири боронӣ аз пистони само бинӯшад:

*Кош будам лолае ман лол дар домони кӯҳ,*
*Дар сукути ӯ шукуфо, фориғ аз фарёдҳо,*
*Ҳамчу кӯдак дар канори модари ғамхори худ*
*Мемакидам шири боронӣ зи пистони само…*

Чизи дигаре, ки дар шеърҳои Акбар ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ҳамоно тасвирорӣ ва эҷоди калимоту таркиботи тару тоза аст. Масалан, ташбеҳи барф ба ашки парешони ситора, ки дар қудуми ёр мерезад ва покию испедии ин барф ба боли фаришта, дар шеъри «Барфи умед» ва ё ташбеҳи инсон ба барги дарахт, ки моил ба уфтодан аст, дар шеъри «Барг». Таркиботе монанди «парии дард», «шакароби бӯса», «фарзонаи девона» (породокс) ва ғайра. Ҳамчунин зулқофиятайне, ки дар баъзе ғазалҳо ба назар мерасад, салосату равонии онҳоро фузудааст.

Дар ашъори шоирони даврони нав майли гуфтани шеъри ирфонӣ ва пайравию татаббӯъ ба ашъори шуарои ориф зиёд ба назар мерасад. Аммо эҷоди ин гуна шеър аз шоир огоҳии комили ӯро аз адаби гузашта талаб мекунад ва ҳамчунин шоир бояд сиришти орифона дошта бошад ва аз он маърифат бебаҳра набошад. Акбар аз он ҷо, ки шеърро аз девони шоирон омӯхтааст, на аз рисолаҳои шеършиносӣ, таъсирпазирӣ ва баҳрабардорӣ аз бузургон, хосса Мавлоно дорад. Албатта, имрӯз наметавон андешаҳои худоҷӯӣ ва маърифати раббониро ба он шева баён кард, ки Мавлоно кардааст ва ё мавзӯи панду андарзро ба он услуб суруд, ки Шайхи Саъдӣ сурудааст. Ғазали орифонаро Мавлоно ва ғазали ошиқонаро Шайхи аҷалл ба ҷое расонданд, ки аз он болотар бурдан имконе надорад. Агар Ҳофиз дунболаи Мавлоно мерафту танҳо ғазали ирфонӣ месуруд, Ҳофиз намешуд ва ин бузургвор ду шеваро чунон омехт ва сабке офарид, ки матонати салосат ва маонии ҳарду шеваи

ғазалсароиро дорост. Акбар аз ин маърифат шаммае бӯ бурда, ки худ дар «Меҳрнома» ишора дорад. Ин нукта қобили зикр аст, ки ашъори маҷмӯаи дуввум нисбат ба аввал ба маротиб беҳтар аст, алалхусус дар он шеърҳое, ки оҳангҳои ирфонӣ доранд. Масалан дар маҷмӯаи аввал:

*Мо ба ин дунё барои ишқбозӣ омадем,*
*Аз пайи Мавлои Рум аз роз розӣ омадем.*

Дар маҷмӯаи дуюм шеърҳое вомехӯранд, ки дорои арзишҳои маънавӣ ва оҳангҳои худоҷӯӣ доранд ва Акбар муваффақ гашта дар партави андешаҳои шуарои ориф шеъре гӯяд, ки дорои маърифати илоҳӣ бошад. Намунаи беҳтарини ин гуна шеърҳо ғазале аст, ки бо матлаи зер оғоз мешавад:

*Ин дили мо ошиқи зор асту бас,*
*Дар фироқи рӯи он ёр асту бас.*

Суннатгароӣ амали хуб аст ва маҳз ҳамин амал моро ба гузашта пайванд месозад, аммо пайравӣ ба нишонаҳои зоҳирӣ наметавонад боиси такомули адабиёт гардад. Ба таъбири дигар, шеъри имрӯзе, ки дорои арзишҳои маънавӣ ва маърифати илоҳӣ аст, наметавон ба шевае суруд, ки Мавлоно сурудааст.

Акбар дар хунёгарӣ аз пайравони шеваи Хуршеди Алидод ва дар шоирӣ аз шогирдони мактаби устод Лоиқ аст ва дар ин майдон боҷуръатона қадам мезанад. Таъсирпазирӣ аз ин устоди сухан шеъри ӯро фурӯғи тозае бахшида ва ба чанд шеъри устодаш назира суруда, ки қобили қабул аст, аз ҷумла шеъри:

*Рав он фиребоbooро бигӯ, Акбар видоят карду рафт,*
*Он меҳри дилҳоро бигӯ, Акбар видоят карду рафт…*

Воқеан, маҷмӯаи «Ниёзи дил»-ро ба ёди устоди равоншодаш Лоиқ Шералӣ бахшидааст ва чанд шеъре ба ёди ус-

тод дорад ва хосса «Навҳае дар ҷанозаи устод Лоиқ» хеле бадард аст.

Маҷмӯаи «Ниёзи дил» рози дили солики дилдодаи тариқи шеър, ошиқи зебоӣ ва вассофи ҳусну ҷамол аст. Шахсест ҷӯяндаву пӯяндаи камол ва толиби висол, ки дарди дили дардманди худро бо шеър ифшо намуда. Ин солики дилшуда ба синни мубораки шаст қадам ниҳода, вале дили ошиқпешааш ҳама ранҷу дард дар худ гирифта, симои ӯро чун ҷавони баркамоли сисола нигаҳ доштааст. Шасти камолотро ба ӯ табрик мегӯям ва аз Худованди мутаол таманнои онро дорам, ки ин дуои Хоҷаи Шерозро бадрақаи зиндагии ӯ гардонад:

*Камтар аз зарра найӣ, паст машав, меҳр биварз,*
*То ба хилватгаҳи хуршед расӣ чархзанон.*

*Хоҷамаҳмад УМАРОВ*

## ДӮСТИ ҶОНӢ

Таърихи шиносоӣ ва дӯстии ман бо Алиакбар Абдуллоев тақрибан 15 солро дар бар мегирад. Ин ҳамон замоне буд, ки ӯ сардори шӯъбаи корҳои дохилӣ дар ноҳияи Варзоб буд. Вақте ки бори аввал бо ӯ вохӯрдам, аз муомилаи ӯ, ки сардори милиса буд, ангушти ҳайрат газидам – бо забони тоза ва нафиси адабии тоҷикӣ ҳарф мезад ва суханрониаш хеле оқилона буд, дар сурате, ки аз аксарияти ҳамкасбонаш чунин муомиларо касе интизор набуд ва дар муддати як соат, ки ҳамроҳ дар рӯи роҳи Душанбе-Айнӣ қарор гирифта будем, ба якчанд тобеъонаш ишора кард, ки ба мардуми роҳакӣ дасти ёрӣ дароз кунанд, хушмуомила бошанд ва дуруштию ситезаро аз хотир фаромӯш кунанд. Яъне аз хотир набароранд, ки мардум аз гапҳои дурушт ва ситеза монда шудаанд ва мӯҳтоҷи муомилае мебошанд, ки сазовори он ҳастанд. Зимни суханронӣ ман ба ӯ миннатдорӣ баён кардам, ки чунин тарзи муносибатро ба мардуми оддӣ пеша кардааст. Дар ҷавоб ӯ гуфт, ки дар ин бобат ақидаи дигаре бояд вуҷуд надошта бошад. Чунон, ки мардуми шарифи тоҷик сазовори меҳрубонӣ, забони суфта ва мулоим мебошад. Зеро мардуми тоҷик худ барои таҳия кардан ва амалӣ гардонидани идеалҳои балантарини инсонӣ аз ҷумла, муносибатҳои байни шахсиятҳои гуногун, хурду калон, падару писар, вазифаҳои авом ҳиссаи худро гузоштаанд.

Баъдтар дар яке аз маъракаҳо, ки устод Лоиқ Шералӣ сарвари он буданд, аз нав бо Алиакбар вохӯрдам. Устод Лоиқ бо Алиакбар хеле самимона, ҳамчун бародари хурдиашон меҳрубонӣ мекарданд. Ман аз устоди бузург пурсон шудам, ки бо Алиакбар чӣ робитае доранд, ки ӯ сардори шӯъбаи милиса аст ва устод шоиранд? Устод Лоиқ бо як завқи ба худашон хос хандиданд ва гуфтанд, ки эҳтимол дар ин маърака фақат шумо Алиакбарро хуб намешиносед, – ва давом доданд, – ӯ шахсияти нотакрор аст. Дар куҷо ди-

даед, ки сардори шӯъбаи милиса дар чунин замонаи шадид, ки мардум раҳму шафқатро аз ёд баровардаанд, чунон шеъре нависад, ки хонандаро маҷбур созад, ки ашкрезонӣ кунад?

*Фарёди гулӯгирам дар кӯҳу даман гиряд,*
*Аз оҳи ҷигарсӯзам мурғони чаман гиряд.*
*Ғам аз пайи ғам омад, бар хонаи тоҷикам,*
*Ин халқи пароканда дар ёди Ватан гиряд.*
*Аз каҷравии гардун дилҳои ҳама пурхун,*
*Бар ҳоли дили пурхун ҷон гиряду тан гиряд.*
*Аз бахти сиёҳи хеш ман гиряму дил гиряд,*
*Ман бар сари дил гирям, дил бар сари ман гиряд.*
*Аз дидани ин офат ҷон мурдаву тан мурда,*
*Бар ҷону тани мурда тобуту кафан гиряд.*

Эшон боз илова карданд, ки Алиакбар дар як замон ҳам аз ӯҳдаи вазифаи расмии худ мебарояд ва ҳар рӯз ба имдоди даҳҳо афроде, ки азобу кулфат мекашанд, меояд ва мушкилии онҳоро осон мегардонад ва, дар айни замон, шабҳои зиёде бехобӣ мекашаду шеър эҷод менамояд – шеъре, ки дар тамоми фазои Осиёи Марказӣ то Афғонистону Эрон аҳён-аҳён вомехӯрем. Устод Лоиқ хислатҳои инсондӯстӣ, хоксорӣ ва ҷавонмардии Алиакбарро махсус қайд намуда гуфтанд, ки шогирдони зиёде дорам, аммо Алиакбар бароям ба монанди фарзандонам азиз мебошад.

Баъдан бо Алиакбар шиносоии устувор пайдо кардем ва ин шиносоӣ ба дӯстӣ ва ҳамкорӣ табдил ёфт. Алиакбар Абдуллоев ё Акбари Абдулло як шахсиятест, ки аз нохуни пой то муи сар мубориз аст ва тамоми ҷисму ҷони худро барои миллат, барои ватан, барои дӯстону пайвандонаш бахшидааст. Ватандӯстию миллатпарастии Алиакбар дар шеърҳои равони ӯ ифода ёфтаанд. Вай солҳои зиёди ҳаёти пурбаракати худро дар сохторҳои қудратӣ гузаронидааст, аммо бо музди кори ночизе, ки аз ин сохторҳо мегирифт, қонеъ мегардид ва эҳсоси оптемистии худро ҳеҷ гоҳ гум намекард. Пайвандону дӯстонро доим тасалло медиҳад, ки рӯзҳои

беҳтарин дар пешанд. Яке аз хусусиятҳои беҳтарини Алиакбар дар он аст, ки ӯ ҳамсӯҳбатро хеле хуб гӯш мекунад. Эҳтимол ин хусусияте бошад, ки хусусияти касбӣ дорад. Чунин тарзи сӯҳбат кардан ба ӯ имконият медиҳад, ки ба атрофиёнаш маслиҳатҳои хуб диҳад, чунон маслиҳатҳое, ки қобилияти амалӣ гардидан дошта бошанд. Баъзан бо як ё ду сухан як дунё маъноро ифода карда метавонад, ки ин хоси ҳар кас нест.

Алиакбар дар шаҳри Норак, Бадахшони Тоҷикистон солҳои дарозе машғули фаъолияти милисагӣ буд ва то ба сатҳи сарҳангӣ расид. Дар ҳама ҷо кӯшиш мекард, ки ба масоили душвори маҳал сарфаҳм равад ва якҷоя бо созмонҳои дигари давлатию ҷамъиятӣ барои ҳаллу фасли онҳо кӯшиш ба харҷ диҳад. Дар ҳар куҷое, ки фаъолият дошт, дар ду раванд худро нишон медод – дар байни мардуме, ки доираи сохторҳои қудратӣ буданд ва дар байни мардуми эҷодкор, яъне шоирону нависандагону ҳофизону мутрибон, рассомон ва ғайра. Дар ҳарду раванд ӯ худро ҳамчун шахси моҳир ва донандаи нозуктарини касбу корҳои махсуси ба ин равандҳо маҳсуб буда муаррифӣ менамуд.

Аз он, ки Алиакбар ҳам шоир асту ҳам мутриб, ҳам овозхону ҳам оҳангсоз, ба хотири ҳар кас қобилияти бузурги пайғамбари шеъри форсӣ Абуабдуллои Рудакӣ намоён мешавад. Дар ҳар як шеъри Алиакбар гӯё ҳам дастхати устод Рудакӣ ва ҳам дастхати устод Лоиқро мебинед. Гӯё дар як замон аз ду сарчашма илҳоме гирифта бошад ва на танҳо барои шеъри офаридаи худ мусиқӣ месозад, балки як чанд шеъри устод Рудакӣ ва устод Лоиқро низ месарояд зери мусиқии эҷодкардааш ва дар лаҳни Алиакбар шеърҳои устодони бузурги адабиёти тоҷику форс шевову гуворо садо медиҳанд.

Рӯзҳо, моҳҳо ва солҳо пайи ҳам мегузаштанд. Вале хушбахтона дӯстии мову Алиакбар наздиктар ва қавитар мешуд. Ман ҳангоми ҳар вохурӣ хислатҳои неки ӯро аз нав кашф мекардам. Аз Худои мутаол ва тақдири хеш сипосгузор будам, ки бароям чунин як дӯсти ҷониро ато намудаст.

Ӯ бароям дӯсти беғараз, мӯънису ғамхор ва дар ҳолатҳои мушкил маслиҳатгари муфид шуда буд. Ба одамшиносии устод Лоиқ гаштаю баргашта қоил мешудам дар симои дӯсти ҷониам Алиакбар.

Марги нобаҳангоми устод Лоиқро Алиакбар чун зарбаи мудҳиш ва фоҷиаи бузурге қабул намуда ба ёдаш чандин шеър бахшидааст:

*Само аз нимашаб холӣ зи ахтар буд.*
*Замин чун модаре бо дидаи тар буд.*
*Фалак он лаҳза аз меҳвар бурун омад,*
*Ту гӯи марги Лоиқ марги Акбар буд.*

Ҳоло ҳамкории мо бо Алиакбар дар соҳаи мубориза алайҳи фасод идома дорад. Дӯсти азизи ман як муддат дар созмони давлатии мубориза алайҳи фасод фаъолият дошт ва он ҷо оиди ин самти касбӣ таҷрибаю малакаҳои зиёде ҳам пайдо намуд. Дар айни замон ба хулосае омад, ки дар самти мубориза алайҳи фасод бояд сатҳи тафаккури ҳуқуқии мардумро боло бурда, тамоми қишрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро оиди ин мубориза ҷалб намудан зарур аст.

Ӯ эҳсос менамуд, ки ин кор чандон осон нест, зеро қисмати асосии мардум аз чунин мубориза худдорӣ мекунанд ё бо сабаби бепарво будан, ё бо сабаби иттилооти дуруст надоштан, ё бо сабаби худро дар чунин мубориза нотавон ҳис кардан. Мутаасифона, дар байни мардум ҳатто ақидае пайдо шудааст, ки гӯё нисбати фасод ягон чораеро амалӣ гардонидан номумкин аст.

Алиакбар ба чунин ақидаҳо комилан розӣ нест. Аз ин рӯ ӯ аз хизмати давлатӣ даст кашид ва ташаббускори тавлиди як созмони ҷамъиятӣ шуд, ки ба тарбияи тафаккури ҳуқуқӣ ва иттилооти зидди фасод машғул аст. Дар як муддати кӯтоҳ ӯ тавонист, ки ин созмонро ба тамоми мардуми тоҷик шиносонад ва созмони мазкур дар байни ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон ҳоло мақоми махсус пайдо кардааст. Алиакбар қариб ҳар рӯз дар конфронсҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар, ки ба масоили гуногун бахшида шудаанд,

ширкат меварзад ва сухангӯӣ менамояд. Дар яке аз семинарҳо, ки оид ба масоили фасод барои рӯзноманигорони ҷаҳон бахшида шуда буд, ман ҳам иштирок варзидам ва медидам, ки дӯсти ман то кадом сатҳ кӯшиш менамояд, ки ба аҳли қалам мазмуни фасод ва роҳҳои муосири мубориза бар зидди онро фаҳмонад. Ӯ бо забони хеле оддӣ ҳарф мезад, дар бораи сабабҳои пайдоиши фасод бо рӯзноманигорон сӯҳбат мекард, хатари иқтисодӣ ва миллии ин ҳаводисро таъкид менамуд ва мегуфт, ки агар имрӯз дар Тоҷикистон фасод намебуд, симои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ комилан дигар мешуд. Ман Алиакбарро дар вохӯриҳои дигар, ки бо рӯшанфикрҳои сатҳҳои гуногун мегузаштанд, низ медидам ва мушоҳида мекардам, ки барои ҳар як сатҳи шунаванда ӯ бо забони ба ҳамин гурӯҳи шунавандагон фаҳмо сухангӯӣ мекард ва дар ҳама ҷо ӯро саволборон мекарданд ва медиданд, ки ба ҳамаи саволҳо аз назарияи илм ва амалияи пешқадам ҷавобгӯӣ мекунад. Баъзан дар танҳоӣ орзу мекардам, ки кош ба монанди Алиакбар дар Тоҷикистон садҳо мутахассисон доир ба мубориза алайҳи фасод пайдо шаванд, ки бо чунин забони фаҳмо моҳияти масъаларо ба мардум фаҳмонанд ва тамоми гурӯҳҳои шунавандагонро ба муборизаи шадид алайҳи фасод равона карда тавонанд. Ҳоло дӯсти ман Алиакбар ҷашни шасти муборак доранд. Азбаски хеле марди заминӣ ва хоксоранд, ҳатто дӯстон дар арафаи ҷашн фаҳмиданд, ки қайди он хеле хоксорона ва мувофиқи меъёрҳои имрӯз кабулшуда хоҳад гузашт. Ман бо боварии комил гуфта метавонам, ки Алиакбар сазовори он ҳастанд, ки тамоми ҷумҳурӣ ва тамоми дӯстони Алиакбар, ки сар то сари сайёра паҳну парешонанд, мехоҳанд, ки як ҷашни бошукӯҳе барпо гардад, ки он мавриди гуфтугӯҳои зиёди ирфонӣ бошад. Вале хислатҳои хоксорӣ ва фурӯтании Алиакбар садди гузаронидани чунин ҷашн шудаанд.

Дар арафаи ба чоп омодасозии ин сатрҳо, ки субҳи барвақти рӯзи 20 майи соли 2010 буд, ба телефони дастии дӯстам Алиакбар занг зада хостам бо ӯ вохӯрам. Вай меҳрубонона узр пурсида гуфт, ки ҳамроҳи устод Сорбон

ва бародараш Афзалшоҳ ҳоло дар сари марқади устод Лоиқ, дар мавзеи Лучоб мебошад. Нисфирӯз дар маҳфили ёдбуди устод Лоиқ, ки дар Донишгоҳи давлатии милӣ бахшида ба рӯзи мавлудашон барпо мешавад, бояд иштирок намояд. Бо ин сабабҳои узрнок фақат бегоҳирӯзӣ метавонад ба хизмати ман бирасад. Баъди хайрухуши телефонӣ ба андеша рафтам сари эътиқоди поку бузург ва садоқати инсон ба инсон, шогирд ба устод, фарзанд ба падар, мурид ба пири маънавии худ. Чӣ арзиши муқаддас барои мо инсонҳо!

Шасти камолот муборак, дӯсти ҷонӣ!

*Соҳибназар РАҲМОНОВ*

## ДӮСТИ ҶАМЪИ ФАЗИЛАТ

*Зумрае дилбастаи ин даҳри дун,*
*Мо ба он дунёи зебо меравем,*
*Маскани инҳост гар рӯи замин,*
*«Мо зи болоем, боло меравем».*

Замони шиносоӣ бо тифли домони Дашти Ҷам – ворисимаънавии ҳазрати Мавлавӣ дар ёдам нест.Оғози солҳои навадуми қарни гузашта, банда ба ҳайси мудири бахши наҷоти Маркази ҷумҳуриявии дил ифои вазифа менамудам. Пизишкёри навбатдор хоҳиш намуд, ки ба қабулгоҳ бемореро бо дарди дил «аз Боло» оварданд ва нияти сафар ба он дунё дорад, муоина намоям. Баъдтар маълумам гашт, ки пизишкёр аз посухи бемор бо нигоштаи дар боло зикргашта «натиҷагирӣ» намудааст…

Шиносоӣ бо бемори ориф тавъам бо дарди дил сурат гирифт ва барои бародарии якумрӣ ва дӯстии хонаводагӣ, ки зодаи андӯҳу айш буд, замина гузошт. Дар машварати пизишкӣ орифи беморро «Имом-хатиби масҷиди вайронаи дил» интихоб намудем. Бо андешаи он ки мо ба ӯ ниёз доштем, на ӯ ба мо, бо тавсияҳои шифоӣ кӯшишҳое ба харҷ дода, дар роҳи нияти сафар «ба он дунёи зебо» монеаҳо эҷод намудем. Сафари Орифи бемор шабеҳи сафари шамъ ба даруни хештан ва ё рӯ ба офтоб буд. Вақт дурустии самти андешаи моро собит сохт. Дертар, замони нооромиҳои кишвар, маҳз тавассути сарпарастӣ, дастгирии маънавию моддии Орифи бемор мушкилоти мавҷудаи Кохи Дил (манзур Бемористони Дил) ва сокинонаш ҳаллу фасл мегардид.

Қонунҳои мавҷудаи кишвар ҳуқуқи интихоби муассисаи шифоӣ ва пизишки шифокорро ба бемор вогузор намудаанд. Банда, бидуни риояи ин меъёр, худро пизишки шифокори Орифи бемор эълон намуда, дар марҳилаҳои гуногун, вобаста ба ҳолати рӯҳии бемору пизишк, ба ӯ ташхисҳои

зерин гузоштаам: *ҳамсафари абр, гиряи абр, ҳавои абрӣ, сари зери теғи ишқ, дидаи тари ишқ, чароғи кӯчаи бедорон, соқии базми дилҳо, раҳнаварди дилҳои шикаста, танҳотар аз хеш, тарҷумони рӯҳи гунги дардмандон, ташхиси ниҳоӣ – дӯсти фазилатоин.*

Аз дидаву шунидаву лаҳзаҳои ёдмони дӯстиву бародарӣ бо шоир, афсар, хунёгар, ровӣ, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, соҳиби унвонҳои ифтихории Корманди хизматнишондодаи ВКД, Аълочии ВКД, Аълочии фарҳанги ҶТ, устоди варзиши ИҶШС оид ба гӯштини тарзи «Дзюдо», дорандаи рутбаҳои махсуси низомии полковники милитсия, полиси андоз ва мубориза алайҳи коррупсия – дӯсти ҷамъи фазилат Акбари Абдулло гуфтаниҳои зиёд доштам… Дар андешаи интихоб ғанабам бурдааст ва дар хоб мӯсафеди нуроние дидам, ки чеҳрааш шабеҳи Зардушт аз манори масҷиди вайронаи Дил азони ишқ мегуфт, то ки «Фарёди дур»-аш «Розҳои танҳоӣ» ва «Ниёзи дил»-ашро баён намояд. «Фарёди ёри дур» тавассути «Созҳо аз розҳо» танинандоз шуда, «Андешаҳо»-и зодаи «Кошонаи сӯхта»-ро ба гӯши аҳли ниёз мерасонд.

Субҳ андешаи хоби дӯшин маро тарк намекард. Гуфтаи Мавлоно Ҷомӣ – «Шарҳи ин маънӣ надонад ҷуз забони сӯхта»-ро сармашқи кор қарор дода, ба дидори дӯсти некӯхисол Акбари Абдулло рафтам. Орифи родрафтор ва зебонигор дар дафтари корӣ набераи хуҷастаниёи худ – Лоиқшоҳро дар сари зону ҷо дода, Куллиёти аламбардори дунёи шеър – устоди равоншод Лоиқ Шералиро мехонд. Ва ҳине ки аз «Резаборон» байти зеринро хонд:

*Бимирам сарбаланд, эй тифли фардо,*
*Агар қоиммақоми ман ту бошӣ.*

беихтиёр аз чашмаи дидагони сириштшиносаш ба кӯчаи рухсори нурбораш ашк давон шуд. Ашки Акбари Абдулло зодаи ду ҳолат буд: аввалан ӯ аз китоби хотир саҳифаҳои ошноӣ бо Устод Лоиқро боз намуда, огандаи дард шуд, ки чунин фарди бузург бармаҳал дунёи фарзонакушро тарк

намуд. Мӯҷиби дуввуми гиряи ӯ ифтихор буд. Ифтихор аз он ки Котиби қудрат дар саҳифаи тақдири ӯ зода шудани набераи зебопиндораш Лоиқшоҳро рақам задааст.

Дар рафти сӯҳбат орифи шӯридамашраб аз рӯзгори моломоли ишқу май ва фаровон аз ҷононаву паймонаи худ ёдоварӣ намуда, иброз дошт, ки ҳастии ӯ бо ҳастии ҳамсари меҳроин ва вафокешаш Зеварбону тавъам будааст ва инак дарёфтааст, ки ҳамсараш дарёву ӯ қатра аст, зеро:

*Қатра дарёст агар бо дарёст*
*В-арна ӯ қатраву дарё дарёст.*

Ниҳоят, ӯ бо дарки жарфнои иштибоҳи рӯзгори гузашта, дубайтии зеринро бо садои сурӯшии худ қироат кард:

*Дило, то чанд меҷӯӣ ту дилбар*
*Миёни духтарони резапайкар.*
*Расад рӯзе пушаймонат бубинам,*
*Нигоҳат рӯ ба сӯи кӯи Зевар.*

Чун саманди рӯзгори дӯсти родмарди мо Акбари Абдулло фарсахи шастуми ҷодаи ҳастиро месипорад, банда ӯро бо ҷашни ҷавонӣ таҳният мегӯям, зеро дар синни 60-солагӣ инсон ба камоли хирадмандӣ мерасад ва ба қавли қиблаи ниёиш – Модари бузургам (равонашон шод бод!) ҷавонии дили инсон дар шасти камолоташ оғоз мешавад.

Дар фароварди нигоштаи худ, чун рамзи ифтихор аз дӯстӣ, ба соҳибҷашн абёти зерини шоири Эрон Раҳмати Мӯсавиро эҳдо менамоям:

*Кӯҳ бе ҳиммати мо мӯҷиби хиҷлат гардид,*
*Ки ба гӯше нарасондем садои дигарон.*
*Дӯст, эй ҷамъи фазилат, ту накӯ медонӣ,*
*Ки атои ту набахшам ба лиқои дигарон.*

## НИГОҲЕ БА «НИЁЗИ ДИЛ»

Китоби шоир Акбар Абдуллоро бо номи «Ниёзи дил» нашриёти «Адиб» дар чопхонаи нашриёти «Эҷод» соли 2008 бо сифати баланд ва бо теъдоди 700 нусха аз чоп баровардааст.

Муҳаррири китоб устоди гавҳаршинос, шоир Зиё Абдулло буда, китоб ба ёди устоди равоншод, Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ бахшида шуда, ин чаҳор мисраъ ҳамчун эпиграф дар оғози китоб оварда шудааст:

*Само аз нимашаб холӣ зи ахтар буд,*
*Замин чун модаре бо дидаи тар буд.*
*Фалак он лаҳза аз меҳвар бурун омад,*
*Ту гӯӣ марги Лоиқ марги Акбар буд.*

Қоил мешавам ба садоқати шогирд ва таваҷҷӯҳ мекунам ба феҳристи китоб. «Ниёзи дил» 87 шеър, 82 ғазал, 23 рубоӣ, 75 дубайтӣ, 3 қитъа ва 27 катибаро дар бар мегирад. Шеъри нахустини китоб «Ба ҷои узр» ном дошта, ҳар як хонандаи соҳибзавқу соҳибдилро ба риққат меоварад. Шоир аз ҳамсару фарзандон ва хешу пайвандон узр мепурсад, ки дар тӯли зиндагӣ вазифаи муқкаддаси инсониро он сон, ки лозим мешуморад, иҷро карда натавонистааст:

*Вале ҳар ҷо, ки будам, ман ба ёди ошно будам,*
*Ба ёди ҳамсари умре басидқу бовафо будам,*
*Ба ёди кӯдакони чашм бар роҳи падар*
*Ҳар шому субҳи босафо будам.*
*Ба ҳар ҷое, ки баҳри хизмати мардум сафар кардам,*
*Ту гӯӣ ёди фарзандони худро тоҷи сар кардам.*

Шеъри мазкур сидқу самимият ва иқрори ҷавонмардона ва шоиронаро дорост. Инчунин, масъулиятбарангез буда,

ибратомӯзи падароне мебошад, ки баҳри иҷрои вазифа дур аз аҳли оила дар гӯшаву канорҳои мухталифи Ватани азизамон умр ба сар мебаранд.

Хуб, оғоз кардем ба мутолиа:

*Афсонаҳо, ки ҳосили армони одаманд,*
*Ҳаргиз набудаанд дар оғози худ дурӯғ.*

Аз шеъри «Эй орзуи ман».

*Он гаҳ ҷафову макру фиреби гузаштаҳо*
*Дар рӯ ба рӯи меҳру вафо бенишон шаванд.*
*Обу ҳавову оташу хоку замин ҳама*
*Ҳамсозу ҳамнавову ба ҳам меҳрубон шаванд*

Аз шеъри «Дунёи ошиқӣ»

*Ҳамон гулҳои зардолу,*
*ки дар шеъри ту бас хушбӯй мерезанд,*
*Мисоли қатраҳои ашки ман аз дидаам бар рӯй мерезанд.*

Аз шеъри «Гули зардолу»

*Рӯзи худро аз пайи рӯзӣ ба сӯи рӯзгор*
*Медиҳам чун коҳ бар бод,*
*Донае ҷуз каҳ намеафтад ба хок…*

Аз шеъри «Рӯзҳои бе саҳар бе шом»

*Чӣ ёроне ҷавон рафтанд аз чашмам,*
*Хамӯшу ноаён рафтанд аз чашмам.*
*Чу як барги хазон рафтанд аз чашмам,*
*Чу як барги хазон, аммо гарон рафтанд аз чашмам.*

Аз шеъри «Хазонрез»

*Дар ин шаҳри талотумҳо*
*Басе бо дард мебинам;*
*Дару дарвозабоне нест,*
*Ҳама зору ҳақиру бенаво гашта.*
*Дареғо, меҳрубоне нест,*
*Ҳама даъвогари тахтанд,*

*Ҳама савдогари бахтанд.*
*Дар ин шаҳри ғуборолудаи торик*
*Фурӯғи орзуҳо аз миён рафта,*
*Фаромуш карда мардум рӯзи маҳшарро,*
*Худованду*
*Ҳадису*
*Ҳикмату*
*Зоти паямбарро,*
*Замину*
*Оташу*
*Обу*
*Ҳаворо низ бифрӯшанд,*
*Ҳавову Одаму ишқи худоро низ бифрӯшанд.*
*Чӣ ғавғое,*
*Чӣ савдое,*
*Ки гар пайдо шавад як содадил дар шаҳр,*
*Ба ӯ кулли балоро низ бифрӯшанд…*

Аз шеъри «Шаҳри талотумҳо»

*Аз ҳавои шишагуни барф мебинам*
*Дар бару дӯши ту мерӯяд гули барфӣ,*
*Дар баногӯши ту мерӯяд гули барфӣ,*
*Эй хуш он ёре, ки ин дам*
*Аз баногӯши ту мебӯяд гули барфӣ.*

Аз шеъри «Барфи уммед»

Акбари Абдулло на аз рӯи ҳавову ҳавас шеър мегӯяд. Балки ӯ шоире ҳаст масъулиятшинос. Оғозу анҷоми ҳар як шеър устодона ҳаст. Аз ҳар як шеъри ӯ ҳаловат бурдам. Ва ин ҳафт дурдонае, ки овардам, аз он дарак медиҳанд, ки Акбар Абдулло устоди суханананд. Ва ин маро боз ҳам ба шавқ меорад ва идома мадиҳам ба мутолиа:

*Ишқу умеди ман ба раҳи ҷустуҷӯи ту*
*Дар сурати баҳор биёяд ба кӯи ту.*

Аз шеъри «Умед»

*Ёдгори дасти Ҷам, эй дашти Ҷам,*
*Ҳамчу Ҷоми Ҷам туро бишкастаанд.*
*Тифлакони бекасу сарсони ту*
*Дур дар ҳиҷрони ту биншастаанд.*

Аз шеъри «Дашти Ҷам»

*Канда шуд ногаҳ аз он шохи баланд*
*Баргаки ғамдида бо ҳукми хазон.*
*Гӯӣ аз шохи баланди зиндагӣ*
*Ман фитодам бо фиреби ноксон.*

Аз шеъри «Барг»

*Чӣ дунё гашта ҷо дар синаи бекинаи шоир,*
*Чӣ дилҳо гашта хун аз ғуссаи деринаи шоир.*

Аз шеъри «Дили шоир»

*Парешон карда мӯи мушкборатро*
*Ба сони парда байни дидаву дунё.*
*Наметобад булӯри шӯхи чашмонат*
*Зи пушти мӯ ба чашми чун мане шайдо.*
*Биё, бар ман ба ҳаққи меҳрубониҳо*
*Кушо мӯпардарову чеҳра рахшон кун.*
*Зи нури ҳусни худ дунёи меҳрамро*
*Дубора нур бахшу нурафшон кун.*

Аз шеъри «Мӯпарда»

*Зиндагӣ, мастам ман аз бӯи хушат,*
*Хонаи ман бӯи кӯдак мекунад.*

Аз шеъри «Тифл»

*Ало эй духтари ванҷӣ, дилам шуд волаи Ванҷат,*
*Зи худ кардам ду-се байте зи лабҳои сухансанҷат.*
*Ман аз водиву кӯҳи ту нахоҳам бурд молу чиз,*
*Фақат сеҳри туро дар дил барам аз Ванҷи пурганҷат.*

Аз шеъри «Духтари Ванҷӣ»

Ҳунари эчодии шоир Акбар Абдулло торафт рӯ мезанад. Дар сурати баҳор омадани ишқу умеди ошиқ ба кӯи маҳбуба, ҳамчу ҷоми бишкаста дарёфтани деҳаи куҳанбунёди Дашти Ҷам, ки дар «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ тасвир гардида, ба ҷои баргаки аз шохи дарахт афтода тасвир кардани худ, бо чашми таҳайюр нигаҳ кардан ба дунёи дили шоир, офаридани тасвири оличаноби мӯпарда, шамидани бӯи кӯдак дар хонадони хеш, аз Ванҷи пурганҷ ганҷе набурдан ба ҷуз сеҳри ёди пурқимати маҳбуба магар аз эҳсоси баланди Акбар Абдулло хабар намедиҳад? Оре! Фақат шоири равшанхаёл метавонад офарандаи чунин эҳсосҳову эъҷозҳо бошад.

Ва идома медиҳам ба мутолиаи китоби «Ниёзи дил»:

*Боз танҳоям ба кунҷи хилвате,*
*Аз касу нокас ҷудоям ҷовидон.*
*Фориғам аз ғуссаи дунёи дун,*
*Розгӯям бо Худои меҳрубон.*

Аз шеъри «Боз танҳоям…»

*То гулӯ тимсоҳи шаб хуршедро дам мекашид,*
*Мегиристам ончунон ман, пора мешуд қалби санг.*

Аз шеъри «Кош будам лолае…»

*Дар ҷаҳони шӯру ғавғо*
*Шӯр барпо карда, рафтӣ,*
*Пардаи созе кушодӣ,*
*Розҳо дар парда, рафтӣ.*

Аз шеъри «Ба Одина Ҳошим»

*Зиндагонӣ чист?*
*Раҳ рафтан ба рӯи ях;*
*Давидан,*
*Уфтодан,*
*Хестан,*
*Рафтан дубора.*
*Марги инсон чист?*

*Умре хуфтану хӯрдан*
*Ва аз нав хӯрдану хуфтан дубора.*

Аз шеъри «Зиндагӣ ва марг»

*Моҳие будем дарёгарду дар шаст омадем,*
*Аз фарохиҳо гузаштему ба бунбаст омадем…*

Аз шеъри «Маънои зиндагӣ»

*Эй бародар, пушти по зан зиндагиро бениҳеб,*
*Ғайри мурдан дар ҷаҳон дигар ҳама бошад фиреб.*

Аз шеъри «Маънои зиндагӣ»

*Гар набошад инқилобе дар дилат, хокистарӣ,*
*Чун уқобе зиндагӣ бояд, на ҳамчун кафтаре.*
*Дафтари мансаб раҳо кун, шеър ҷӯ аз дафтаре,*
*Гӯсфандиро гузору бош шери сафдаре,*

Аз шеъри «Маънои зиндагӣ»

Аз ғуссаи дунёи дун фориғ будану бо Худои мутаол пайвастан, офтобро то гулӯ дам кашидани тимсоҳи шаб, пардаи соз кушодану розҳо дар парда рафтани устод Одина Ҳошим, зиндагиро ба раҳ рафтани болои ях монанд кардан, аз фарохиҳо гузашта ба бунбаст омадани моҳии дарёгард, яъне инсон, фиреб будани ҳама чиз ба ғайр аз марг ва ниҳоят муроҷиат ба мансабдорон, ки дафтари мансаб бигузореду рӯ ба дафтари шеър биоред, яъне ҳикмат биҷӯеду аз роҳи ҳавову ҳаваси дунё ҳазар намоед. Чӣ андешаҳои орифона, чӣ ташбеҳу тасвиру даъватҳои шоирона.

Мутолиаро идома медиҳам:

*Рӯзгоре шуд падар гум кардаам,*
*Боз қисмат имтиҳонам мекунад.*
*Бистари бемории ман ҳам зи таб*
*Нолаҳо ҳамроҳи ҷонам мекунад.*

Аз шеъри «Баъд аз сари падар»

*Ҳар ҷо, ки ҳаст чашмаи ҷӯшони ростӣ,*
*Ҳар ҷо, ки ҳаст дидаи гирёни ростӣ,*
*Ҳар ҷо, ки ҳаст лолаи хандони ростӣ,*
*Он ҷо манам падидаи армони ростӣ.*

Аз шеъри «Ман кистам?»

*Ман агар шеър гуфтаам боре,*
*Он ҳама шӯру шавқи ишқи ту буд.*
*Чун маро тарк кардию рафтӣ,*
*Гуфт илҳом ҳам маро падруд.*

Аз шеъри «Вопасин тарона»

*Хандаҳоям гиряи мардонаанд,*
*К-аз ниҳоди ман раҳо гардидаанд.*
*Гӯиё дар кӯҳсори зиндагӣ*
*Ноларо акси садо гардидаанд.*

Аз шеъри «Гиряи мардона»

*Тири қазо рӯзу шаб*
*Қасди бало мекунад.*
*Зарбаи ӯро ниҳон*
*Марди Худо мекунад.*

Аз шеъри «Тири қазо»

*Лек афсӯс андар ин бунбастҳо*
*Ҳамдаму ҳамрози дил пайдо нашуд.*
*Дил ҳамехоҳад кунун парвози дур,*
*Ҷуфти ҳампарвози дил пайдо нашуд.*

Аз шеъри «Муроди дил»

*Модар гуноҳи зиндагиамро дигар бубахш,*
*Зеро гуноҳи кардаам аз сарнавишт буд.*
*Даврони бегуноҳии ман даври доманат,*
*Дунёи пурнишоту сарои биҳишт буд.*

Аз шеъри «Узр»

Нола кардани бистари беморӣ ҳамроҳи ҷони шоир баъди марги падар, тасвир кардани ростӣ бад-ин зебоиву дилангезӣ, шӯру шавқи ишқи маҳбуба будани шеър ва бо рафтани ӯ падруд гуфтани илҳом шоирро, чӣ қадар бо дард тасвир кардани гиряи мардона, зарбаи тири қазоро ниҳон кардани марди Худо, ҷуфти ҳампарвози дил пайдо накардан ҳангоми парвози дур, дунёи пурнишоту сарои биҳишт будани домони модар дар айёми кӯдакӣ гуҳарпораҳоеанд, ки шоир тавонистааст онҳоро устодона ба риштаи тасвир бикашад.

Боби «Шеъриҳо»-и китоби «Ниёзи дил»-ро ба пуррагӣ хондам. Самарҳо бардоштам. Завқ бурдам. Садафпораҳои олами хаёлот ва андешаронҳои шоирро барои худу аҳли маҳфил аз ин маҷмӯа гирд овардам. Таваҷҷӯҳи маро ҳар як шеъри Акбар Абдулло ба худ ҷалб кард ва ноаён ба дунёи ботинии шоир бурд, ки он ҷо муқаддасоту арзишҳои инсонӣ амсоли поктинатӣ, ҷавонмардӣ, шикастанафсӣ, хоксорӣ ва адолатпарастӣ мавқеи хосаро дорост.

# АКБАРИ БАДАХШОНӢ

Маҳфили адабие, ки устод Ширин Бунёд дар шаҳри Хоруғ аввали солҳои 80-уми асри гузашта ташкил карда буд, то соли 90-ум дар эҳё гардидани ҳавзаи адабии Бадахшон хидмати бесобиқа анҷом дод. Барои он ибораи «эҳё гардидан»-ро ба кор мебарем, ки маҳфилҳои адабии ин сарзамин дар натиҷаи мубоизаҳои беинсофонаи болшевикон ба муқобили дину адабиёти суннатӣ аз байн рафтанд. Охирин намояндагони саршиноси ин наҳзат Мулло Ёри Ванҷӣ ва Охон Шоҳфитур (дар соли 1959) аз дунё гузаштанд. Охон Шоҳфитур ҳам ба туфайли мадоро карда тавонисташ бо сохти нав – навиштани шеърҳо дар мавзӯи истиқболи инқилоби сотсиалистӣ ва ҳиммат гумоштан дар созмон додани мактабҳои типи нав, ҷон ба саломат бурд. Муҳит барои фаъолияти адабӣ дар Бадахшон тоқатнопазир гашт. Бинобар ин, қаламкашони тавонманде чун устодон Мирсаид Миршакару Нодир Шанбезода дар пойтахти кишвар иқомат баргузиданд ва насли минбаъдаи адибони бадахшониасл – Муҳаммадалишо Ҳайдаршо, Басир Расо, Мӯъмин Қаноат, Ҳайрат Шанбезода, Салимшо Ҳалимшо, бародарон Султону Амонбек Шоҳзодаҳо низ дар зодгоҳашон фаъолият карда натавонистанд.

Ин буд, ки аз соли 1960 то миёнаи солҳои 70-ум ба муддати 15 сол дар Бадахшон як навъ халои адабӣ ба вуҷуд омад. Саҳеҳтараш, шахсе набуд, ки наврасони соҳибистеъдодро раҳнамоӣ кунад.

Хушбахтона, ин вазъи номусоид дер давом накард. Соли 1975 шоир Ширин Бунёд дар шӯъбаи адабии рӯзномаи «Бадахшони Советӣ» ба кор даромад ва орзуи чандинсолаи худ – ташкили маҳфили адабии вилоятиро ҷомаи амал пӯшонд.

Аввали солҳои 80-ум дар атрофи ин маҳфил аллакай 10-12 нафар адибони маҳаллӣ чун Наҷмиддин Шоҳинбод, Сардор Раҳдор, Раҳмон Гулзор, Нишон Ҳамро, Тайғун Бо-

зор, Азалбегим Ғуломҳайдарова, Ҷумъа Сияров, Адабҷон Амирҷонов ва дигарон ҷамъ омада буданд ва ҳаёти фарҳангии Бадахшонро ранги тоза бахшиданд.

Акбар Абдулло замоне ба маҳфили адабии Бадахшон ворид гардид, ки он овозадор шудаву дар миқёси вилоят тамоми мардум ҳаводораш гашта буданд. Ҳукумати вилоят ба маҳфил ёрӣ мерасонд, аъзои онро дар тамоми чорабиниҳои фарҳангии вилоят ва берун аз он фаро мегирифт. Бахусус, котиби кумитаи ҳизбии вилоят Почобегим Ҳафизова ҷунбиши адабии навэҳёшударо бо дилсӯзӣ дастгирӣ мекард.

Акбар Абдулло базудӣ дар байни адибони таҳҷоӣ одами худӣ шуд. Ӯ шахси дилёб, зиндагидӯст, маҳфилоро, хушсӯҳбат ва аз ҳама муҳиммаш, шефтаи шеъру суруд буд. Дар Раёсати умури дохилии вилоят сардори шӯъбаи тафтишот буд, аммо бадахшониён ӯро чун шоир мешинохтанд.

Банда бо ӯ тобистони соли 1986 дар кабинети устод Ширин Бунёд дар бинои Кумитаи радио ва телевизони вилоят шинос шуда будам. Ман он вақт дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» кор мекардам ва дар Бадахшон сафари хизматӣ доштам. Устод моро бо ҳам шиносонд ва дарзамон дархост кард, ки шеърҳои навамро қироат кунам. Ду-се шеър хонда, ба қавле, ҷонамро халос кардам. Навбати Акбар расид. Ӯ чунон бо ҳарорат ва лаҳни ширин шеър хонд, ки ҷонамон навозиш ёфт. Дар як ҷои шеър сакта дошт. Устод дарров дафтарро аз дасти ӯ гирифта, ба ислоҳаш шурӯъ кард. Акбар ба ман рӯ оварда, бо шӯхӣ гуфт:

– Ана, дидӣ, дар вилоят ҳама аз милиса метарсанд, аммо милиса аз Ширин Бунёд.

Устоди ҳозирҷавоб ҳам паст наомад:

– Милиса, ки шоир шуд, касе аз вай наметарсад.

Устод дафтарро ба дасти Акбар дод ва гуфт:

– Аз пештара дида, хеле хуб. Маълум, ки кор мекунӣ. Ҳозир ба студия даро, барои барномаи адабӣ шеър хондан даркор.

Ин асно котиби аввали кумитаи комсомоли вилоят Саидҷон Носиров (равонаш шод бод!) ба кабинет даромад.

Пас аз вохӯрӣ масъалаеро бо устод ҳал карданд ва рӯ ба ман овард:

– Атохоҷа, бисёр мехоҳам ҳамроҳи ман кор кунӣ. Дар Душанбе чӣ гум кардаӣ? Барои созмони ҷавонони вилоят ту барин ҷавонони эҷодкор лозиманд.

Аз ин пешниҳоди ногаҳонӣ гаранг шудам. Мани журналист ва он вақт ҷавони бистусесола ба кор дар ташкилоти сиёсӣ ягон зарра рағбат надоштам.

Устод Ширин даррав гапи Саидҷонро қувват дод:

– Ато, бахтат омад кард. Бе дудилагӣ розӣ шав.

Дар ҳоли ноҳинҷор мондам. Гуфтам, ки ин гуна кор аз ман намебарояд.

Яке Акбар Абдулло ба гап ҳамроҳ шуд:

– Ҷӯра, котиби якуми комсомол ҳар касро ба кор даъват намекунад. Дар Душанбе будан бад нест, аммо барои Бадахшон ҳам хизмат кардан лозим. Биё, медонам, хона надорӣ, лекин Саидҷон қудрати хона додан дорад.

Саидҷон ҳам тасдиқ кард:

– Атоҷон, розӣ шав, хона ҳам медиҳем. Гапи устод ва Акбарро ба замин намон.

Барои аз чанги ин се дилсӯз халос шудан «Ба Душанбе равам, мебинам» гуфта, ба баҳонаи коре аз ҷо хестам...

Соате пас Акбар дар ошхона сари чошт мавзӯъро давом дод:

– Атохоҷа, ту одами аҷиб будаӣ. Мардум сад касро восита карда, ба инхелӣ ҷойҳо ба кор медароянд, ту бошӣ, гапи котиби аввалро рад мекунӣ. Нағзакак андеша кун, корманди комсомол ояндаи хуб дорад.

Худи ҳамин рӯз Акбар маро ба чанд ҷои Хоруғ тамошо бурд, бо дӯстонаш, ки яке ҳунарпешаву дигаре ҳофизу севумӣ шеърдӯст буд, шинос кард. Сипас ба кабинети корияш рафтем ва то шоми танг дар магнитофон навори ровии беҳамто Фарида Анвариро, ки он замон ҳар кас надошт, лаззат бурда, гӯш кардем.

Ҳамин тавр, ману Акбар бо ҳам шинос шудем ва пас аз он ки барои раҳо ёфтан аз мушкили бехонагӣ охири декаб-

ри ҳамон сол ба Хоруғ рафтам, бо вай дӯсти қарин гардидем.

Алиакбар фаъолтарин узви маҳфили адабии мо буд. Илми арӯз ва қофияро амиқтар меомӯхт. Ба дараҷае ба ин кор дода шуд, ки баъзан дар сари хӯрок ҳам «фоилотун»-у «мафоилун» замзама карда, моро механдонд.

Аз ҳамаи мо дида, Акбар ба гузаронидани шабнишиниҳои шоирон бештар рағбат дошт. Моҳе як маротиба дар шаҳр ё ягон ноҳия нишасти фарҳангие доштем, аммо Алиакбарро ин гуна реҷа қонеъ карда наметавонист. Ӯ мехост ҳар рӯз чорабиние дошта бошем, аммо ҳеҷ кас ба ин фаровонӣ вақт надошт. Бинобар ин, ба танг меомад ва Ширинро мегуфт:

*Бад-ин сустӣ, ки соқӣ бода дар паймона мерезад,*
*Расад то навбати мо, хоки ин майхона мерезад.*

Устод Ширин мегуфт, ки чорабиниҳоро бо обком (кумитаи ҳизбии вилоят) мувофиқа кардан лозим, ки мабодо бадашон наояд. Алиакбар тоқат накарда, худ дар ҷое шеърхонӣ ташкил ва моро даъват мекард.

Шояд бар асари ҷавонӣ ва пурғайратӣ бошад, ки тамкини устод Ширин дар ташкили базмҳо ба мо намефорид ва Алиакбар мегуфт:

– Ягона мушкили маҳфиламон, устод, худи Шумоед. На бо Шумо буда метавонем, на бе Шумо.

Устод Ширин дар ҷавоб табассум мекарду боз моро ба риояи ҳадду ҳудуд даъват менамуд.

Ман, Лаълҷуба Мирзоҳасан ва Раънои Мубориз он қадар артистизм надоштем. Базморои асосии маҳфилҳоямон Акбар Абдулло ва Наҷмиддин Шоҳинбод буданд. Наҷмиддин ягона нависандаи мо буд ва он ҳам ҳаҷвнигор. Он қадар ширину ғайримунтазир шӯхӣ мекард, ки мардум аз хандаву хушҳолӣ дунёро аз ёд мебаровард. Алиакбар аз ҳамаи мо дида беҳтар шеър мехонд, лаҳни ҷолиб дошт. Бартарии дигараш ин буд, ки рубоб менавохту овозхонӣ мекард.

Саргармиҳои доимии Акбарро бо фаъолияти маҳфили адабӣ дида, боре бо шӯхӣ суолаш додам:

– Акбаршо, баъзан дар кабинети кориат ҳам як-ду соат бош, ки ҳамкоронат туро фаромӯш накунанд.

Ӯ хеле латиф ҷавоб дод:

– Дар Бадахшон милиса чӣ даркор? Дузд нест, одамкуш нест, ҳатто савдогар надорад. Ду ҳафта пеш як баччаи хоруғӣ рафиқи худро задаст. Ман баччаро ба кабинет даъват карда, насиҳат карда, бе ягон парванда ҷавобаш додам. Ина бинед, ки рӯзи дигар падараш омада, барои парванда накушодан аз болои писараш, қариб маро ба суд медод. Ҳамкоронам ба миёна даромада, пас аз гуфтушуниди бисёр ӯро фаҳмонданд, ки ба фарзандаш раҳм кунад.

Гапи Алиакбар ҳақ буд. То сар задани ҷанги ҳамватанӣ бадахшониён зиндагии хеле осудаву пок доштанд. Ҷиноят қариб вуҷуд надошт, мардум хеле саводноку фарҳангӣ буд.

Ҳамкорони Алиакбар ҳам ӯро сахт дӯст медоштанду чун шоир бо вай фахр мекарданд. Борҳо аҳли маҳфилро ба вохӯриҳо даъват намуда, бо ифтихор ба мо гӯшзад мекарданд, ки «мо ҳам шоири шинохта дорем ва ӯ Акбар Абдуллост».

Алиакбар инсони дидадаро ва корбудкун низ буд. Дар ҳама ҷо гапаш мегузашт. Мо ӯро «ҷонишини Ширин Бунёд оид ба хоҷагӣ» лақаб гузошта будем. Агар касе аз аъзои маҳфил маъракае дошт, Алиакбар чун наздиктарин бародар ба ӯ хизмат мекард.

Агар бо касе бадбахтие рӯй медод, аз ҳама пеш дарак меёфт, моро хабар карда, мошин ёфта, муташаккилона ба сарвақти ғамзада мерасидем.

Дар яке аз ҳамин гуна сафарҳо ба хонаи яке аз дӯстонамон Алиакбар лутфи аҷибе кард. Ӯ дар курсии ақиби мошинаи УАЗ байни чанд кас базӯр ҷо гирифта буд ва худро сахт нороҳат ҳис мекард. Яке буд, ки бетоқат шуда гуфт:

– Бачаҳо, пас аз даҳ-понздаҳ сол байни кӯлобиҳову помириҳо ҷанҷоли сахт мешаваду баъд ба қадри шоир Акбар Абдулло мерасед.

Ҷиддӣ ё шӯхӣ будани гапи ин шоири милисаамонро нафаҳмида, пурсидем:

– Барои чӣ?

– Барои Акбар Абдулло. Кӯлобиҳо ӯро шоири худ, помириҳо шоири худ меҳисобанд. Ана ҷангу ҷанҷола тамошо кун!

Ҳама бо завқ хандидем. Ӯ афзуд:

– Ҳозир бошад, як курсияка аз ман дареғ медоред.

Чӣ қадар хушгӯиву лаҳзаҳои ширин доштем бо ҳам. Аз Сағирдашт сар карда, то Ишкошим базмҳои адабӣ ташкил мекардем, бо мардум механдидем, мерақсидем, шеър мехондем. Расидани аҳли маҳфили мо барои мардум тӯй буд. Толорҳо пур буданд, ҳатто бисёриҳо рост меистоданд. Он давронро ба ёд оварда, андеша мекунам, ки дар ҳақиқат ҳамин нишастҳои фарҳангӣ буданд, ки ҷинояткорӣ набуд (ё ниҳоят кам буд). Вақте нозири тартибот ба назди мардум ба ҷои калтак, ба мисли Акбар Абдулло, бо рубоб барояд, шояд таъсири он хеле бештар ва беҳтар бошад.

Дар ин муддат чӣ қадар адибони номвари мо чун Мӯъмин Қаноат, Гулрухсор, Абдулҳамид Самадов, Сайф Раҳимзод, Камол Насрулло, Юсуф Акобиров, Муҳиддин Хоҷазод, Салимшо Ҳалимшо, Маҳмадалишо Ҳайдаршо, Ҳайрат Шанбезода ва дигарон ба Бадахшон омаданд ва маҳфили мо дар хотирмон гузаштани вохӯриҳояшон чӣ қадар ҳиссагузорӣ кард. Яъне, замина вуҷуд дошт ва завқи мардум ба туфайли кори доимии мо кунд намешуд.

Яке аз рӯзҳои тобистони соли 1988 Акбар Абдулло аъзои маҳфилро ба хонааш ба нишасти падруд даъват кард. Худаш ош пухта, агарчи наменӯшид, вазифаи соқиро ба ӯҳда гирифт. Пас аз радду бадали нӯшбодҳо, мусиқии дӯстдоштаи худ – замзамаи ҷигарсӯзи устод Хуршед Алидодро дар магнитофон монд. Ин сурудро Хуршед дар ҳасрати ҷудоӣ аз зодгоҳи худ – Шуғнони Афғонистон дар соҳили ин тарафи Панҷ суруда, саҳеҳаш, нолидааст. Оре, ҷудоӣ аз мо, аз устод Ширин Бунёд, аз Хоруғе, ки бачаҳояш дар он ҷо калон шуда буданд, барои Акбар осон набуд.

Вазъ моро ба риққат оварда буд. Ин асно Начмиддин Шоҳинбоду Қурбон Аламшо аз чо бархостанд ва хайрухуши дарднокро осон намуданд. Онҳо аз халтае расми дар коғази калон кашидаи Акбар Абдуллоро бароварда ба девори хона часпонданд. Дар акс Акбар бо куртаи милисагӣ тасвир ёфта буд. Сари як китф пагони милиса, сари китфи дигар китоби шеър.

Ин акси ачиб ҳамаро ба вачд овард, хотири аҳли нишастро шод кард. Мо бо устод Ширин Бунёд ба зери он таманниёт имзои худро барои ёдгорӣ гузоштем.

Ҳамин тавр, Акбар Абдулло ба Бадахшон милиса омада, шоир баргашт. Ӯ ҳоло ҳам узви махфили адабии Бадахшон аст ва бадахшониён ӯро шоири худ медонанд.

*Дарвеши БОХТАРӢ*

## ҲАМДИЛИ СОҲИБДИЛОН

Шояд аз қисмат буд ё фазилати ботиниаш, ки аз хурдӣ ҳамнишинӣ дошт бо бузургон. Ҳамнишинӣ дошт бо Рӯдакиву Хайём, Ҷалолиддин Балхиву Мавлоно Ҷомӣ, Бобо Тоҳиру Умари Хайём, Носири Хисраву Ҳофиз. Балки сӯҳбат меорост бо китоби унҳо, бо девони унҳо, бо нақши қалами унҳо. Хуллас бузургон ва ҳикмати онҳо кайҳо як ҷузъи ҷудонашавандаи зиндагиаш гардида буданд…

Вале пас аз хатми мактаби ҳамагонӣ ба факултаи суханшиносӣ ва суханофарӣ неву ба шӯъбаҳои вобастаи ҳуқуқ ворид гардид, балки китобҳои бузургон, ки мутассил мутолиа мекард ҳуқуқшинос карда будаш, яъне ба дарки ҳуқуқи дигарон расонда будаш. Зеро ҳуқуқ низ амсоли адабиёт чунин бошад:

*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.*

Ба гирифтани дасти афтодагон, таҳқирдидагон ва ба зиндагии оянаи унҳо парвози навин бахшидан сарф намудан мехост умри минбаъдаро.

Балки дар кори ҳуқуқшиносӣ низ сухандонӣ мададгораш мешуд. Бо васила сеҳри сухан розҳои зиёдро мекушод, гиреҳҳоро боз мекард, чунон ки гуфтаанд: аз сухани доно мор ҳам аз хонааш берун биёяд ва ром бигардад.

На танҳо суханварӣ, балки суханофарӣ низ аз фаъолияташ ҷудо набуд, балки амсоли бузургони девондор, ки солҳо бо унҳо ҳамнишинӣ дошта, рози дилашро, ниёзҳои дилашро, орзуву таманнои дилашро бо мисраъҳои мавзуни шеърӣ гуфта ҳам метавонист. Балки аз дами нафаси онҳо чунин гардида буд:

*Шеъри ман гарм асту сард аст,*
*Шеъри ман ҳарфи талоши зиндагонист,*

*Номаи сабзи ҷавонист.*
*Шеъри ман сӯзу фиғон аст,*
*Ровии давру замон аст,*
*Ошиқи пиру ҷавон аст,*
*Довари суду зиён аст,*
*Қиссапардозу аниси ошиқон аст…*

Баъд дар зиндагӣ як ҳамдилу ҳамнишини дигар пайдо намуд, ки суханшиносу суханофар буд. Ва устод Лоиқ Шералӣ буд ин фард.

Ба дили устод ҳам биншаст вай. Зеро устод дарк намуд, ин ҷавон то ӯ ҳамнишинӣ дошта бо бузургони маънавӣ, ҳамнафасӣ дошта бо фозилони таърихӣ, балки дами нафаси комилону оқилон варо зираку бофитрат карда.

Аз ин боис ду ошнои нав қарину ҳамнафас шуда буданд дар зиндагӣ.

Баъди солҳо замоне расида буд, ки ҳуқуқҳо акнун беибо зери по мешуданд, қадри инсон торафт ночиз мегардид.

Балки инсонро бо хуни худаш олуда мекарда зумрае, балки ҷанги шаҳрвандӣ шурӯъ гардида буд.

Вобастаи ин бузургони миллат низ ба оҷизӣ кашида мешуданд, зери по мегардиданд. Балки унҳоро ҳолати даврон озурдаву ранҷур мекард ва ба мӯҳтоҷӣ мефиканд.

Ҳуқуқшиносу шоир, яъне Акбари Абдулло, ки дастгири фитодагон буда, кунун худаш зери шиканҷаву фишор қарор дошт, вале бештар фикри худро намекард ва дар ғами соҳибдилон ва аҳли маънӣ буд. Соҳибдилу фарҳангиён, ки аз зиндагии гиреҳхӯрда ранҷи бештари маънавӣ мекашиданд.

Ҳоли ҳуқуқшиносу шоир низ ун қадар хуб набуд, вале ҳар нону биринҷу равғану маводи ғизоӣ, ки меёфт ва аз паси касб ба вай мерасид, на ҷониби хонаи худаш, балки сӯи маскани мардони баистеъдод бурдан мехост.

Баъд ҳуқуқшиносу шоир дар замони пурпечу пурғавғо сарвари шӯъбаи корҳои дохилии Варзобу Норак таъин гардид, ки ин ҷоҳо низ нуктаҳои даргири ҷанги ҳамватанӣ ба

шумор мерафт. Ва акнун ҳарчанд зери тиру туфанг мезист ва ҷони худаш дар хатари мӯҳлик буд, бо вуҷуди ин ташвиши бузургону соҳибдилон аз мағзаш намерафт, ҳафтае ё дар ду-се ҳафта як маротиб мешибид ҷониби унҳо, барои унҳо ҳар мавод, ки дар шакли ғизову пӯшок дармеёфт, мекашонд ва мебурд, ки чунин фардони барои ояндаи кишвар зарур зиндаву солим монда, фаъолияти эҷодиро, то ҳаде, ки имкон бошад, идома дода тавонанд.

Солҳое, ки Акбари Абудулло дар Бадахшон ба ҳайси сардори шӯъбаи тафтишотии раёсати корҳои дохилии вилоят адои вазифа менамуд, барои уламову удабо ва фардони бафитрати ин ҷо дасти ёрӣ дароз мекард.

Масалан малик-уш-шуарои нави Бадахшон – Ширини Бунёд чунон вазъу аҳволе дошт, ки худи Акбар дар шеъраш чунин ба риштаи тасвир кашида:

*Ин шаби тирарӯй аз борон,*
*Боз фарсуда боми хонаи ӯ,*
*Мечакад ҳамчу ашк аз шеъраш,*
*Ҳарфҳои пур аз фасонаи ӯ.*

*Ӯ, ки мафтуни духтари шеър аст,*
*Бехабар монда аз чакидани бом,*
*Ишқи шеъру таронаи борон*
*Мебарад охир аз дилаш ором.*

*Нест огаҳ зи омади борон,*
*Ки кунад боми хеш андова,*
*Ғами Боми Ҷаҳон ба дӯши ӯст,*
*На ғами боми хеш ё нова…*

Акбари Абдулло буд, ки «бирасид ба доди боми хонаи шоир» ва бо мадади вай андовамол ва шифирпӯш гардид як боми дигар дар Боми Ҷаҳон.

Хуллас, Акбари Абдулло солҳо дифогарӣ мекард фозилонро, оқилонро то аз ин ҷонибу ун ҷониб зери фишору тазъиқ ва ҷабру ҷафо намонда бошанд, дар чунин замони

ногувор, ки ҳар рӯз сари даҳҳо фарде аз байн бурда мешавад, ба ҷонашон газанд нарасад.

Акбари Абдулло дар мактаби олии вазорати умури дохилии Иттиҳоди Шӯравӣ, дар Тошканд таҳсил гирифта, пасон тайёрии хоси касбиро дар курсҳои махсус дар Ленингроду Маскаву Қоҳира гузашта, овозадор гардида буд. Чизи дигар ҳам буд, ки барои мардум шӯҳратёр гардонида буд варо – полковник Акбар ғолиби аксар мусобиқаҳои гӯштини дюздо гардида буд дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ. Ҳамчунин дар Тошканд, ки ин ҷо мусобиқаҳои сатҳи умумииттифоқ баргузор мегардид, маҳз Акбар пирӯзи мутлақ мегардид. Ва унвони устоди варзиши Иттиҳоди Шӯравиро соли 1979 дар шаҳри Боку соҳиб гардида буд.

Аксар гӯштингирону варзишгарон ба Акбар эътиқод доштанд ва тайёр буданд аз сари ихлос барои вай ҷонфидоӣ бикунанд. Боре маҳз бо мадади онҳо устод Лоиқро аз марги яқин раҳондаву ба минтақаи бехавфтаре гурезонда буд.

Устод баъди муддатҳо табобат гирифтанаш ниҳоят боз имкон пайдо кард ба даст қаламу қоғаз бигирад. Ва яке аз шерҳои нахуст, ки ин ҷо эҷод карда буд, чунин матлаъ дошт:

*Ман омадам аз гӯрҳо, аз гӯрҳо,*
*Бар назди ёрон омадам, аз дурҳо, аз дурҳо...*

Ба ин сабк устод бузургтарин китобро ба миён овард доири фоҷиаи унвақтаи миллати ба бало гирифтор ва бемору хаставу бемадор, вале ҳанӯз умедвору аз талоши охирин даст ношустае. Ва ин китоб «Фарёди бефарёдрас» ном гирифта буд.

Нахустин нусхаи китоби чопшударо ба Акбари Абдулло бахшид, ки чунин соядаст дошта:

*Мову туем ҳарду бемори зиндагонӣ,*
*Зеро, ки пур кашидем озори зиндагонӣ...*
*Аммо хушем аз он, к-андар сухан бимонад*
*Озори зиндагимон – осори зиндагонӣ.*

Охир полковник Акбари Абдулло ҳам шоир буду аз ӯ низ осоре боқӣ мемонд дар шакли шеъру китоб барои оянда ва ояндагон.

Одина Ҳошим низ сурудае бахшида буд ба Акбари Абдулло. Балки ин баъди саргузаштҳои пуртӯфони ҳофиз рӯй дода буд. Яъне баъди дар минтақаи зисташ аз дасти гурӯҳи силоҳбадаст ба маҳбас кашида шудани Одина бо миёнравии Лангарӣ Лангариев, ки барои халос кардани касони тамоман дигар омада буду дар тангхонаи тангу тира миёни маҳбасони зиёд варо тасодуф дида, халосиаш бахшид ва ҳофиз баъди ин худашро бо роҳу васоиле ба Душанбе расонид.

Акбари Абдулло дарёфт, ки Одинаи ҳофиз дар беморхонаи гарнизони Душанбе, дар палатаи кунҷакиву дараш аксар маҳкам пинҳонӣ табобат мегирад. Ва он ҷониб шитобид ва ҳофизи номиро дар ҳоли абгор ва парешон ва мушавваш ва дилшикаста ва зору низор дарёфт. Чун касе ин қадар вақт ба аёдати Одина Ҳошим наомада буд, ҳофизи халқ омадани Акбар ва меҳрубониву садоқати зиёди варо мушоҳида намуда, бачавор ашк мерехт.

Полковник Акбари Абдулло ин ҷо ҳофизи халқро аз ҳама ҷиҳат мададгорӣ менамуд, ки табобат натиҷаи матлуб диҳад. Чун Одина андак ба худ биомад, Акбар варо ба хилватҷои ноҳияи Варзоб овард, ки ин ҷо худаш акнун сарвари милиса, яъне сардори шӯъбаи корҳои дохилӣ буда. Мехост Одина дар паноҳи вай оромиш ва осоишро эҳсос кунаду таскин биёбад. Ҳофиз аз ин меҳрубонӣ ва обу ҳавои хушманзар асабҳои ранҷурашро оромӣ мебахшид ва ҷисми озурда неруву қувват дармеёфт.

Одинаи билкул озурдаву дилшикаста баргашта буд боз ба Душанбе ва дар наздику атрофи палковник Акбар барин касони дилшинос мондан хост, ҳарчанд аз изтиробу озори то ин дам кашида касалии қандаш бештар хурӯҷ карда буд…

Акбари Абдулло ҳоли инвақтаи ҳофизи халқро чунин қаламдод кард:

*Бар сари ёрони миллат*
*Ноларо чун гул фишондӣ,*
*Мутриби миллат, дареғо,*
*Оқибат ноком мондӣ...*

Овозхони номӣ Давлатманд Холовро, ки ҳамчунин лату кӯб шуда, қабурғаву сутунмӯҳрааш осеб дарёфта, полковник Акбар барин касон аз зодгоҳи вай ба Душанбе оваранд ва барои табобат ёфтанаш ҳарҷӣ аз дасташон омад, дареғ надоштанд, зеро медониста, ки чунин ҳураманд бароиояндаи миллат бояд солим монад. Ҳамчунин барои Зафари Нозим, ки он рӯзҳои балохез дар пинҳонҷо умр ба сар мебурд, пинҳонӣ ғизову маводи зарурӣ мерасонид ва дастгиру мададгор ва қувватбахшаш мегардид...

Чунин мисолҳо зиёд буда дар ҳаёти пуртӯфони ин полконик ва шоир.

Вале неруҳои муайяне ҳам буданд, ки барои амалҳои неку покаш полковник Акбари Абдуллоро чашми дид надоштанд ва нисбаташ бадгӯӣ мекарданд ва бадномаш кардан мехостанд. Хуллас неруҳое буда, ки варо ҳаргиз намебахшида, аз ин мӯҷиб бародари арҷманду баномуси вай Рустами Абудуллоро кайҳо аз байн бурда, акнун дар фикри аз байн бардоштани худи вай буданд ва ҷонибаш гоҳе тирҳои ҷонсӯз равона мекарда ва боре 24 тири автомати онҳо мошини хизматии варо амсоли ғалбер сӯрох карда гузашта буданд. Хушбахтона, ӯро Худои мутаол нигаҳбон буд бо сабаби корҳои савобе, ки дар зиндагӣ анҷом дода.

Равоншод устод Лоиқ чун аз ин ҳодиса хабардор гашт, бо дили пурхуну фиғони осмонгир ва ба оби дидаи равон баромада буд ба ҷустуҷӯи турбати мурид ва дӯсту шогирди худаш ва баъди оворагии зиёд варо ниҳоят зинда дарёфта чунин суруда буд:

*Шукри дидорат, бародар, зинда мебинам туро,*
*Рафтаҳо рафтанду ман оянда мебинам туро.*
*Кӯҳнарӯзон хандаи наврӯзро куштанд, лек*
*Эй, гули Наврӯзи нав, пурханда мебинам туро!*

Ин мисраъҳо равон шуда буд аз забони пурсеҳри устод нисбати муриду шогирдаш Акбари Абдулло.

Устоду шогирд дар оғӯши ҳамдигар буданду аз якдигар ҷудо шудан намехостанд ва намехостанд.

Чанд сол баъд чун дар Душанбеи осудашуда ва аз балову офат раҳоёфта устод Лоиқ баногаҳ аз сактаи мағз даргузашт, муридаш Акбари Абдулло чунин нидо дарзада буд:

*Само аз нимашаб холӣ зи ахтар буд,*
*Замин чун модаре бо дидаи тар буд.*
*Фалак он лаҳза аз меҳвар бурун омад,*
*Ту гӯӣ, марги Лоиқ марги Акбар буд!*

Ва китоби шеърҳояшро бо номи «Ниёзи дил» ба ёди беозори пири маънавиаш Лоиқ Шералӣ бахшида меҳру садоқати худро нисбати ин бузургмарди сухан изҳор доштааст.

*Лоиқо рафтиву бе ту рӯзгорам тор шуд,*
*Ин дили ғамдидаам аз нав ба ғамҳо ёр шуд.*
*Ман, ки дилбанди ту будам дар ҷаҳони маънавӣ,*
*Сӯҳбати мо, водареғо, хоби нотакрор шуд.*
*Маслиҳатомӯзи ман будӣ, дареғо, эй падар,*
*Мушкилам мушкилтару душвортар душвор шуд...*

Дар ин китоб ҳамчунин шеъри зиёд буда бозгӯи саргузашти ҳолу аҳволи худи Акбари Абудулло ва марому мақсаду талоши вай дар зиндагӣ, ки инсон боре биёяд, вале тарзе бояд умр ба сар бубарад, ки зеби зиндагӣ бошад, на ҷурми зиндагӣ:

*Умр хоки пои ёрон мекунам,*
*Ман ба некӣ мегузорам номро.*
*Бо умеди хайр мепӯшам дигар*
*Бар танам пироҳани айёмро.*

*Мепарастам ҷумла мардеро, ки ӯ*
*Зиндагиро кохи эҳсон мекунад,*
*Бо накӯӣ аз раҳи сидқу сафо*
*Олами дилро гулистон мекунад.*

*Зишт метобад ба чашмам он, ки ӯ*
*Дар талоши зиндагӣ номард буд,*
*Ҳарф аз ҳамдардии дилҳо зада,*
*Лек дар дунёи худ бедард буд.*

Дар ин китоб нигоштае ҳам буда бозгӯи марому аҳволи ботинии шоиру полковник, балки доир ба қисмати вай. Қисмати соҳибқаламу соҳибдили талошгар, балки касе, ки умрашро сарфи дигарон карда ва боқимондаи дигарашро ҳам дар роҳи зиндагиву зиндагон нисор карданӣ ва барои ин ҳаргиз ором нагирад ва оромӣ наҷӯяд ва шояд чунин оромӣ ба ӯ нарасад, зеро оромӣ хоси бетарафон ва беғамон бошад дар ин дунёи пуртӯфони гирдгардон ва пур аз шеваву фарёд…

***Карим АБДУЛОВ***

# Ӯ БАРОИ ВАСЛ КАРДАН ОМАДАСТ

*«Аз қуллаи 60-и баркамол ба ақиби зиндагӣ назар кардан-ин гузориш дар назди виҷдон аст»*

***Сергей Михалков, нависандаи рус***

Замоне бо як парвандаи ҷиноӣ шинос шудам. Муфаттиш дар як саҳифа сад ғалати имлоӣ ва услубӣ дошт.Албатта ман ӯро айбдор намекунам. Чунки бо забони русӣ таҳсил карда бо ин забон кор мебурд. Дар он замон хеле кам андар кам ҳуқуқшиносҳо ва кормандони идораҳои қудратӣ бо забони тоҷикӣ навишта метавонистанд. Устод Мирзо Турсунзода чанд ҳикояи Ҳабибуло Назаровро хонда, ба Ҷалол Икромӣ маслиҳат медиҳад, ки ба чопаш ҳамдастӣ кунад. Устод Икромӣ дар ҷавоб мегӯяд:

– Назаров ҳуқуқшинос аст. Вале навиштаҳояш хеле хуб!

– Агар ҳуқуқшинос ҳамин тавр забони фасеҳ дошта бошад,шоёни таҳсин аст.

Шодравон Ҳабибулло Назаров дар Суди олии Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон ба вазифаи масъул таъин шуданд. Устод Икроми ба таассуф ба ӯ мегӯяд:

– Акнун аз дарди эҷодӣ шифо меёбӣ!

– Не, устод, баръакс дар ин ҷо барои ман имкони бештар аст.Аз вазифаи раиси Суди Олӣ озод мекунанду аз мансаби адибӣ озод карда наметавонанд, – мегӯяд Ҳабибулло…

Воқеан имрӯз мо номи даҳҳо раисони собиқи суди олиро намедонем, вале Ҳабибулои муаллифи «Карим Девона» ҷовидон дар таърих боқӣ монд.

Ҳамин тариқ, дӯсти ман Алиакбари Абдуло низ аз идораҳои қудрати ба истеъфо рафта бошад ҳам, дар адабиёт дар пояи баланд соҳибмансаб аст.

Дар таърихи миллати мо Аллома Балъамӣ, Носири Хис-

рав, Алишер Навоӣ дар вазифаҳои калони давлатӣ буданд. Онҳо дар баробари эҷод садҳо ҳунармандону эҷодкоронро аз нигоҳи моддиву маънавӣ дастгирӣ мекарданд. Ба ман маълум шуд, ки замоне Алиакбар дар вазифаи баланди қудратӣ буданаш ба адибони ҷавони Бадахшон кӯмаки фаровон намудааст.

Бо Алиакбар тавассути устод Лоиқ шинос шудам, замоне, ки аксари аҳли зиё ва наздикони Лоиқ аз ӯ парҳез мекарданд. Аз шарҳи муфассали он рӯзҳои шум худдорӣ мекунам. Дар чунин лаҳзаҳои танҳоӣ ва ранҷурӣ Алиакбар шабу рӯз ба Лоиқ ғамхорӣ мекарданд. Ман, албатта, шеърро хуб намефаҳмам, вале модоме, ки устод Лоиқ «Акбар соҳибистеъдод аст» мегуфт, ман низ ӯро чун шоири маъруф эътироф мекунам. Ҳамзамон мақоли кӯҳнаи бобоям «Ё мулои мадараса бош ё хидматгузори муддарис» ёдам омад. Алиакбар аз панду насиҳату дастурҳои бебаҳои устод Лоиқ фаровон баҳра бурдааст ва аз ин ҷост, ки хислатҳои ҷавонмардӣ, хоксорӣ, инсондустӣ, шикастанафсӣ хоси ӯ мебошанд. Ба андешаи ман, ҳар як шахси соҳибмансаби сохторҳои давлатӣ ва алалхусус ҳуқуқшиносон мебояд дорои маърифату дониши фарҳангӣ бошанд. Алиакбар агарчи мактаби суханшиносӣ хатм накарда бошад ҳам, бо забони шевову гуворои адабӣ ҳарф мезанад ва дар ҳар суханаш иқтибос аз Мавлонои Балхӣ, Хоҷа Ҳофиз, Аллома Иқбол, устод Лоиқ ва дигар нобиғаҳои сухан меорад. Агар чунин маҳоратро ҳамаи ҳуқуқшиносҳо соҳиб мебуданд, шояд ба тафаккури шахсони ҷиноятпеша бо қудрати Сухан таъсири мусбӣ мерасониданд ва сатҳи ҷиноякорӣ боз ҳам пасттар мегардид.

Боре шоир Аҳмадҷони Раҳматзод накл кард:

– Дар солҳои аввали истиқлолият ва даргириҳои дохилӣ мардум мӯҳтоҷи нон буд. Ба хусус дар шаҳри Душанбе аҳволи зиёиён хеле вазнин буд. Мо барои устод Лоиқ ва чанд нафар адибон орд, биринҷ равон кардем. Бадбахтона, ин борҳои фиристодаи мо бо сабаби мавҷуд будани

дидбонгоҳҳои зиёди қумондонҳо то Душанбе намерасид. Рӯзе ба ман гуфтанд, ки шоир Акбари Абдулло сардори Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Варзоб мебошад ва метавонад барои бо пуррагӣ ва бе осеб расидани борҳои мо мусоидат намояд. Аз ин рӯ ҳангоми фиристодани кӯмаки навбатӣ ба Алиакбар телефон карда, хоҳиш намудем, ки оиди ин масъала ба мо ҳамдастӣ кунад. Акбар аз ағбаи Шаҳристон борҳои фиристодаи моро гирифта ба ҷойҳои даркорӣ бе талаф бурда мерасонд ва баъзан ҳатто аз худаш низ илова мекард.

Дӯстам Нурмуҳамад Ниёзӣ низ бо Алиакбар дӯстони ҷонианд. Ба қавли Нурмуҳаммад Алиакбар аслан аз аберагони Ҳоҷӣ Муҳаммад Сиддиқи Саофи Хуҷандӣ мебошад.

– Монед! Акнун ҳар кас бузург шавад, ҳатман ягон решаро ба авлоди худат дарбеҳ мекунӣ. Порсол Наҷмиддин Шоҳинбод дар ҳафтаномаи «Суғдиён» Акбари Абдулло – ро аз Бадахшон муаррифӣ карда буд – гуфтам ба Нурмуҳаммад.

Барои ман маҳал муҳим нест ва асосан Акбари Абдуллоро барои он дӯст медорам, ки барояш марзу маҳал ва табақа вуҷуд надорад, зеро ӯ ғурури баланди миллӣ дорад. Дар чунин даврае, ки Сарвари Давлати Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистонро аз коми ҷанг ва фишори абарқудратҳо наҷот дод, ҳар як тоҷик бояд мисли Алиакбар дорои ифтихори баланди миллӣ ва саҳмгузори ободонии ин кишвар бошад.

Боварии комил дорам, ки дӯстам Алиакбар аз қуллаи 60-и баркамоли умри сипарӣ гаштааш ба ақиби зиндагӣ назар карда, дар назди виҷдони худ сарбаландона ҳисобот дода метавонад.

Симои ҷавонмардонаи ориёии Алиакбарро пеши назар оварда бовар намекунам, ки ба синни муборакии шаст расида бошад, зеро ҳамеша зиндадил ва рӯҳан ҷавон аст. Шояд мисраъҳои устод Лоҳутиро баҳри хеш шиори зиндагӣ кардааст, ки мегӯяд:

*Ман дар тани шеър ҳамчу ҷон хоҳам монд,*
*Дар маслаки ишқ ҷовидон хоҳам монд.*
*Пир аст касе, ки фикри ӯ пир бувад,*
*Ман фикрҷавонаму ҷавон хоҳам монд.*

Ман таҷрибаи 60-солагиро аз сар гузарондам. Ин синни камолоти эҷодӣ мебошад. Ман 80 фоизи асарҳоямро баъди 60-солагӣ эҷод кардам. Аз ин рӯ ба Акбари азиз тавсия медиҳам, ки ҳар рӯзи аз шаст болоро рӯзи тиллоӣ шумурда, дар ҷодаи эҷодиёташ пурмаҳсул сарф намояд.

Шасти камолот муборак бод, дӯсти азизам Алиакбар!

*Наҷмиддин ШОҲИНБОД*

# СУХАНИ КАБИРИ АКБАРИ СУХАН

*(порча аз қисса)*

## Шӯъбаи фаврии ҷустуҷӯи шеър

– Барои шоир шудан 10 ҳазор байт аз классикону 10 ҳазор аз муосирон аз ёд донистан шарт аст?

– Не.

Барои шоир шудан мактаби суханшиносиро хатм кардан лозим аст?

– Не.

– Барои шоир шудан устоди мансабдор зарур аст?

– Не.

– Барои шоир шудан дар нашриёт муҳаррири тақдирсоз доштан лозим аст?

– Не.

– Барои шоир шудан дар ҳаққи ҳокимон мадҳия гуфтан шарт аст?

– Не.

Ҳамаи «не»-ҳоро Акбари Абдулло сад андар сад собит намуд.

25 сол қабл аз ин дар шаҳри Хоруғ милитсионер Акбари Абдулло ба идораи рӯзномаи «Бадахшони Советӣ» омад. Он давра милитсионерҳо газета мехонданд. Дарбон аз омадани милитсионер ба роҳбарият гузориш дод. Муовини сармуҳаррир дафъатан ба комитети партиявии вилоят занг зад. Барои аъзоёни бюрои обком (Бюрои комитети партиявии вилоят маҷлиси машваратии воҳиманок буд, ки дар муҳокимаи он шахсони мансабдор ё сактаи қалб мешуданд ё мукофот мегирифтанд) низ муаммо буд, ки капитан бо кадом ҳадаф ба органи партиявӣ омада бошад.

Вақте ки Акбари Абдулло арз кард, ки шеър навишта ба идора овардааст, воҳима ва таҳлука дучанд афзуд.

Яке аз роҳбарони обком бо таассуф гуфт:

– Дар МВД низ одамони несерезный будаанд-ку? Ва таъҷилан делои шахсии Акбари Абдуллоро талаб карданд.

Ба қавли худашон дар ҳуҷҷатҳо «калавиши чап» ва бемории рӯҳиро пайдо накарданд.

– Хайр, ҳеҷ боке не! Шояд баландии Помир таъсир карда бошад. Одат мекунад. Дар шароити Помир номи худашро фаромӯш накунад, кори хайр, ба наздикӣ дуруст мешавад…

Аммо Акбари Абдулло дуруст нашуд. Ҳамоно шабу рӯз машқи шеър мекард. Устод Ширин Бунёд шеърҳои аввалини Акбари Абдуллоро хонда ба хурсандӣ гуфт:

Офарин!

Акбар ҳамон солҳо дар Раёсати корҳои дохилии вилояти Бадахшон Сардори шӯъбаи тафтишот буд. Ва шабу рӯз дари утоқи кориашро баста қофияро тафтишу вазнро ҷустуҷӯ мекард.

Дар он замон дар Помир сӯзишворӣ ва нақлиёт фаровон набуд. Дар ҳолатҳои қабули меҳмонон ва сафарҳои эҷодӣ Акбари Абдулло нақлиёт мефиристод. Боре шоиреро бояд ба Гармчашма мебурдем. Бечора ба Помир бе иҷозатнома омада будааст. Баробари дидани машинаи милиса роҳи гурез гирифт. Баъди чанд соат ба ӯ фаҳмонданд, ки ин мошина дар хидмати ӯст ва ҳеҷ гуна гумони бад набарад..

Дар яке аз маҳфилҳо Акбари Абдулло чанд шеърашро хонд. Табиб ва шоири мардумӣ Насридиншоҳи Ҷалолӣ баъде, ки фаҳмид Акбари Абдулло милитсионер аст, гуфт:

– Бар падарат раҳмату бар роҳбари синфат лаънат!

Акбар бо тааҷҷуб сабаби лаънатро пурсид.

– Маълими мактабатон дарси касбинтихобкуниро ҳеҷ нагузарондаанд. Шоири тайёрро касби милитсионерӣ доданд. Агар вақтатро ба ин касб сарф мекардӣ, кайҳо дар ҷодаи шеър генерал мешудӣ.

## КПСС ва Мавлои Рум

Албатта касбро аз овони мактабхонӣ интихоб мекунанд. Аммо истеъдод яздонист. Борҳо ман ривояти «Ҷангалбон ва Ҳазрати Исо»-ро нақл кардаам.

Ривоят мекунанд, ки бо амри Худованд ҳамаи пайғамбарон ба дарбори Худо даъват мешаванд. Дар ин даъват ҳанӯз касе нерӯи мӯъҷизавии пайғамбарӣ надошт. Аз ҷумла Ҳазрати Исоро низ лозим омад ба сафар барояд. Дар роҳ аз анбӯҳи ҷангал гузашта роҳро гум кард. Дар шаби тор сӯи равшание роҳ тай намуд. Ҷангалбони пир мусофири роҳи ҳақро обу ғизо дод ва субҳ роҳи рафтан нишон дод. Чун Ҳазрати Исо бо нерӯи мӯъҷазавии пайғамбарӣ баргашт, хост, ки ба ҷангалбон некӣ кунад.

Ҷангалбон ба чизе ниёз надошт, аммо талаби боисрори Исо ӯро маҷбур кард, ки мушкилоташро гӯяд.

– Оби дарё ҷангали маро зер мекунад, аммо шумо дар ин мушкили ман оҷиз ҳастед.

Ҳазрати Исо чун назар ба дарё кард, обаш поин шуд.

Ҷангалбон дасту по хӯрда гуфт:

– Ин тавр бошад, теппаи он сӯи ҷангалро низ гум кунед!

Теппа низ андар як мижа задан нопадид гардид.

Дар ин лаҳза тифлаки ҷангалбон ба назди Ҳазрати Исо омада бо илтиҷо гуфт:

– Ба ман чун ин булбулакон овози фораму дилнишин ато кунед!

– Мутаассифона, ин дар чавқоти қудрати ман нест. Истеъдодро танҳо Худо меофарад…

Акбари Абдулло чун дидаи ақл кушод, ба мусиқӣ ва суруд дил баст. Вале намедонист истеъдоди яздониро ба кадом самт равона созад.

Борҳо кӯшиш кардам, ки аз Акбар сабаби милитсионер шуданашро фаҳмам, вале асрори касбро ифшо намекард. Истеъдоди Акбар 15 сол дар «маҳбас» буд. Ҳатто дар овони донишҷӯӣ низ ҷини маҳорати ӯ аз хум бадар намешуд.

Ба муаммои баҳси касб шоир Ато Мирхоҷаи Нерӯ ҳамроҳ шуда гуфт:

– Маҳз Помир чашмаи маҳорати Шуморо фаввора занонд.

– Агар дар ин ҷо истеъдод фаввора мезад, устодони сухан Миршакару Тилло Пулодӣ, Нодир Шанбезода,

Ҳайдаршо, Салимшо аз Помир намегурехтанд, – эътироз кард Акбар.

– Замоне фаро мерасад, ки барои шӯҳрати Акбари Абдулло Кӯлобу Бадахшон талош мекунанд. Мисли зодгоҳи бузургони пешинаи мо баҳсҳои ҷиддӣ мешавад, – гуфт Муҳиддин (Имрӯз ин тахмин баръакс аст, мутаассифона, на Хатлон ӯро дар тазкираҳояш ҷо медиҳаду на Бадахшон ба қатори суханваронаш дохил мекунад).

Баҳори даврони рукуд буд. Маҳфили адибони Бадахшон зуд-зуд ба фермаҳои чорводорӣ сафар мекард. Албатта, чорвоён он қадар ба адабиёт иштиёқ надоштанду чӯпонон низ аз мо безор буданд. Вале барои адибони ҷавони он замон дар як ҳафта гӯшти тару тоза хӯрдан зарур буд.

Дар яке аз чунин сафарҳо олими варзида Додихудо Карамшо низ ҳамсафари мо буд. Таъминоти моддӣ-техникии сафарро Акбар Абдулло таҳия кард. Дар роҳ байтбарак сар шуд. Дар ним соат Акбар дар баробари шоирони касбӣ Ато Мирхоҷаи Нерӯ, Раънои Мубориз, Лаълҷӯба ва Сардор Раҳдор бадоҳатан байт мегуфт.

Устод Ширин Бунёд бо ҳайрат гуфт:

– Ман гумон доштам, ки Алиакбар баъди шеъри «Ман калон мешавам, Қаҳрамон мешавам» сукут мекунад.

Устод Додихудо Карамшо ки он қадар ба шеърхонию шеърталошии мо таваҷҷӯҳ надошт, бадоҳатан гуфт:

*Аз қафои шеъри Акбар чун давид,*
*Кафши Ширин аз тагаш садпора шуд.*

Ба ҳамин аҳвол то шом маҳфил идома ёфт.

Бо тақозои замон, фаҳмидани чор ҳарфи форсӣ ва муздурӣ банда ба Афғонистон сафар кардам. Акбар барои хайрухуш наздам омада маслиҳатомез гуфт:

– Аниқ барои мошинхарӣ меравӣ. Аммо аз ёдат набарояд, ки аз рули адабиёт маҳрум мешавӣ.

– Дар умрам орзуи мошин надоштам.

– Набошад барои чӣ ҷонатро болои каф мемонӣ?

*Рӯ ба чек[1] овардани равшандилон аз баҳри чист?*
*«Зарплат» оинаро мӯҳтоҷи хокистар кунад.*

Баъди адои қарзи интернатсионалистӣ ба Хоруғ баргаштам. Воқеан Акбари Абдулло хеле пеш рафтааст. Дар баробари эҷод шабу рӯз мутолиа мекард. Чун таомули айём барои дӯстони эҷодкорам қаламҳои ҷопонӣ тӯҳфа овардам. Акбар қалами қиматбаҳоро гирифта гуфт:

– Наҷ! Ту аз сарзамини шеър ва китоб омадай. Ин ручкаатро чӣ кор кунам? Ман шеърҳоямро бо қалами оддӣ ҳам менависам. Ба ман китоб даркор!

Албатта, бо машаққати зиёде ман чанд китобро аз хориҷи кишвар оварда будам. Он вақт барои мо, тоҷикон, овардани китобҳои хати форсӣ ва нашри Эронро мамнӯъ карда буданд. Вале дар дунё гиреҳи намекушодагӣ нест. Дар консулгарӣ ҳамзамон барои русҳо бурдани Библия ва салибҳои савғотӣ манъ буд. Аз ин рӯ онҳо ин маводҳои мамнуашонро ба мо дода китобҳои форсиро аз Афғонистон мебароварданд. Дар Маскав мо моламонро иваз мекардем. Ман дар ивази як Библия ва як салиб 35 китоб овардам.

Аз Акбар Абдулло пинҳон кардани китоб мумкин набуд. Дарав ҷевонро кушода китоби бузурги «Маснавӣ»-ро гирифт.

– Бародари азиз, ман хонаамро медиҳаму ин китобро не!

– Хонаат ба ман даркор не! Аммо китобро худат бо илтиҷо ба ман медиҳӣ.

Ман, албатта, инро шӯхӣ фаҳмидам. Зеро бовар доштам, ки майори милисаи советӣ ба ягон пастӣ даст намезанад. Ба ҳар ҳол, китобро бурда дар ҷевони оҳанини редаксия пинҳон кардам.

Чанд ҳафта пас дар идораи мо маҷлиси ҳисоботӣ-интихоботии партиявӣ эълон шуд. Дар он замон ба маҷлиси партиявӣ бо шиму костюм ва галстуки нав мерафтанд. Ман шиму галстукро тайёр карда, аммо билети партиявиро пайдо намекардам. Гум кардани билети партиявӣ дар он вақт

[1] пули хориҷии он айём

ба марги бефотеҳа монанд буд. То саршавии маҷлис се соат вақт монда буд. Тамоми аҳли оиларо ба кофтукоби билети партиявӣ сафарбар кардам. Бисёр маводҳои таърихии асримиёнагӣ аз хонаи мо ёфт шуданду аз билет дараке набуд. Бо маслиҳати чанд дӯст ҳатто ба фолбинҳо муроҷиат кардам. Фолбин гуфт, ки он чизеро шумо гум кардед, чоркунҷа аст.

– Билет секунҷа намешавад! – дод задам ба фолбин.

– Ором шавед, чизи гумкардаатон дар об аст.

– Худо зад. Билет дар об фалокат аст. Вале кадом об, маълум нест.

Бо фолбин хисобу китоб карда ба идора омадам. Қарор додам ки худамро ба касалӣ андохта аз маҷлис мегурезам. Аммо ин нақша низ бобарор набуд. Дар маҷлиси порсола як ҳамкори моро аз шӯъбаи наҷот (реаниматсия)-и касалхона оварда каташро бо 6 табиб дар маҷлисгоҳ ҷо карданд. Бечора пеш аз овоздиҳии пӯшида чашмонашро аз ин дунё пӯшид.

Ба идораҳои расмӣ низ муроҷиат кардан баробари бо Усома бин Лодан дар Амрико қудо шудан буд.

Дар чунин лаҳза фақат ба устод Ширин даҳон кушодан мумкин. Ширин баробари шунидани ин хабар 3 дона доруи дилро пайи ҳам фурӯ бурд.

– Корат шудагӣ, бача! Ба ҷои билет каллаатро гум мекардӣ, беҳтар. Ҳамаи ҳизбиён каллаҳояшонро кайҳо гум кардаанд. Вале билетҳояшон дар киса! Ягона чора фақат худкушӣ ҳаст. Дар таърих бо чор ҳаҷвия аз ту ном боқӣ намемонад, вале чун шаҳиди партиявӣ дар ҳама маҷлисҳо номатро зикр мекунанд.

Бо ним шиша арақ каллаамро ором кардам ва қарор додам, ки рӯирост рафта аз гум шудани билет иқрор мешавам. Аз ҳизб ронанд ҳам, аз хона пеш намекардагиянд, аз дил гузарондам.

Дар ҳамин лаҳзаи бӯҳронӣ дарбони редаксия маро ба телефон ҷеғ зад.

– Наҷ, шунидам имрӯз дар маҷлиси партиявӣ баромад мекунӣ? – пурсид Акбар.

– Агар дӯст бошӣ, зуд ба наздам биё. Аҳволам бад. Як кори расво шудагӣ, – бо овози гиряолуд гуфтам.

– Чӣ, ту ақлатро хурдаӣ магар, ки маҷлиси паритявиро кори расво мегӯӣ?

Баъди чанд дақиқа Акбар ба идора омад.

– Ҳа, ҷӯра, тинҷӣ? Чӣ гап шуд?

– Ман билети партиявиро гум кардам. Ба тақдирам хати сиёҳ кашидам.

– Ҳмм, дар хақиқат корат чатоқ. Ҳама ҷоро дидӣ?

– На гӯристон монду на хонаҳо..

– Парво накун, илоҷашро меёбем. Корҳои фаврӣ-ҷустуҷӯиро амалӣ намуда як билет не, даҳ билет ёфта медиҳам. Аммо як шарт – худи ҳозир китоби «Маснавӣ»-ро ба дасти ман месупорӣ. Баробари супурдани китоб бо соядаст шумо билетро аз дасти ман мегиред.

Дигар ягон илоҷ надоштам. Соати 3-00, ду соат пеш аз маҷлис лаҳзаи ивази билет бо китоб дар назди анбори заводи нон муқаррар шуд. Мувофиқи шарти пешакӣ бояд аввал ман китобро месупоридам (Агар ин амалро Акбари Абдулло дар ин рӯзҳо мегузаронд, чун қаҳрамон раиси ҳизби демократҳо интихоб мешуд). Вақти додани китоб Акбар гуфт:

– Не, ҷӯра, ин хел не! Ту аз ман илтиҷо кун, ки ман ин китоби муқаддасро гирам.

Ман билетро гирифта аз хурсандӣ фаромӯш кардам, ки соати 6 маҷлис аст. Такрор ба такрор ба Акбар ташаккур мегуфтам. Аммо бехабар аз он ки ин амалиёт як моҳ пеш аз тарафи ӯ тарҳрезӣ шуда будааст.

Барои мутолиаи «Маснавӣ» Акбар дар як муддати кӯтоҳ алифбои форсиро омӯхт. Ва кашф кард, ки аксари шоирони маъруфи муосир ин китобро пурра нахондаанд.

Баъди нашри силсилаи сурудҳо оҳангсозони Бадахшон ба сухани Акбар либоси мусиқӣ пӯшонданд. Худи Акбари Абдулло низ ба чанд сурудаш оҳанг баст. Сипас бо рубоб хонд. Чун дид касе таваҷҷӯҳ намекунад, худаш гӯш мекард. Рӯзе тасодуфан чанд мутахассиси мардумшиноси хориҷӣ ба Помир омаданд. Онҳо намунан мусиқии мардуми

куҳистонро ҷамъ меоварданд. Аз ким-куҷо суруди сабтшудаи Акбар ба дасташон афтидааст. Ба идораи эҷодиёти халқ рафта соҳиби оҳангро пурсиданд.

Мансабдори ин идора меҳмононро истинтоқ намуд, ки ин касета аз куҷо ба дасташон афтидааст.

Онҳо як сол боз онро дар ҷевонҳояшон ҷустуҷӯ мекунанд. Мансабдор онҳоро ба Раёсати корҳои дохилӣ бурд. Ранги меҳмонҳо канд. Яке аз онҳо бо илтиҷо гуфт, ки ин касетаро дуздӣ накардааст. Онро дар як қишлоқ ба ӯ тақдим карданд.

– Меҳмони азиз! Мо Шуморо ба милиса назди муаллифи оҳанг овардем. Ҳатто баъдтар ду сурудашро бо номи як оҳангсози ҳиндӣ муаррифӣ карданд.

Мӯҳлати адои хидмати Акбар дар Помир ба охир мерасид. Агар дар касби милитсионерӣ як ситора изофӣ гирифта бошад, дар майдони шеър чанд ситора дорад.

Пеш аз хайрухуш устод Ширин Бунёд гуфтанд:

– Аз Помир ё олиму шоир шуда мераванд, ё алкаголик. Хайрият, шумо бо китоб ва маърифат меравед, Акбаршоҳи азиз!

*Раънои МУБОРИЗ*

# ШАСТИ ПУРШАСТ МУБОРАК

Бо бародари азизам, шоир Акбари Абдулло шиносоии 23-сола дорам, аммо хаёлам мо якумр бо ҳам будаем, дар як муҳит, дар як фазо камол ёфтаем . Ӯ бо ман ба забони шуғнонӣ ҳарф мезанад, ман бо ӯ ба лаҳни мардуми Кӯлоб. Ин фарзанди Хатлонзамин ба забони шуғнонӣ басо шевою ширин сухан мегӯяд. Ба наздикӣ ба ман сим зад. Ба забони модариам гарм ҳолпурсиам кард ва ҳайратзада пурсид:

– Раъно, нашинохтӣ маро? Ин қадар ҷиддӣ гап мезанӣ.

Гуфтам:

– Наход, ки акаи Бӯрибекро нашиносам? Одамро меранҷонед, ака, охир аз Бадахшон дур бошам ҳам, наход шумо, бародаронамро фаромӯш кунам?

Баланд хандиду гуфт:

– Чиҳо гуфта истодаӣ, Раъно? Кадом Бӯрибек? Ман акаат Алиакбар, ин ҷо ҳамроҳи Низом Қосим сӯҳбат карда шиштем.

Хоҳиш кардам, ки як лаҳза гӯширо ба Низом диҳад.

Арз кардам:

– Акаи Низомиддин, ягона помирие, ки дар Душанбе ҳам помирӣ мондааст, ҳамин Алиакбар аст. Бовар мекунед, дар муҳити хонаводагиам ҳатто бо ман ҳама ба забони тоҷикӣ гап мезананд. Ба худо, шукронаи Алиакбари азиз, ки забони помириро зинда нигоҳ медорад.

... Бародарам Алиакбарро бори аввал дар Бадахшон ҳамроҳи устод Ширин Бунёд дар идораи радиошунавонии вилоятӣ дида будам. Барои як барномаи адабӣ шеър қироат мекард. Шеърхониаш чунон боҳарорату хотирнавоз буд, ки кас лаззати маънавӣ мебурд. Ин соли 1987 буд. Ҳамон сол ман донишгоҳи олиро хатм карда, ба ҳайси корманди бахши адабиёт дар рӯзномаи вилоятии «Бадахшон» кор мекардам. Баъдҳо донистам, ки Алиакбар Шарифович дар

мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилоят адои вазифа мекунад ва ҳамзамон шоири рангинхаёлесту узви маҳфили «Адибони ҷавони Бадахшон». Ашъораш пайваста дар рӯзнома чоп мешуд, ҳофизони бадахшӣ ба ашъораш оҳангҳои марғуб мебастанд. Аз ёдам намеравад, ки чӣ тавр моҳи августи соли 1987 дар таҷлили Рӯзҳои адабиёт дар Бадахшон ҳамроҳи шоирон Гулрухсор, Раҳмат Назрӣ , Ҳабибулло Нозирӣ, Озод Аминзода, Юсуфҷон Акобиров, Акбари Абдулло, Ато Мирхоҷа, ман ва дигарон шабе дар хонаи устод Ширин Бунёд ва шаби дигар дар хонаи устод Мирсаид Миршакар дар ноҳияи Рошткалъа қариб то дили субҳ шеърхониҳо мекардему Наҷмиддини Шоҳинбод ҳаҷвияҳои намакин мегуфт.

Акбари Абдулло, баъдҳо барои ифои вазифа озими Душанбе шуд ва соли 1997, баъди хомӯш шудани нотинҷиҳои ҷанги бардаркушии точикон ба дасти нафаре аз Душанбе ба ман «Кошонаи сӯхта» ном китоби тоза ба чоп расидаашро фиристонд. Китоб чунин навиштаҳо дошт: «Ба хоҳараки азизу гиромиқадрам Раънои Мубориз, бо ёди рӯзҳои неки дар Бадахшон гузаронидаам ва ниятҳои неки фардо аз муаллиф». Бо чашми пурнам «Кошонаи сӯхта»-ро варақ задам.

*Бар сари андеша бояд омад акнун, тоҷико!,*
*Чунки бедодӣ бишуд з-андоза афзун, тоҷико…*
*Оқилон овораву сарсон зи дасти ҷоҳилон,*
*То ба кай бологузар ин сифлаву дун, тоҷико?*

Ин мисраъҳои Акбар гӯё аз номи ман гуфта шуда буданд, чунки ҳамон лаҳзаҳо айнан банди ҳамин андешаҳои дарднок будам.

Бо амри сарнавишт соли 2003 ман ҳам сокини шаҳри Душанбе шудам ва китобҳои дигари Акбари Абдулло – «Розҳои танҳоӣ», «Фарёди дур», «Фарёди ёри дур»-ро хондам ва эҳсос кардам, ки бародари шоири ман аз китоб то китоб хеле сабзидааст.

Ва имрӯз, ки ин шоири низомӣ, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, полковники ба истеъфобаромада ба синни мубораки 60 мерасад, ман хоҳарона бароящ баҳорҳои бехазони умрро таманно карда, бо як шеъри худаш ба суханам хотима мебахшам:

*Зумрае дилбастаи ин даҳри дун,*
*Мо ба он дунёи зебо меравем.*
*Маскани инҳост гар рӯи замин,*
*«Мо зи болоем, боло меравем».*

***Ш.НАЗАРОВ***
*Генерал майор,*
*Муовини вазири корҳои дохилии ҶТ*

# БО ПАЙРОҲАИ ПАДАР

Шоир ва ходими хизматӣ – Акбари Абдуллоро бисёриҳо мешиносанд ва эҳтиром менамоянд.

Падари шодравонаш Абдуллоев Шариф (1914-1983) аз аёми ҷавонӣ ба сохторҳои вазорати умури дохилӣ шомил гардида, дар ҷодаи устувор намудани қонуният ва мубориза алайҳи ҷинояткорӣ софилона хизмат намуда, саҳми босазо гузоштааст. Баъд аз хатм кардани мактаби махсуси милитсияи шаҳри Фрунзеи (Бишкеки ҳозира) ҷумҳурии Қирғизистон тайи соҳои 40-50-уми қарни 20 дар навоҳии Ховалинг, Сари Хосор, Мӯминобод ва Дашти Ҷум ба ҳайси муовин ва сардори шӯъбаи корҳои дохилӣ ифои вазифа намудааст. Аз соли 1957 то соли 1964 дар вазифаи сардори ШКД ноҳияи Восеъ кор кардааст.

Хизматҳояш бо орденҳои «Ленин», «Байрақи Сурх», медалҳои «Барои хизмати шоиста дар мақомоти умури дохилӣ» (дараҷаҳои 1,2,3,), Ифтихорномаи Президиуми ШО ҶСШ Тоҷикистон ва дигар мукофотҳои пулию молӣ қадр шудаанд.

Алиакбар бо пайроҳаи падар қадам гузошта, баъди таҳсили мактаби миёнаи №1, ба номи Т.Г.Шевченко ноҳияи Восеъ, соли 1969 техникуми индустриалӣ-педагогии шаҳри Душанберо, соли 1976 мактаби Олии ВКД Иттиҳоди Шӯравӣ воқеъ дар шаҳри Тошканд, соли 1981 курсҳои махсуси Донишгоҳи такмили ихтисоси Прократураи Генералии Иттиҳоди Шӯравӣ воқеъ дар шаҳри Ленинградро, соли 1986 курсҳои олии Академияи ВКД Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Москваро ва соли 1995 курсҳои махсуси Академияи вазорати амнияти Миср, воқеъ дар шаҳри Қоҳираро хатм намудааст.

Солҳои 1976 – 2006 дар вазфаҳои гуногуни роҳбарикунандаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор карда аст. Алиакбар Абдуллоев аз ҷониби роҳбарияти Вазорати корҳои дохилии ҶТ ба кадом минтақаи хизматие, ки фиристода мешуд, ҳамеша бо ҳисси баланди масъулият аз иҷрои вазифаи худ мебаромад ва аз ин рӯ дар байни мардум ва кормандон сохиби обрӯ ва эътибор аст.

Алалхусус хизматҳои А. Абдуллоев оид ба барқароркунии ҳокимияти конститутсионӣ ва ҷорӣ кардани тартиботи ҳуқуқӣ, ҳангоми адои хизмат дар вазифаҳои масъули сардори ШКД ноҳияи Варзоб, сардори ШКД шаҳри Норак, сардори шӯъбаи минтақавии Раёсати мубориза алайҳи ҷиноятҳои муташаккили ВКД дар шаҳри Кофарниҳон ва муовини сардори Раёсати корҳои дохилии ВАБК назаррас мебошад.

Барои хизматҳои софдилонааш борҳо аз ҷониби роҳбарияти ВКД ҶТ бо мукофотҳои гуногун сарфароз гардонида шудааст.

Дар баробари адои хизмати низомӣ ва давлати, А. Абдуллоев пайваста бо эъҷоди шеър машғул буд. Шеърҳояш аз солҳи 70-уми қарни 20 то имрӯз дар матбуоти даврӣ ба табъ мерасанд. Ӯ муаллифи маҷмӯаҳои «Розҳои танҳоӣ» (1991), «Фарёди дур» (1993), «Фарёди ёри дур» (1994), «Кошонаи сӯхта» (1997), «Созҳо ва розҳо» (2001), «Андешаҳо» (2004) ва «Ниёзи дил» (2008) мебошад.

А. Абдуллоев соҳиби унвонҳои ифтихории «Корманди хидматнишондодаи ВКД», «Аълочии ВКД», «Аълочии фарҳанги ҶТ», устоди варзиши ИҶШС оид ба гӯштини «дзю-до» мебошад.

Дорандаи рутбаҳои махсуси низомии полковники милитсия, полиси андоз ва мубориза алайҳи коррупсия мебошад.

Аз соли 1993 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва аз соли 2006 узви Иттифоқи Конфедератсияи журнали-

стони кишварҳои муштаракулманофеъ буда муаллифи зиёда аз 30 мақолаҳои илмӣ дар соҳаи ҳуқуқ ва мубориза алайҳи коррупсия мебошад.

9-июни соли 2010 Алиакбар Адбуллоев ба сини мубораки 60-солагӣ қадам мениҳад. Раёсати ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯро ҳамчун собиқадори вазорати корҳои дохилӣ табрику муборакбод гуфта барояш саломатӣ умри бардавом ва дар корҳои созандагиаш муваффақиятҳои беназир орзу менамояд.

***Лидия ИСАМОВА***
*корреспондент РИА «Новости»*
*в Таджикистане*

***Назарали ПИРНАЗАРОВ***
*главный редактор газеты «События»*

## ЕГО ПОЦЕЛОВАЛ БОГ

Есть такое выражение – «его поцеловал Бог», подразумевающее, что Всевышний дал этому человеку разнообразные таланты. Так вот это выражение можно полностью отнести к поэту, музыканту, актеру и полковнику милиции Алиакбару Абдуллоеву.

Самой судьбой ему велено было пойти по стопам отца, Шарифа Абдуллоева, известного в годы СССР сотрудника милиции, в 40-50 годы работавшего на руководящих должностях ОВД в районах Ховалинг, Сарихосор, Муминобад и Даштиджум. В 1957-1964 году был начальник ОВД Восейского района. За заслуги в работе отец Алиакбара Абдуллоева был награжден орденами Ленина и Красного знамени.

После окончания школы, Алиакбар Абдуллоев в 1969 году окончил индустриально-педагогический техникум города Душанбе, в 1976 году – высшую школу милиции МВД СССР в Ташкенте, 1981 году – специальные курсы института повышения квалификации Генеральной прокуратуры СССР в Ленинграде, в 1986 году Высшие курсы Академии МВД СССР в Москве, 1995 году специальные курсы Академии министерства безопасности Египта в Каире.

В 1976 – 2006 годах он занимал различные руководящие посты в структуре МВД республики. Стоит отметить, что куда бы не послали работать Алиакбара Шарифовича, он всегда с высокой ответственностью справлялся со своими обязанностями.

В годы гражданского противостояния работал начальником ОВД Варзобского района (1993 – 1997г.г.), начальником Нурекского ОВД (1997-1999 г.г.), главой регионального управления по борьбе с организованной преступностью МВД в городе Кафанихон( ныне Вахдат) (2000-2002 г.г.) и замначальника УВД ГБАО (2003-2004 г.г.).

В годы войны ради справедливости, он почти ежедневно рисковал своей жизнью, но честно исполнял свой профессиональный долг. Его до сих пор с благодарностью вспоминают многие жители Варзобского района и города Вахдат, которым он помог в самое трудное для них время. На протяжении своей длительной трудовой деятельности он был учителем для многих молодых сотрудников милиции, которые в настоящее время работают на различных должностях в системе МВД РТ.

За заслуги он неоднократно награждался руководством МВД Таджикистана, ему были присвоены почетные звания: «Заслуженный работник МВД», «Отличник Советской милиции» и «Отличник МВД». После ухода из системы МВД в 2006-2007 годы он работал зам. начальника следственного управления налоговой полиции РТ. Был одним из тех, кто организовывал деятельность Агентство по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией РТ с первых дней её создания. В период 2007-2008 годы работая на должности заместителя начальника управления Агентства внес большой вклад в разработку деятельности данного ведомства.

Несмотря на сложное время становления государственности Таджикистана, тяжести милицейской службы и постоянная отдача работе, тяга к творчеству не утихала.

Еще с 70-х годов прошлого столетия его стихи постоянно публиковались в печати. За это время из-под его пера вышли сборники стихов: «Розхои танхои» (1991г.), «Фарёди дур» (1993 г.), «Фарёди ёри дур» (1994 г), «Кошонаи сухта» (1997 г.), «Созхо аз розхо» (2001г.), «Раздумье»

(2004 г) и «Ниёзи дил» (2008 г). С 1993 года он является членом Союза писателей и с 2006 года член Конфедерации журналистов СНГ.

Кто слышал его необычный сильный голос, никогда его не забудет, он поет песни на свои стихи, Шашмаком так, что ему позавидовал бы любой профессиональный певец.

Алиакбар Шарифович человек щедрой души, поэтому его всегда окружают друзья и единомышленники, он свой и среди своих коллег по правоохранительным органам и в среде деятелей культуры, науки и образования. Среди его близких друзей много членов правительства и министров, хотя Алиакбар никогда это не афиширует.

Песни, на его стихи исполняют лучшие голоса Таджикистана, среди которых: Афзалшо Шодиев, Давлатмад Холлов, Сураё Косимова, Сангали Мирзоев, Курбонали Рахмонов, Малика Саидова, Хуршед Алидодов, покойный Тоджиддин Мухиддинов.

Особо гордится Алиакбар дружбой с известным иранским кинорежиссером, ставшим уже легендарной фигурой в области мирового киноискуства Мухсином Махмальбофом. Увидев его своеобразный талант, искренность и только свойственную Алиакбару индивидуальность, Махмальбоф предложил ему небольшую по экранному времени, но очень значимую роль в своем фильме «Любовь», который он снял в Таджикистане в 2004 году. Алиакбар Шарифович играет там поэта-философа, с которым встречается главный герой фильма (Далер Назаров) и раскрывающий ему смысл жизни…

Несмотря на постоянную занятость и полную отдачу работе Алиакбар Абдуллоев достойно воспитал четырех детей, три его сына, для которых он всегда был примером служения Родине, пошли по стопам отца, чем он очень гордится.

У него прекрасная память, он знает наизусть суры из Корана, стихи Хаяма, Джоми, Рудаки, Фирдавси, которые цитирует всегда вовремя и к месту.

В 2008 году он образовал и возглавил Республиканскую общественную организацию «Центр антикоррупционного просвещения и пропаганды». В его кабинете постоянно можно видеть его единомышленников, ученых и журналистов. Люди приходят к нему кто за советом, кто за помощью, кто просто пообщаться за пиалой крепкого зеленого чая – любимого напитка Алиакбара.

Глядя на этого энергичного, обаятельного, полного сил и энергии и планов на будущее человека, никогда не скажешь, что 9 июня ему исполнилось 60 лет.

***Ҳақназари ҒОИБ***

*Барои Алиакбари Абдулло,*
*дӯст ва бародари шоирам*

Зи рӯзе, ки шудӣ дар синаи ман  ҷо, Алиакбар,
Зи меҳрат гашт дар дил меҳри нав боло, Алиакбар.
Туӣ шоир, туӣ ровӣ, туӣ ҳофиз, туӣ мутриб,
Туӣ бо мардият як шахси беҳамто, Алиакбар.

Биёӣ, маърака бо ҳастият пайдо кунад маъно,
Зи шавқу завқу як эҳсоси пурмаъно, Алиакбар.
Туӣ роҳбар, туӣ чокар ба табъи шоҳвори хеш,
Ба ҳар дил, ки сафар кардам, туӣ пайдо, Алиакбар.

Гаҳе бо Мавлавӣ бошӣ, гаҳе Бедил туро ёвар,
Гаҳе Шоҳин мададгорат шавад ҳар ҷо, Алиакбар.
Гаҳе шӯхию пуршӯрӣ, гаҳе орому ботамкин,
Гаҳе чун фикри нопайдо шавӣ пайдо, Алиакбар.

Алигият бишуд акбар зи шеъри шӯрангезат,
Бирез аз табъи худ ту шеъри чун дарё, Алиакбар.
Намедонам чи кас ҳастӣ ба ин дунёи рангинат,
Ки бо меҳрат бигаштӣ ин қадар аз мо, Алиакбар.

*Май, соли 2011, Офтоблиҷо*

*Низом ҚОСИМ*

## ҚАСДИ МАНУ ТУ

*Барои Акбар Абдулло*

Қасди ману ту бошад мо сохтан зи манҳо,
Дил кофтан зи гилҳо, ҷон ёфтан зи танҳо.

Қасди ману ту бошад дар даҳри зардрӯӣ
Дидан зи барги сабзе сарсабзии чаманҳо.

Дар даҳри кӯҳна умре ҷустем маънии нав,
Шуд кори қисмати мо нав кардани куҳанҳо.

Дур аз амал чи гӯӣ моро ту, эй амалдор? –
Беш аз басо амалхост моро накӯ суханҳо!

Дилсӯзу аз Ватан дур соҳибватан зиёд аст,
Кам нест дар Ватан ҳам бесӯз бееватанҳо!

Эй муддаӣ, чӣ гӯем аз сӯзи хеш бесуд? –
Дудӣ туву чӣ донӣ бедуд сӯхтанҳо!

Мардему қисмати мо бо фахру сарбаландӣ
Будаст сар ниҳодан умре ба пои занҳо!

Ёрони мушкмӯе моро кам аз Хутан нест,
Хандон ақиқлабҳо бешанд аз яманҳо!

Дилро баҳои дил деҳ, ҷонро баҳои ҷоне,
Ин аст, эй дилу ҷон, аз худ бурун шуданҳо!

Ҳар ҷо, ки акбаре ҳаст, бо назму бо низом аст,
Яъне, низоми дунёст акбар зи ҷаҳди манҳо!

*26.04.10*

***Баҳриддин АЛАВӢ***

*Эҳдо ба шоир Акбари Абдулло*
*дар ҷашни 60-солагиаш*

Садо ояд, садо ояд, садо аз ломакон ояд,
Зи табъи форами Акбар ғазалҳои равон ояд.

Ҳама ёрон ба майхона гирифтори шаробастанд,
Ба сӯи маҳфили ёрон паёпай меҳмон ояд

Чунон рақсему по кӯбем байни давраи мастон,
Ки худ он ҳазрати Румӣ ба пеши мо давон ояд.

Агар аз тахти мансаб омадӣ поён ту, боке нест,
Баландии суханро фатҳ бояд, гар гарон ояд.

Дареғо, ин замон қадри сухангӯ хор гардида,
Машав ғамгин, ки баҳри шоирон давру замон ояд.

Халоиқ ҷумла дар зулмат ҳама сӯи Худо ноланд,
Дар ин дунёи зулмонӣ дурахше ногаҳон ояд.

Зиҳӣ шоир, зиҳӣ шоир, туӣ равшангари дилҳо,
Ки шеърат ҷон физояд, ҳар гаҳе вирди забон ояд.

Дуогӯи туам сӯи Худо дар рӯзи мавлудат,
Ки шаст омад, ҳамехоҳам, ки сад аз пушти он ояд.

## БАРОИ АКБАР АБДУЛЛО

То маншаи шеъру дафтари имло ҳаст
В-аз лавҳу қалам каломи бисмилло ҳаст,
Дар шаст саҳифаи китоби умраш
Милоди Алиакбари Абдулло ҳаст!

Эй номаи шастсолаи арзи вуҷуд,
Савдои ту чист ҷуз раҳи шеъру суруд!?
Шасте, ки салом асту салом асту салом,
Соле, ки дуруд асту дуруд асту дуруд!

*Ҷӯра ЮСУФӢ*

## БАРОИ АКБАРИ АБДУЛЛО

Накҳати гулҳои ашъори туро
То шамидам, шуд димоғам навбаҳор,
Боғбони меҳрубонӣ баски ту,
Рӯи ин гулзор кай гирад ғубор?

Даста баста мебаранд аз ин чаман
Ҳосили эҳсоси қалбат ҳар тараф,
Хонаи дилҳо ҳаловат мебарад,
Ҳаббазо, шоир, чунин шаъну шараф!

***Муҳиддини ШОҲИН***

*Барои Акбари Абдулло*

## ПАРВОЗ

Бихандиданд буму шоҳину боз,
Ки инсонро набудӣ пар зи оғоз.
Ҳама дар шохсорон лона карданд,
Вале мо то ба маҳ кардем парвоз.

## ПУРСИШ ВА ПОСУХ

Гуфтам дарё, ки то куҷо хоҳӣ рафт,
Чун рӯзу шабону солҳо хоҳӣ рафт?
Хандиду бигуфто, ки ҷавони нодон,
Ман меравам у ту аз қафо хоҳӣ рафт.

МУНДАРИҶА

Абдулҳамид Самад. Пайрави падар, вале шоир ........................... 3
Фарзона. Овози муфарреҳ............................................................ 7
Боймурод Шарифзода. Назаре ба ашъори Акбар Абдулло .......... 9
Сорбон. «Дилум, дилум, дилум-э»................................................ 36
Шарифмуроди Исрофилниё. Рози дили шоири дилдода........... 39
Хоҷамаҳмад Умаров. Дӯсти ҷонӣ ................................................ 47
Соҳибназар Раҳмонов. Дӯсти ҷамъи фазилат.............................. 53
Хайрандеш. Нигоҳе ба «ниёзи дил» ............................................ 56
Ато Мирхоҷаи Нерӯ. Акбари бадахшонӣ..................................... 64
Дарвеши Бохтарӣ. Ҳамдили соҳибдилон .................................... 71
Карим Абдулов. Ӯ барои васл кардан омадаст............................ 79
Наҷмиддин Шоҳинбод. Сухани кабири Акбари сухан ............... 83
Раънои Мубориз. Шасти пуршаст муборак ................................. 91
Ш.Назаров. Бо пайроҳаи падар ................................................... 94
Лидия Исамова, Назарали Пирназаров. Его поцеловал бог ....... 97
Ҳақназар Ғоиб. Зи рӯзе, ки шудӣ дар синаи ман ҷо ......... 101
Низом Қосим. Қасди ману ту ...................................................... 102
Баҳриддин Алавӣ. Садо ояд, садо ояд, садо аз ломакон ояд .... 103
Озарахш. Барои Акбар Абдулло ................................................ 104
Ҷӯра Юсуфӣ. Барои Акбари Абдулло ........................................ 105
Муҳиддини Шоҳин. Парвоз. Пурсиш ва посух ........................ 106

**ШОИРИ ДАРДҲО**

*(Меҳрномаи дӯстон ба
60-солагии шоир Акбар Абдулло)*

Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*

Ба матбаа 18.02.2011 супурда шуд. Чопаш 22.02.2011 ба имзо расид. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 8,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Китоб дар матбааи КММИИ «Аршан» чоп шудааст
н.Рӯдакӣ, ҷамоати Испечак, минтақаи Зафар